Ҷавонон бояд донанд, ки рушди устувори иҷтимоиву иқтисодии кишвар аз сатҳи пешрафти илму техника ва ҷорӣ намудани технологияҳои пешрафта вобастагии мустақим дорад. Бинобар ин, ҷавононро зарур аст, ки дар ин марҳала бо иродаи мустаҳкам ба фаъолияти самарабахши илмиву таҳқиқотӣ ва эҷодкориву навоварӣ машғул шаванд.

Эмомалӣ РАҲМОН

МАҶАЛЛАИ ИЛМӢ, МАЪРИФАТӢ ВА ТАЪЛИМИЮ МЕТОДИИ ВАЗОРАТИ МАОРИФ ВА ИЛМИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

ҲАЙАТИ МУШОВАРА:

Раҳим САИДЗОДА-вазири маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон
Анвар САФАРЗОДА-ёрдамчии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба масъалаҳои рушди иҷтимоӣ ва робита бо ҷомеа
Ҳомид ҲОШИМЗОДА-муовини якуми вазири маориф ва илм
Равшан КАРИМЗОДА-муовини вазири маориф ва илм
Илҳомуддин ИБРОҲИМЗОДА-муовини вазири маориф ва илм
Муҳаммадтоир САИДЗОДА-директори Агентии назорат дар соҳаи маориф ва илми назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон
Фарҳод РАҲИМӢ-раиси Кумита оид ба таҳсилоти ибтидоӣ ва миёнаи касбии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон
Қобилҷон ХУШВАХТЗОДА-президенти АМИТ
Аҳлиддин ИБОДУЛЛОЗОДА-ректори Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ
Зулҳия НОЗАКЗОДА-раиси Иттифоқи касабаи кормандони маориф ва илм
Баҳром ИСМОИЛЗОДА-сардори Сарраёсати маорифи шаҳри Душанбе
Зиёдулло АБДУЛЗОДА-сардори раёсати маорифи вилояти Хатлон
Аминҷон МИРЗОҚАНДОВ-сардори раёсати маорифи ВМКБ
Шавкат КАРИМЗОДА-директори Маркази ҷумҳуриявии таълимию методии назди ВМИ ҶТ

САРМУҲАРРИР
НУРАЛИЗОДА НОИЛШОҲ ИМОМАЛӢ

ҶОНИШИНИ САРМУҲАРРИР
Дилором ЗАБИРОВА

ҲАЙАТИ ТАҲРИРИЯ:

Муҳаммад ЛУТФУЛЛОЗОДА-узви пайвастаи АТТ, доктори илмҳои педагогӣ

Шамсуллоҳ ИСЛОМОВ-номзади илмҳои педагогӣ

Саида НАБИЗОДА-муҳаррири бахши мактабшиносӣ

Шодӣ РАҶАБЗОД-муҳаррири бахши филологӣ

Мамадҷон МАҲКАМОВ-номзади илмҳои педагогӣ, муҳаррири бахши фанҳои табиӣ-риёзӣ

МУҲАРРИРИ ТЕХНИКӢ:
Шаҳнозаи МИРЗО

Маорифи Тоҷикистон

Нишонӣ: 734024, ш.Душанбе, Айнӣ-126

Телефон: +992-37-225-82-23

E-mail: majallai-maorif@maorif.tj

Индекс: 77500. Маҷаллаи аз 24.02.2025 таҳти №399/ МҶ-97 дар Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон аз нав номнавис шудааст.

Маҷалла аз соли 1991 нашр мешавад.

Дар ҶДММ «Мега-принт» ба табъ расид. Андозаи 60х84 1/8. Адади нашр 7570 нусха.

СУРАТҲИСОБИ МАҶАЛЛА ДХ БДА «АМОНАТБОНК»

С/Ҳ: 20202972900816101000
Ҳ/К: 20402972316264
БИК: 350101626
РМА: 010009508

№8

№8 (256), 2026

М У Н Д А Р И Ҷ А

ДАР ҲОШИЯИ ПАЁМ

К. ИСОЗОДА. Таълифи китоби дарсӣ амали заҳматталаб аст.....3

БА ИСТИҚБОЛИ 1050-СОЛАГИИ РОБИАИ БАЛХӢ

Б. МАҚСУДЗОДА. Робиаи Балхӣ – шоири ошиқ ва озодманиш.....6

ДАР ҲОШИЯИ МАШВАРАТҲОИ АВГУСТӢ

Ш. КАРИМЗОДА. Мактаби муваффақ ба роҳбари муваффақ вобаста аст.....12

ТАЪЛИМ

Х. ОЛИМӢ. Нақши забон дар таҳқиқ ва таълими матнҳои «Наводир-ул-вақоеъ»-и Аҳмади Дониш.....19

БУЗУРГДОШТ

А. ЁРМУҲАММАДОВ. Асосгузори афкори маорифпарварона.....22

ТАРБИЯИ ВАТАНДӮСТӢ ВА ХЕШТАНШИНОСӢ

Ҳ. АҲМАДОВА. Осорхона забони худро дорад 27

ТАҚРИЗ

Н. ОХУНЗОДА. Таърихи адабиёти нави тоҷик: аз маорифпарварӣ то аҳди Истиқлол.....30

АФЗАЛИЯТИ ЗЕҲНИ СУНЪӢ

Ш. РАҶАБОВ, Б. ШАРИПОВА. Имконот ва усулҳои истифодаи платформаҳои интеллектуалӣ.....34

ГЕОМЕТРИЯ

А. ХОЛИҚОВ, Ш. ҚОДИРОВ. Бо ёрии формулаҳо ҳисоб кардани масофа аз нуқта то ҳамворӣ.....37

МЕТОДИКА

Р. МАХАНОВ. Методи ҳалли баъзе намудҳои системаҳои муодилаҳои ғайристандартӣ.....41

ХИМИЯ

А. АБДОЛБЕКОВ. Намунаи масъалаҳои озмунӣ ва ҳалли онҳо.....44

ФИЗИКА

Ҷ. НЕЪМАТОВ. Ташкили корҳои мустақилона дар таълими физика.....48

БИСТСОЛАИ ОМӮЗИШ

МАҲКАМОВ, А. РАЗЗОҚОВ. Нақши корҳои беруназдарсӣ дар ташаккули зеҳнии хонандагони синфҳои 5-7.....52

САНАД

Консепсияи миллии арзёбии сифати таҳсилот дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2044.....56

САЙҚАЛИ ЗЕҲН

Ҳ. ҲОМИДЗОДА. Кроссворди «НОДИР».....64

ТАЪЛИФИ КИТОБИ ДАРСӢ АМАЛИ ЗАҲМАТТАЛАБ АСТ



Комилшоҳ ИСОЗОДА – директори Муассисаи нашриявии «Маориф», доктори илмҳои биология

Яке аз масъалаҳои муҳимми зинаи таҳсилоти миёнаи умумӣ ва дар умум, соҳаи маориф, таълифи китобҳои дарсии насли нав мебошад.

Эмомалӣ Раҳмон

Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон аз рӯзҳои аввали Истиқлоли давлатӣ дар суханронӣ ва паёмҳояшон вазъ, мушкилот, роҳҳои пешрафт ва дурнамои соҳаи маорифро таҳти таваҷҷуҳ қарор дода, баланд бардоштани сифати таҳсилот, беҳтар намудани мазмуну муҳтавои китобҳои дарсӣ, таълиму тарбияи насли наврас дар руҳияи ватандӯстӣ, ифтихори миллӣ ва пос доштани арзишҳои миллӣ ва дар иртибот ба ин, таҳияи китобҳои дарсии насли навро таъкид мекунанд. Аз ҷумла, дар суханрониашон ба муносибати Рӯзи дониш ва Дарси сулҳ (30.08.2025) бори дигар ба ин масъала рӯ оварда, вазифаи китоби дарсии насли навро чунин муайян карданд: «Китоби дарсӣ бояд хонандаро на фақат ба дараҷаи шинохти илм расонад, балки андешаи ӯро бедор созад, дар ниҳоди хонанда ҷаҳонбинии дунявӣ, эҳсоси ватандӯстӣ ва худшиносии миллиро ташаккул диҳад»[1].

Имрӯз дар шароити муосири ҷаҳонишавӣ ва пешрафти илму техника таҳияи китобҳои дарсии насли нав яке аз масъалаҳои калидии соҳаи маориф ва илми кишвар ба ҳисоб меравад. Ҳамчунин, рақамикунонии таълим ва татбиқи Стратегияи миллии рушди маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 мутахассисон ва муаллифонро ба баланд бардоштани сифати китобҳои дарсӣ, тақвияти арзишҳои ватандӯстӣ ва устувории асосҳои илмӣ-таълимӣ водор менамояд.



Таҳияву таълиф ва омода намудани китобҳои дарсии насли нав зарурати асри XXI – замони дигаргуниҳои куллӣ, таҳаввулоти ҷиддии илму техника, рақамисозӣ ва инноватсия мебошад. Дар чунин шароит китобҳои дарсии насли нав абзори муҳимми таълиму тарбия маҳсуб меёбанд. Ҳамчунин, зарурати таҳияи китобҳои дарсии насли нав аз дигаргун шудани шеваи таълим бармеояд. Маълум аст, ки бо усулҳои куҳнаю анъанавии таълим наметавон донишу малакаи насли ояндаро ба андозаи зарурӣ баланд бардошт. Китобҳои насли нав, пеш аз ҳама, дар таълиму тарбияи босифат нақши муҳим бозида, муносибати эҷодкорона ва таҳлилии хонандаро тақвият бахшида, ба омӯзгорон имкони бештари интихоби

[1] Раҳмон, Эмомалӣ. Дониш – омили пешрафти ҷомеа ва сарчашмаи муваффақият. Суханронӣ ба муносибати Рӯзи дониш ва Дарси сулҳ.30.08.2025 / Э. Раҳмон. – Омӯзгор. – 2025. – №36. – 3 сентябри соли 2025.

методикаи гуногунро медиҳанд, омодагии насли навро ба бозори меҳнати рақобатнок таъмин месозанд.

Таҳияи китобҳои дарсии насли нав аз муаллифон омодагии комилро тақозо намуда, ба талаботи замон бояд мутобиқ бошанд, дар таълиму тарбияи насли ояндасози миллат нақши муассир гузорад. Маҳз ба ин сабаб, дар суханронии худ дар Рӯзи дониш, соли гузашта Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дастур доданд, ки китобҳои дарсӣ пеш аз нашр аз ташхиси олимони Академияи миллии илмҳо гузаронида шаванд. Ин маънои онро дорад, ки минбаъд дар асоси стандарту барномаҳои нав китобҳои дарсии насли нав таълиф карда мешаванд. Дар ин раванд дар руҳияи худшиносию тафаккури миллӣ таълиф ва таҳияи китобҳои дарсӣ дар ҷойи аввал меистад. Зимни таълифи китобҳои дарсӣ, пеш аз ҳама ба назар бояд гирифт, ки мазмуну мундариҷаи онҳо ба ҷаҳонбинӣ, дарку фаҳмиши насли наврас дар замони муосир ҷавобгӯ бошанд.

Мутахассисон бар онанд, ки методология ва принсипҳои умумии таълифи китобҳои дарсӣ бояд бознигарӣ карда шаванд. Дар ин маврид ҷанбаҳои зерин дар назар дошта мешаванд: барномаҳои таълимӣ, китобҳои дарсӣ ва дастурҳои таълимию методии насли нав, аз тамоми фанҳо, махсусан, аз фанҳои гуманитарӣ ва иҷтимоӣ бояд дар асоси дастовардҳои навтарини илму технологияи муосири ватанию хориҷӣ, худшиносии миллӣ, ифтихори ватандорӣ, шаъну шарафи шаҳрвандӣ, педагогикаи миллӣ ва ҷаҳонӣ таълиф ва таҳия карда шаванд.

Фарқи асосии китобҳои дарсии насли нав аз он иборат аст, ки онҳо ***хонандамеҳвар*** мебошанд. Ин китобҳо ба шогирдон имкон медиҳанд, ки донишу малакаашонро мустақилона такмил дода, ба донишандӯзӣ раҳнамун шаванд. Аз китобҳои дарсии насли нав хонанда на танҳо дониш мегирад, балки барои татбиқи дониши андӯхтааш роҳ пайдо мекунад.

Баробари ин, китобҳои дарсии насли нав бо технологияҳои иттилоотии муосир пайванди ногусастанӣ дошта, аз китобҳои маъмулӣ фарқ мекунанд. Ба онҳо дафтари хонанда, раҳнамо (тавсияҳои методӣ барои омӯзгор) илова мешавад. Масалан, яке аз китобҳои насли нав, ки аз тарафи Муассисаи нашриявии «Маориф» омода карда шуд, «Забони тоҷикӣ» барои синфи 6 аст, ки аз се китоб иборат мебошад: 1) китоби дарсӣ, иборат аз 9 ҷузъи чопӣ; 2) дафтари хонанда (11 ҷузъи чопӣ); тавсияҳои методӣ барои омӯзгор (12 ҷузъи чопӣ). Китобҳои дуюм ва сеюм, тавре ки мебинед, аз китоби дарсӣ калонтар буда, барои мукаммал омӯхтани мазмуну мундариҷаи китоб, истифодаи шеваи наву пешқадами таълим ҳамчун дастур барои хонанда ва омӯзгор дар назар дошта шудаанд. Ҳамчунин, дар китобҳои насли нав минбаъд рамзҳои зудёб (QR-рамз) ҷой дода мешаванд, ки тавассути онҳо хонандагон метавонанд навор бинанду садо шунаванд. Одатан QR-рамзҳо барои иҷрои вазифаи хонагӣ гузошта мешаванд ва хонандагон метавонанд мустақилона тавассути телефон ба садову наворҳо дастрасӣ пайдо кунанд. Дафтари хонанда бошад, ба онҳо кумак мекунад, то аз фанҳои гуногун машқу супоришҳоро мустақилона иҷро намоянд.

Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар оғози соли нави таҳсили сипаришуда муассисаҳои дахлдори соҳаи маориф ва илмро вазифадор карданд, ки Консепсияи таҳияи китобҳои дарсиро аз нав таҳия ва пешниҳод намоянд. Дар асоси ин консепсия таҳияи китобҳои дарсии насли нав идома дода шуда, сатҳу сифати таълим баланд бардошта хоҳад шуд.

Дар китобҳои дарсии насли нав маводди таълимӣ мувофиқи стандартҳои давлатӣ ва байналмилалӣ таҳия шуда, ба рушди тафаккури интиқодӣ, малакаҳои амалӣ ва худомӯзӣ равона карда мешаванд. Китобҳои дарсии насли нав ранга, бо нақша, аксу суратҳо, ҷадвалҳо ва саволҳои фаъолсозанда, бедоркунандаи шавқи хонанда чоп мешаванд. Аксари онҳо бо платформаҳои рақамӣ ҳамоҳанг буда, хонанда имкон дорад аз шакл (версия)-ҳои электронии онҳо, барномаҳои иловагӣ ва видеоҳо истифода барад.

Сохторҳои марбути Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон, аз ҷумла, Муассисаи нашриявии «Маориф» дар як соли охир барои рӯйи кор овардани китобҳои дарсии насли нав корҳои намоёнро ба ҷо оварданд. Муассисаи нашриявии «Маориф», ки дар ин маврид таҷрибаи кофӣ дорад, дар нимсолаи аввали соли 2025 ду номгӯй китобҳои насли нав («Математика», синфи 5 ва «Забони тоҷикӣ», синфи 5 бо «Роҳнамо» ва «Дафтари хонанда»)-ро дар ҳамкорӣ бо муаллифон омода ва ба нашр пешниҳод кард, ки дар соли 2026 мавриди истифода қарор гирифт. Ҳамчунин, аз тарафи муассиса дар нимсолаи охири соли гузашта ва нимсолаи аввали соли равон кори таҳрир, омодасозӣ ва ба чоп пешниҳод кардани 2 китоби нави дарсӣ: «Хониши адабӣ»,

синфи 2 (муаллифон М. Саломиён, А. Фазлиддинзода) ва «Забони тоҷикӣ», синфи 2 (муаллифон А. Байзоев, М. Зиёев, Ф. Олимова, С. Набизода, М. Одилзода) ба охир расид, ки низ дар соли нави таҳсил истифода мешавад.

Ҳамин тавр дар як соли охир аз тарафи муассисаи нашриявии «Маориф» 17 адад китоби дарсӣ ва маводди дарсии насли нав омода карда, ба чоп супорида шуданд. Аксари онҳо дар соли нави таҳсили 2026-2027 мавриди истифода қарор дода мешаванд:

1) Хониши адабӣ, синфи 2;
2) Забони тоҷикӣ, синфи 2;
3) Математика (китоби дарсӣ), синфи 5;
4) Математика (дафтар, қисми 1), синфи 5;
5) Математика (дафтар қисми 2), синфи 5;
6) Математика (тавсияҳои методӣ барои омӯзгор, қисми 1), синфи 5;
7) Математика (тавсияҳои методӣ барои омӯзгор, қисми 2), синфи 5;
8) Забони тоҷикӣ (китоби дарсӣ), синфи 5;
9) Забони тоҷикӣ (дафтар, қисми 1), синфи 5;
10) Забони тоҷикӣ (дафтар, қисми 2), синфи 5;
11) Забони тоҷикӣ (Тавсияҳои методӣ барои омӯзгор);
12) Забони тоҷикӣ (китоби дарсӣ), синфи 6;
13) Дафтари хонанда, синфи 6;
14) Тавсияҳои методӣ барои омӯзгор, синфи 6;
15) Математика (китоби дарсӣ), синфи 6;
16) Дафтари хонанда, математика синфи 6;
17) Тавсияҳои методӣ барои омӯзгор, математика синфи 6.

Таҳияи китобҳои дарсии насли нав як қатор норасоиҳоро низ ошкор сохт, ки баҳри ислоҳашон тадбирҳо андешида мешаванд:

1) Аксар матолиб аз тарафи муаллифон ба Муассисаи нашриявии «Маориф» бо камбудиҳои зиёд пешниҳод мегарданд.

2) Баъзе аксу расмҳои пешниҳошудаи китобҳо қобили қабул набуда, онҳоро иваз кардан лозим омад.

3) Дар забон ва услуби китобҳо асари тарҷумазадагӣ мушоҳида шуда, таҳрирталаб мебошанд.

4) Матолиби пешниҳодшуда аз ҳаҷми пешбинишуда каму зиёд мебошанд.

Аз ин рӯ, пешниҳод мекунем:

1) Китобҳо бояд сохтори ягона дошта бошанд.

2) Муаллифон бо роҳу усулҳои таълиф ва таҳияи китобҳои таълимии насли нав бояд ошноии комил дошта бошанд;

3) Онҳо дар раванди омодасозии китоб ба нашр бо нашриёт ҳамкории наздик дошта бошанд.

4) Барномаи таълим дар баробари адабиёти таълимии ба нашриёт пешниҳодшаванда бояд ба муҳаррирон дастрас шавад.

5) Бо муаллифони китобҳои дарсии насли нав гузаронидани курсу машғулиятҳои таълимӣ мувофиқи мақсад аст.

6) Мутахассисон ва забоншиносон дар бораи ба вуҷуд овардани истилоҳоти ягонаи китобҳои дарсии фанҳои гуногун бояд ба мувофиқа расанд.

7) Хуб мебуд дар як вақт тарҷумаи китобҳои насли нав барои ақаллиятҳои миллӣ низ анҷом дода шавад.

Таҳияи китобҳои дарсии босифати насли нав аз тамоми иштирокдорони раванди таълим – омӯзгорон, муаллифон, мушовирон ва масъулини соҳаи маориф саъю кӯшиши муштаракро тақозо мекунад. Бовар дорем, бо кӯшиши якҷоя ва ҳамкории мутақобила таълифи китобҳои дарсии насли навро ба раванди бебозгашт табдил дода, ба ислоҳоти пурраи соҳаи маориф, баланд бардоштани сатҳу сифати таълим, дар руҳияи ватандӯстӣ, донишмандӣ ва созандагӣ тарбия кардани насли наврас, ниҳоят, рушду нумуи кишвар ноил мегардем.

РОБИАИ БАЛХӢ – ШОИРИ ОШИҚ ВА ОЗОДМАНИШ



Бадриддин МАҚСУДЗОДА – доктори илмҳои филологӣ, профессор

Дар таърихи фарҳангу ҳунари халқи тоҷик занону духтарони санъаткору ҳунарманд, ба монанди муғанниён, овозхонон, наққошон ва ғайра бисёр будаанд. Аммо азбаски дар ҳаёти маънавии тоҷикон аз даврони қадим адабиёти бадеӣ, махсусан, шеър, вазҳи ғолиб будааст, фикр мекунам, сафи шоирон дар миёни онҳо бештар будааст, аммо таърих ному корномаҳои адабии онҳоро нисбат ба мардони шоир камтар сабт намудааст. Сабабаш шояд дар он бошад, ки дар шеър ҳамеша туғёни эҳсосу ҳаяҷоноти қалбии шахси шоир ба таври аёнӣ бармало мегардад, вале зан дар гузашта, дар бештарини воқеот, зери парда қарор доштааст.

Дар ҳамаи сарчашмаҳои адабӣ-таърихӣ номи Робиа – духтари Каъби Қуздории Балхӣ ҳамчун аввалин зани шоир дар доираи пас аз густариши ислом ба қайди таҳрир омадааст. Ҷойи тааҷҷуб нест, ки ташаккулу пешрафти фаъолияти шоирии Робиа, ин шахсияти ғаюр ва эҷодкори бузург дар аҳди Сомониён, ки давлати сирф тоҷикӣ буд, сурат гирифтааст. Ин, албатта, тасодуфӣ нест. Маълум аст, ки амирони Сомонӣ ҳама сиёсатмадорони донишманд ва шахсони фарҳангӣ буданд. Беҳуда нест, ки авҷи эҳёи илму фарҳангу ҳунар дар таърихи халқи мо замони ҳукумати Сомониён ба шумор меояд. Дар асри X амирони Сомонӣ дар тамоми қаламрави Хуросони бузург омилҳои рушди фарҳангу ҳунарро сомон додаанд. Он замон нисбат ба ҳамаи даврони дигар гуногунфикрӣ, ҳатто таҳаммулгарӣ нисбат ба ҳамаи оинҳои ғайр, мисли зартуштияву масеҳияту бутпарастӣ ва ғайра роиҷ ва дасту дилу фикру эҳсосоти отифии мардум боз буд. Аз ҳамин ҷост, ки дар он замон аз миёни халқи мо донишмандони ҳамадони бузурги ҷаҳонӣ, аз қабили Абунасри Форобӣ, Абурайҳони Берунӣ, Абубакр Закариёи Розӣ, Абуалӣ Сино, Абумаҳмуди Хуҷандӣ шоирони бузург Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ, Абулқосими Фирдавсӣ ва даҳҳои дигар зуҳур кардаанд. Яке аз чунин шахсиятҳое, ки номаш дар таърих барои ҳамеша сабт шудааст, Робиаи Балхӣ мебошад.



Робиа дар хонаводаи шахси доро ва хушсавод - ҳокими Балх ба дунё омадааст. Балх, махсусан, дар давраи Сомониён, маҳди шеъру шоирӣ буд. Дар замони зиндагии Робиа аз Балх шоирони маъруф, аз қабили Дақиқии Балхӣ, Шаҳиди Балхӣ, Абулмуайяди Балхӣ, Абушакури Балхӣ, Маъруфии Балхӣ ва дигарон ба арсаи шеъру суханварӣ омадаанд. Робиа азбаски аз табақаи баланди иҷтимоӣ буд, ҷиҳати ёд гирифтани аспсаворию шамшерзанӣ, ҳунари наққошӣ, фаро гирифтани илмҳои замона ва фанни шоирӣ шароити мусоид фароҳам доштааст. Вай духтари ҷасуру бебок, донишманд ва озодманише буда, он замон ягона бонуи шоир, ки озодона ашъори шӯрангези ошиқона месуруд, ба шумор мерафтааст. Сабаб ҳамин озодию бебокии ӯ дар ишқ ва сурудани ашъори ғиноӣ будааст, ки зиндагию фаъолияти ӯ дар имтидоди замонаҳо бо афсонаву ривоятҳо омезиш ёфтааст. Аммо, ба назари инҷониб, ба воқеият наздиктарин маълумотро дар бораи Робиа муаллифи асри XIII Муҳаммад Авфии Бухороӣ дар тазкирааш «Лубоб-ул-албоб» овардааст. Ин аввалин тазкираест ба забони форсӣ, ки то замони мо расидааст ва ҳамчунин, аввалин тазкираест, ки дар бораи Робиа хабар медиҳад. Авфӣ чунин навиштааст: «Робиа духтари Каъб, агарчи зан буд, аммо ба фазл бар

мардони ҷаҳон бихандидӣ, фориси ҳарду майдон ва волии ҳарду баён. Бар назми тозӣ қодир ва дар шеъри порсӣ бағоят моҳир ва бо ғояти закои хотиру ҳиддати табъ пайваста ишқ бохтӣ...» [1, с. 439].

Ба назари мо, дурусттарин фикр дар бораи ҷасорату фазилат, қудрату табъи баланди шоирӣ ва ба забонҳои тозию форсӣ шеър гуфтани Робиа аз ҷониби ҳамин тазкиранигор, яъне, Муҳаммад Авфии Бухороӣ баён шудааст. Ҳамаи тазкиранигорони баъд аз Авфӣ омада ва соири шоирони мо, ки дар гузашта дар бораи Робиа навиштаанд, аз зиндагонии воқеии ӯ достонҳои хаёлангез сохтаанд. Аммо ба «ҷурм»-и ошиқ шудани Робиа ба Бектош, ғуломи бародараш, озодона ба ӯ изҳори ишқ намудани вай ва шеърҳои ошиқона суруданаш, билохира, паёмади нангини буридани раги дасташ ва дар ин ҳол дар ҳаммоми тафсон ҳабс шудани ӯ ва бо хуни худ дар деворҳои он гармоба пеш аз марг шеърҳо навиштанаш шояд воқеият дошта бошанд.

Пешвои миллат, Ҷаноби Олӣ, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар китобашон «Тоҷикон дар оинаи таърих» дар бораи таърихи пуршебу фарози халқи тоҷик сухан карда, барҳақ навиштаанд: «Як нукта маълум аст, ки саропои ин таърих аз хуни фарзаидони озодипараст, ватандӯст ва ғаюру маърифатпарвараш гулгун аст» (10, с. 8). Баъдан Пешвои миллат байти шоиреро овардаанд, ки гӯиё аз номи Робиаи Балхӣ гуфта бошад:

Ҷавшани ман дафтар асту ханҷари ман хома аст,
Ман намемирам, ба номам ҷовидонӣ нома аст [11, с. 9].

Дар воқеъ, минбаъд дар бораи ин шоири барҷаста номаҳои ҷовидонӣ таълиф шудаанд, ки намунаҳои машҳури онҳо достони Робиа дар «Илоҳинома»-и Аттор («Ҳикояти амири Балх ва ошиқ шудани духтари ӯ», 408 байти он) [2, с. 305-324] ва «Бектошнома» ё «Гулистони Ирам»-и Ризоқулихони Ҳидоят (295 байт) дар «Маҷмаъ-ул-фусаҳо» [16, с. 1993-2006] мебошанд. Дарунмояи муҳимтарини ин қиссаҳои бадеӣ, махсусан, дар асари муаллифи аввал, вохӯрию муошарати Робиа бо Рӯдакӣ ва дар назди амири Сомонӣ ашъори ӯро ситудани Рӯдакӣ ва ҳамчунин, маҳкуми беҳуқуқии зан ва таассуби ҷоҳилона бар расму одати феодалӣ нисбат ба зан мебошад. Ғалат намешавад, агар гӯем, ки дар достонҳои мазкур ишқу алоқаи халқ нисбат ба ин шоири озодманиши тоҷик ифода шудаанд.

Агар ба таърихчаи таҳқиқи Робиаи Балхӣ ва ашъори ӯ дар замони нав бингарем, мебинем, ки шоир ва нависандаи Афғонистон Ғуломҳабиби Наввобӣ рисолаи алоҳидаро бо номи «Робиаи Балхӣ» ба шумули чанд бахш дар соли 1951 таълиф намудааст ва дар омода кардани он аз 16 манбаъ истифода кардаву ашъори Робиаро дар ҳаҷми 7 ғазалу чанд байту дубайтӣ фароҳам овардааст [9]. Аз муҳаққиқони тоҷик бори нахуст шодравон Тоҷӣ Усмон дар китоби тазкирагунааш «Бисту се адиба» (соли 1957) дар мавриди Робиа мухтасар сухан кардааст ва аз ашъораш намунаи маъдуде овардааст [14]. Чанде баъд (соли 1965) ӯ дар бораи зиндагӣ ва фаъолияти қаҳрамононаи Робиаи Балхӣ қиссаи «Духтари ниқобдор»-ро навишта, ки аз тарафи хонандагон хуб истиқбол шудааст [15]. Хеле пасонтар, дар соли 1998 натиҷаи таҳқиқи илмии пажуҳишгари нуктасанҷи тоҷик Матлубаи Мирзоюнус таҳти унвони «Сиришке дар лола...» аз чоп баромад ва он дар шинохти Робиаи Балхӣ нахустин пажуҳиши фарогире мебошад [8]. Мавсуф, ки дар воқеъ, мубаллиғи хубони порсигӯст, дар ин росто, бо жарфнигарӣ заҳмат кашида, кӯшидааст дар асоси иттилооти сарчашмаҳои асримиёнагӣ шарҳи ҳоли Робиаро барқарор карда, асноди воқеӣ ва бофта дар бораи ҳаёти Робиаро ба санҷиши ҷиддӣ бигирад; ҳама ашъори то замони мо расидаи ӯро аз нигоҳи мазмун, ҳунари тасвиру сабки баён баррасӣ намояд ва чеҳраи Робиаро дар адабиёти бадеӣ низ бинамоёнад. Матлубаи Мирзоюнус бар асари ковишҳову санҷишҳои илмӣ ба натиҷае расида, ки Робиа «як нафар шоири сеҳрофарин, як шахсияти исёнгари оташниҳод, як духтари покизасиришту хушсурат буд, ки дар шумори аввалин форсигӯёни даврааи Сомониён бо бузургмардони сухан табъозмоӣ мекард ва эшонро дар тааҷҷубу ҳайрат вомегузошт» [8, с. 154].

Ин фармудаи муҳаққиқ, бидуни шак, саҳеҳ аст ва мазмуну муҳтавои ашъори бозмондаи Робиа ва сатҳи баланди сухангустарии ӯ ҳукми мазкурро тасдиқ менамоянд.

Ба сабаби ҳамин воқеият, вале қиллати мавод бисёр адибони асримиёнагӣ ва муосир зиндагии ошиқонаи Робиаро бо эҳсосу отифа ва хаёлбарангез бозгӯ кардаанд.

Хидматҳои адабпажуҳи жарфнигари дигари мо, хонум Анзурати Маликзод дар таҳқиқи Робиа ва мушаххасоти ашъораш назаррас аст. Ӯ ахиран (2025) рисолае бо номи «Робиаи Балхӣ ва ашъори ӯ»-ро ба табъ расонид [7]. Вай дар он роҷеъ ба зиндагиномаи ин шоир мавзуъ ва муҳтавои ашъори бозмондааш, забон ва сабки баён ва ҷойгоҳи ӯ дар адабиёти форсии тоҷикӣ

мулоҳизаҳои олимона ва хонданӣ изҳор намудааст. Гузашта аз ин, мавсуф иттилооти қариб ҳамаи сарчашмаҳои ҳокӣ аз аҳволи Робиаро дар қисмате аз китобаш айнан овардааст. Ҳамчунин, дар ин китоб қиссаҳои манзуми Шайх Аттор ва Ризоқулихони Ҳидоят, чи хеле ки ҳаст, ба тамомӣ оварда шудаанд. Ва дар охир ҳамон 55 байт шеъри бозмандаи Робиа низ ҷойгузин карда шудаанд.

Шоёни зикр аст, ки як зумра олимони тоҷик ва афғонию эронӣ дар мавриди ҳаёти фоҷиабори Робиа ва муҳтавои ашъораш як силсила мақолаҳо навиштаанд, ки аксари онҳо дар маҷмуае таҳти унвони «Нигоҳе ба рӯзгор ва осори Робиаи Балхӣ» дар соли 2010 дар Душанбе чоп шудаанд [10].

Ҳамаи донишмандоне, ки дар бораи Робиаи Балхӣ ва ашъораш матлабе навиштаанд, албатта, вақту заҳмати зиёд сарф кардаанд. Аммо ба иллати он ки ашъори бозмондаи Робиа хеле кам аст ва иттилооти манбаъҳои адабӣ низ зиёд нестанд ва он ҳам, асосан, такрори якдигаранд, дар навиштаҳои донишмандон низ ҳамин ҳолат асар кардааст. Бинобар ин, баёни аксари онҳо, хоҳу нохоҳ, оҳанги тавсифию публитсистӣ гирифтааст. Ба назари инҷониб, дар миёни мақолаҳои таълифшуда навиштаҳои Парвини Ноҳидӣ, Матлубаи Мирзоюнус, Алиакбари Ваноӣ, Анзурати Маликзод ва махсусан, Абдулғании Барзинмеҳр ва Зайнулобиддини Даргоҳӣ бо масъалагузорӣ ва саъйи ҳалли онҳо ва ё изҳори эҷоби асоснок фарқ мекунанд. Чунончи, Барзинмеҳр менависад, ки дар замони сулолаи Сомониён, ки давраи асри тиллоӣ ва аҳди ҳукуматҳои ориётабор дар варои рӯд – Хуросон ба шумор меояд, «хомапардозон иштиёқманди як навъ таҷдиди ҳаёти фарҳангӣ буданд, то бар шукӯҳ ва азамати ниёгон даст ёбанд» [5, с.37].

Ин қазовати Барзинмеҳр дар мавриди вазъи фарҳангию адабии асри Х дар ҳақиқат сидқ дорад. Ин муаллиф аз мутолиаи батааннии иттилооти сарчашмаҳо ва муқоисаву ғавр кардан дар онҳо ба зани сӯфӣ ё ориф будани Робиа шак овардааст, зеро дар манбаъҳое, чун «Рисолаи Қушайрия»-фи Абулқосими Қушайрӣ, «Табақот-ус-сӯфия»-и Абдуллоҳи Ансорӣ, «Кашф-ул-маҳҷуб»-и Ҳуҷвирӣ, ки дар онҳо суҳбат аз сӯфиёни бисёре рафтааст, вале аз Робиаи Балхӣ номе бурда нашудааст. Ва аз ҳама аҷибтар Шайх Аттори Нишопурӣ, ки дар «Илоҳинома»-аш ишқи пуршӯри Робиаро баён кардааст ва бо истинод ба гуфтаи Абусаиди Абулхайр, Робиаро аз ҳалқаи ошиқони маҷозӣ берун кардааст, аммо дар китоби «Тазкират-ул-авлиё»-и худаш саргузашти 97 тан авлиё ва машоихи сӯфия ва аз ҷумла, чанде аз занони сӯфиро бо зикри маноқибу макорими ахлоқ ва суханони ҳикматомезашон овардааст, вале дар қатори онҳо аз Робиаи Балхӣ ном набурдааст [3]. Ризоқулихони Хидоят низ қиссаи ишқи Робиаро назм кардааст, вале дар тазкираи «Риёз-уш-шуаро»-и ӯ, ки ҳамчунин, дар бораи сӯфиёну орифон аст, аз Робиаи Балхӣ зикре нест [17].

Дар навиштаҳои олимони замони нав низ чунин тазод дида мешавад. Чунончи, ба шаҳодати Барзинмеҳр, муаллифи тазкираи «Шуарои Балх» (Алимуҳаммади Абуласфори Балхӣ) иддао дорад, ки Робиа, аслан, аз ашираи араб мебошад ва дар араб расм чунин аст, ки духтари чаҳорумро Робиа ном мегузоранд [5, с. 41].

Аммо дар маъхазҳо омадааст, ки Каъб як писар бо номи Ҳорис ва танҳо як духтар дошт, ки ҳамон Робиа аст. Пас, чунин расми аъроб, ки дар номгузории Робиа дида намешавад, вай араб набуда, мансуб ба халқи тоҷик мебошад ва бештари ашъорашро низ ба забони порсии дарӣ-тоҷикӣ сурудааст.

Зайнулобиддини Даргоҳӣ дар мақолааш «Робиа шоири ошиқ ё ориф?» суол мегузорад, ки чаро шоире ошиқ бо сурудаҳои ошиқонаи андак, ногаҳон дар тӯли таърихи адабӣ ба орифе шӯрида бадал мегардад? Ва чаро ин либоси сӯфиёнаро Шайх Аттор ба Робиа мепӯшонад? Ҷавоб мегӯяд, ки «дар низоми андешаи Аттор ишқи маҷозӣ қобили тавҷеҳ нест, ногузир бояд Робиаро фаротар аз он чи ҳаст, бинамоёнад» [6, с.128]. Ва дар идома менависад, ки «Аттор намоди хиради ҷамъии орифону сӯфиён аст, ки бояд чеҳраи мунтасибон ба ин роҳро (мансубини ишқи заминиро - М. Б.) бо он сӯйи олам ҳамранг ва ҳамоҳанг кунад, ҳатто агар ба баҳои тағйири чигунагии зиндагӣ ва ҳолоти афрод ҳам ҳамроҳ шавад» [6, с. 129].

Пас, метавон ҳадс зад, ки қасди аслии Шайх Аттор ва Ризоқулихони Ҳидоят, дар заминаи зиндагии ошиқона, вале фоҷиабори Робиаи ҳаётдӯст ва вассофи ишқу зебоӣ эҷоди асари ҳунарии, ба истилоҳи имрӯза, романтикии тавъам бо мазмуни сӯфиёна будааст.

Аз ҳамин ҷост, ки аксарияти тазкиранигорони замони гузашта ва муҳаққиқони имрӯзии Робиаи Балхӣ низ таҳти таъсири каломи ширину мухайялу муассири Шайх Аттор қарор гирифта, Робиаи Балхиро ҳамчун шоири сӯфимашраб шинохтаанд, ки дуртар аз воқеият мебошад.

Пиндори мо ин аст, ки аз миёни ҳамон ашъори маъдуди боқимонда аз Робиа, мансубияти воқеии баъзе абёт ба ин шоир ҳанӯз то ба охир ҳаллу фасли худро наёфтааст. Аз муҳаққиқони тоҷик Матлубаи Мирзоюнус ба ин масъала даст задаанд ва он кас ки ба мавзуи таҳқиқи Робиа ва шеъри ӯ ворид ҳастанд, хуб мебуд, ки то охир ба ин масъала ғавр намоянд. Ин ҷо мо дар мавриди интисоби ашъори дар тайи асрҳо сайр карда ба номи Робиа расида, фикри худро иҷмолан баён мекунем. Аз миёни он ашъори кам баъзе шеърҳо, дар воқеъ, маҳсули табъу завқи расои Робиаи Балхианд. Чунончи:

Даъвати ман бар ту он шуд, к-Эзидат ошиқ кунод
Бар яке сангилдиле номеҳрубон чун хештан.
То бидонӣ дарди ишқу доғи меҳру ғамхурӣ,
То ба ҳаҷр андар бипечию бидонӣ қадри ман. [4, с. 105]

Шеъри мазкур бар сабки баёни замони Робиа комилан ҳамоҳангӣ дорад. Устоди фақид, профессор Шарифҷон Ҳусейнзода як вақтҳо дар дарсҳояшон мегуфтанд, ки яке аз нишонаҳои сабки хуросонӣ истифодаи пасванди хурдию навозишии «-ак» мебошад. Дар шеъри зер мебинем, ки Робиа низ аз он бархурдор аст:

Дӯш бар шохаки дарахт он мурғ
Навҳа мекарду мегирист ба зорӣ...
Ман ҷудоям зи ёр аз он менолам,
Ту чӣ нолӣ, ки бо мусоид ёрӣ?... [4, с. 106]

Байти дигар:

Турк аз дарам даромад хандонак,
Он хубрӯйи чобук меҳмонак [4, с, 105].

Ё дар шеъри дигар:

Лабакони ту шаҳду ораз-моҳ,
Рӯй чун лолабаргу зулф-сиёҳ.
Дини Аллоҳ метабоҳ кунад,
Мар маро ҳавли он рухони чу моҳ... [4, с. 106]

Дар ин байтҳо орояҳои дигари ҳунарии хосси замони Робиа ҳастанд, мисли санъатҳои маънавии таносуб, ташхис, тавсиф, ташбеҳ, ки ҳама содаю табииянд ва ҳоҷат ба шарҳу тавзеҳашон нест. Боз чанде аз шеърҳои ошиқонаи Робиаро овардан мумкин аст, ки ҳам бо аҳволи ошиқонаи Робиа ва ҳам ба сабки ашъори худаш ҳамнавоӣ доранд, аммо бо ҳамин иктифо мекунем.

Шеърҳое, ки дар тасвири зебоиҳои табиат сурудааст, низ бо тарзи тасвири ҳамзамононаш татобуқ доранд. Чунончи:

Зи бас гул, ки дар боғ маъво гирифт,
Чаман ранги Аржанги Моно гирифт.
Сабо нофаи мушки Тиббат надошт,
Ҷаҳон бӯйи мушк аз чӣ маъно гирифт?
Магар чашми Маҷнун ба абр андар аст,
Ки гулрангирухсори Лайло гирифт?...
Сари наргиси тоза аз зарру сим
Нишони сари тоҷи Кисро гирифт.
Чу руҳбон шуд андар либоси кабуд,
Бунафша магар дини тарсо гирифт? [4, с, 103]

Аксари талмеҳоти дар шеъри мазбур корбастшуда, ба мисли Аржанг, Монӣ, Кисро ҳама аз таъриху фарҳанги бостонии мо гирифта шудаанд ва бо тасаввуф ҳеч гуна ҳамхонӣ надоранд. Чунин тасвирҳо ва таъбири «мушки Тиббат» ва талмеҳоти Маҷнун ва Лайлӣ, дур намеравем, дар шеъри устод Рӯдакӣ низ, ки ҳамзамони Робиа аст, корбурди фаровон доранд. Ҷо дорад, фақат як шеъри устод Рӯдакиро ин ҷо намуна биёварем:

Он саҳни чаман, ки аз дами дай
Гуфтӣ дами гург ё паланг аст,
Акнун зи баҳори монавитабъ
Пурнақшу нигор ҳамчу Жанг аст [12, с. 33].

Он шеърҳои болотар сабтнамудаи мо ва баъзе шеърҳои дигар, ки маҷоли овардани ҳамаашон дар ин мусаввада нест, воқеан, аз Робиаи Балхианд. Вале миқдори ками байтҳое ҳам

ҳастанд, ки аз онҳо бӯйи тасаввуф меояд ва бо табъи эҷодгарии Робиаву ашъори ӯ танокуз доранд, бинобар ин, дар масъалаи ба қалами ин эҷодкори мубориз тааллуқ доштани онҳо ҷойи шак боқист. Чунончи, байти зер:

Хӯрдем зи ту хуну нахӯрдӣ ғами мо,
Дар пойи ту мурдему сари мо-т набуд [4, с. 104].

Гап сари он аст, ки дар байти мазбур қаҳрамони ғиноӣ шакли ҷамъ (мо) дорад. Ҳол он ки дар ашъори ғиноии шоирони намояндаи сабки хуросонӣ (ҳамзамонони Робиа), ки ҳама ашъорашон дунявӣ ва гоҳе мазҳабианд (на ирфонӣ), қаҳрамони ғиноӣ дар шумораи танҳо омадааст. Аммо аз замони фаъолияти Робиа баъдтар, бо оғоз шудани шеъри сӯфиёна қаҳрамони ғиноӣ аз «ман» ба «мо» табдил мешавад. Масалан, аввалин шоири касбие, ки ба тасаввуф гаравидаву ашъори сӯфиёна гуфтааст, Саноист ва матлаи ҷамъи ғазалиёти ӯ чунин аст:

Аҳсанту зиҳ, эй нигори зебо,
Ороста омадӣ бари мо [13, с. 232].

Сабаби чунин шакл гирифтани қаҳрамони ғиноӣ дар он аст, ки акнун дар шеъри сӯфиёна ошиқ як нафар нест, балки хеле зиёд аст, тавре ки худи Саноӣ мегӯяд:

Ҳар кӯҷо чашмест бино, боргоҳи ишқи туст,
Ҳар кӯҷо гӯшест воло, ошиқи овози туст [13, с. 241].

Ва он ошиқон ҳеч рашке ба ҳамдигар ҳам надоранд. Тавре ки дар байти зери Саноӣ мебинем:

Дилоромо, нигоро, чун ту ҳастӣ,
Ҳама чизе ки бояд, ҳаст моро.
Шароби ишқи рӯйи хуррамат кард
Ба сони наргиси ту маст моро [13, с.233].

Агар ин абёти Саноиро аз нигоҳи ишқи заминӣ тавзеҳ кунем, маънии музҳик пайдо мекунанд, зеро ҳама, дар сурати табиӣ, ошиқи як нигори зебо намешаванд ва ҳама якҷоя ӯро бари худ намехонанд. Вале азбаски ин байтҳо мазмуни сӯфиёна доранд ва ошиқон киноя аз соликони тариқатанд, албатта, суханони онҳо ба маъшуқи якто - Ҳақиқати мутлақ равона шудаанд. Аммо дар ашъори Робиа ва ҳамасрони ӯ ин тавр набояд бошад. Дар баъзе шеърҳои Робиа, ки аз ишқ ба таври муҷаррад сухан кардааст, иллаташро дар зан будани ӯ бояд дид. Чунин амалкарди ӯ дар баёни эҳсосоти латифи ошиқона, махсусан, дар оғози қувват гирифтани нерӯҳои туркигароёна ва боло рафтани таассуботи динӣ, табиӣ ба назар мерасад. Чунончи, Робиа дар шеъри зери худ дар таърифи ишқ хеле умумӣ сухан кардааст:

Ишқ дарёи каронанопадид,
Кай тавон кардан шино, эй ҳушманд?
Ишқро хоҳӣ, ки то поён барӣ,
Баски бипсандид бояд нописанд.
Зишт бояд диду ангорид хуб,
Заҳр бояд хӯрду пиндорид қанд [4, с. 104].

Аммо аз ин абёт маънии ирфонӣ баровардан муҳол аст. Ин ҷо кадом андешаи ирфонӣ таҷассум ёфтааст? Агар гӯем, ки сахтии тай кардани ишқ дар он баён шудааст, ин қазия бар ишқи заминӣ ҳам сидқ дорад.

Суханро ба дарозо намекашем ва хулоса мекунем, ки ашъори Робиаи Балхиро таҳлил карда, дар баъзеи онҳо ишқи ҳақиқиро маънӣ кардан ё Робиаро аз аҳли тасаввуф шуморидан чандон дуруст ба назар намерасад. Ҳатто касоне, ки дар асрҳои миёна дар бораи Робиа сухан кардаанд, ӯро зани далер ва барои ноил омадан ба мақсадҳои некаш, ҳатто дар ишқ, муборизу кӯшо нишон додаанд. Як далели то замони мо нарасидани девони ашъори Робиа ва дар ҳоли ҳозир хеле камшумор будани сурудаҳои ӯро дар он донистан мумкин аст, ки пас аз пош хӯрдани давлати Сомониён ва ба сари қудрат омадани зимомдорон аз ақвоми ғайр, таассуби динию мазҳабӣ боло мегирад ва аксари ашъори дунявимазмуни Робиа бо панҷаи чунин таассубот ба боди фано рафтаанд. Сабаб ҳамин аст, ки ба истиснои «Шоҳнома»-и Фирдавсӣ аз ашъори ғиноии шоирони асри X ҳамагӣ ҳудуди ду ҳазор байт шеър ба мо расидааст. Ҳол он ки ҳамаи он шоирон пурмаҳсул буданд. Маълум аст, ки дар гузашта ҳатто шоироне, ки девонашон ҳифз шудааст, котибон ҳангоми рӯнависнамоиҳо матни онҳоро тағйиру таҳриф низ кардаанд. Ба назари мо, ба баъзе абёти мавҷуди Робиа низ, ки тавассути баъзе манбаъҳои адабӣ ба мо расидаанд, аз тарафи котибон дахолат ва дасткориҳои ҳадафмандона сурат гирифтааст. Робиа, ки дар ҷавониаш ба

қатл расидааст, наметавонист дар муддати кӯтоҳ аз назари мафкура ва ҷаҳоншиносӣ тағйири ҳол намояд.

Барои таъкиди озодманишии Робиаи Балхӣ андешаи Анзурати Маликзод дархури истифода аст. Ӯ навиштааст: «Агар ошиқ шудани Робиа ба ғуломи турки бародараш Ҳорис, асоси воқеӣ дошта бошад, ҷасорату шуҷоат ва ҳисси озодманишии ин бонуи суханварро ба намоиш мегузорад. Чунин ҷасорат шояд барои бонуи дигари ашрофзодае дар ин замон ғайричашмдошт бошад...» [7, с. 13].

Ҳамин тавр, ба хулосае омадан мумкин аст, ки Робиаи Балхӣ, як духтари таҳсилкардаи шуҷоъ, ҳунарманд ва озодаву озодихоҳи тоҷик будааст. Вай ороста бо камоли маҳорат дар пешаҳои гуногун буда, аммо ҳунари баланди шоириаш ҳамаи онҳоро таҳти шуои худ гузоштааст. Ӯ мисли соири рехтагӯёни асри Х дар шоирӣ берун аз сабки хуросонӣ нест ва тавоноии вай дар сурудани ашъори ғиноӣ то ҷое буда, ки бо Рӯдакӣ қиёсаш кардаанд. Аз ашъори бозмондааш маълум мешавад, ки ӯ на шоири сӯфӣ, балки монанди шоирони ҳамзамонаш шоири вуқуъгӯӣ буда, асосан, зебоиҳои ҳаёт, ишқи инсонӣ ва зебоиҳои табиатро тараннум кардааст. Робиа шояд соҳиби девон будаасту вале дар талотуми ҳаводиси таърих ва минбаъд бар асари тағйири ҷаҳонбинии расмию шиддат гирифтани тангназариҳо ва таассуботи мазҳабӣ, аз он ганҷи шойгон ашъори андак ва абёти парешон ба мерос мондааст. Вале барои мушаххас намудани асолати он ашъор ниёз ба таҳқиқи ҷиддии матншиносӣ эҳсос мешавад. Хулосаи дигар ин, ки дар қиёс бо барҳақ Рӯдакиро падари шеъри форсии тоҷикӣ шинохтанамон, месазад Робиаро ҳамчун модари шеъри форсии тоҷикӣ ба шумор оварем.

Адабиёт

1. Авфӣ, Муҳаммади Бухороӣ. Лубоб-ул-албоб. Ба тасҳеҳи Эдвард Броун. Бо муқаддимаи Муҳаммади Қазвинӣ ва тасҳеҳоти ҷадиду ҳавошӣ ва таълиқоти Саъид Иафисӣ. – Теҳрон : Ҳермис,1389 ҳ. ш. – 1082 с.
2. Аттор, Фаридуддини Нишопурӣ. Илоҳинома. Таҳия ва тадвини матн бо муқаддима ва шарҳи луғоту тавзеҳот аз Алӣ Муҳаммадии Хуросонӣ. – Душанбе: Паёми ошно, 2000. – 367 с.
3. Аттор, Фаридуддини Нишопурӣ. Тазкират-ул- авлиё. Баргардон ва фароҳамоварандаи матн, муаллифи муқаддима, таълиқот Муътабар Оқилова. – Хуҷанд: Ношир, 2008. – 661 с.
4. Ашъори боқимондаи Робиаи Балхӣ // Анзурати Маликзод Робиаи Балхӣ ва ашъори ӯ. – Душанбе: ҶДММ «Меҳроҷ Граф», 2025. – С. 103-106.
5. Барзинмеҳр, Абдулғанӣ. Зиндагиномаи Робиаи Балхӣ дучори навъе танӯқуз // Нигоҳе ба рӯзгор ва осори Робиаи Балхӣ (маҷ. мақолот). – Душанбе: ТҶБ «Истиқбол». – С. 37-43.
6. Даргоҳи, Зайнулобиддин // Нигоҳе ба рӯзгор ва осори Робиаи Балхӣ (маҷ. мақолот). – Душанбе: ТҶБ «Истиқбол». – С. 125-129.
7. Маликзод, Анзурат. Робиаи Балхӣ ва ашъори ӯ. – Душанбе: ҶДММ «Меҳроҷ Граф, 2025. – 108 с.
8. Мирзоюнус, Матлуба. Сиришке дар лола... (нигоҳе ба зиндагӣ ва ашъори Робиаи Балхӣ. – Хуҷанд: 1999. – 160 с.
9. Наввобӣ, Ғуломҳабиб. Робиаи Балхӣ. – Мазори Шариф: Навбаҳори Балх, 1330/1951. – 59 с.
10. Нигоҳе ба рӯзгор ва осори Робиаи Балхӣ (маҷ. мақолот). - Душанбе: ТҶБ «Истиқбол». – 228 с.
11. Раҳмон, Эмомалӣ. Тоҷикон дар оинаи таърих. – Душанбе: Ирфон, 1999. – 132 с.
12. Рӯдакӣ, Девони Одамушшуаро Абуабдуллоҳ Рӯдакӣ. Пажуҳишгоҳи фарҳанги форсӣ-тоҷикӣ. – Душанбе: Пайванд, 2000. – 189 с.
13. Саноӣ, Абулмаҷдуд ибни Одам. Девон. Ба кӯшиши Алимуҳаммади Собирӣ, Руқия Темурӣ ва Руҳуллоҳ Муҳаммадӣ. – Теҳрон: Бунёд, 1392 ҳ.ш. – 492 с.
14. Усмон, Тоҳӣ. Бисту се адиба. – Сталинобод: Нашрдавтоҷик, 1957. – 125 с.
15. Усмон, Тоҳӣ. Духтари ниқобдор. – Сталинобод: Комбинати полиграфии Тоҷикистон, 1965. – 105 с.
16. Ҳидоят, Ризоқулихон. Маҷмаъ-ул-фусаҳо. Ба кӯшиши Мазоҳири Мусаффо. Ҷ. 2, Теҳрон: Амири кабир, 1360 ҳ.ш. – С. 1445-2059.
17. Ҳидоят, Ризоқулихон. Риёз-ул-орифин. Ба кӯшиши Сайидризо Воҳидӣ, Суҳроби Зореъ. – Теҳрон : Марворид, 1381 ҳ.ш. – 470 с.

МАКТАБИ МУВАФФАҚ БА РОҲБАРИ МУВАФФАҚ ВОБАСТА АСТ



Шавкат КАРИМЗОДА – директори Маркази ҷумҳуриявии таълимию методии назди Вазорати маориф ва илм

Мактаб яке аз муҳимтарин ниҳодҳои иҷтимоӣ ва маънавии ҷомеа мебошад. Дар он хонанда дониш меомӯзад, ҷаҳонро мешиносад, шахсият ва ҷаҳонбинии худро ташаккул медиҳад, одоби муошират, муносибат ба меҳнат, эҳтиром ба инсон, садоқат ба Ватан ва масъулияти шаҳрвандиро аз худ менамояд. Аз ҳамин хотир, фаъолияти ҳар як муассисаи таълимӣ ба имрӯзу ояндаи ҷомеа таъсири бевосита мерасонад.

Маҳз дар мактаб заминаи аввалини рушди зеҳнӣ, ахлоқӣ ва иҷтимоии инсон гузошта мешавад. Агар ин замина устувор бошад, наврас метавонад роҳи минбаъдаи худро дуруст интихоб намояд, донишашро такмил диҳад, қобилиятҳои худро рушд бахшад ва дар ҳаёти ҷамъиятӣ мавқеи сазовор пайдо кунад. Агар мактаб рисолати худро бо масъулияти баланд иҷро карда натавонад, бартараф намудани камбудиҳои дар даврааи таҳсил баамаломада дар марҳалаҳои минбаъдаи зиндагӣ душвор мегардад.

Аз ин лиҳоз, баланд бардоштани сифати таҳсилот яке аз масъалаҳои асосии сиёсати иҷтимоии давлат ва ҷомеа маҳсуб меёбад. Барои расидан ба ин ҳадаф барномаҳои таълимӣ такмил дода мешаванд, стандартҳои давлатӣ бознигарӣ мегарданд, китобҳои дарсӣ таҳия ва таҷдид мешаванд, технологияҳои муосир ба раванди таълим ворид мегарданд ва барои рушди касбии омӯзгорон имкониятҳои нав фароҳам оварда мешаванд.

Ҳамаи ин тадбирҳо барои пешрафти соҳаи маориф аҳаммияти калон доранд. Вале натиҷаи воқеии онҳо дар сатҳи муассисаи таълимӣ аз тарзи идоракунӣ, маҳорати роҳбарӣ ва масъулиятшиносии директори мактаб вобастагӣ дорад. Зеро ҳар як қарор, дастур, барнома ва навоварӣ маҳз дар муассисаи таълимӣ татбиқ мегардад. Дар ҳамин сатҳ маълум мешавад, ки ислоҳот то чӣ андоза дуруст дарк гардидааст, чӣ гуна ба фаъолияти омӯзгорон ворид шудааст ва ба натиҷаҳои таълимии хонандагон чӣ таъсир расонидааст.



Таҷриба нишон медиҳад, ки мактаби дорои роҳбари соҳибандеша, ташаббускор, одил ва масъулиятшинос ҳатто дар шароити маҳдуди имкониятҳо метавонад ба натиҷаҳои назаррас ноил гардад. Чунин роҳбар захираҳои мавҷударо дуруст истифода мебарад, коллективи педагогиро дар атрофи ҳадафи умумӣ муттаҳид месозад, ташаббусҳои омӯзгоронро дастгирӣ мекунад ва барои пешрафти ҳар як хонанда шароити муносиб фароҳам меорад.

Баръакс, агар роҳбарӣ заиф, идоракунӣ номуназзам ва муносибат ба вазифаҳо сатҳӣ бошад, имкониятҳои мавҷуда самаранок истифода намешаванд. Дар чунин муҳит омӯзгорон ангезаи касбии худро тадриҷан аз даст медиҳанд, масъулият коҳиш меёбад, корҳои методӣ ба расмият табдил меёбанд ва сифати таълим ба таври устувор баланд намегардад.

Бинобар ин, мактаби муваффақ аз роҳбари муваффақ оғоз меёбад. Роҳбари муваффақ шахсест, ки рисолати таълиму тарбияро дуруст дарк мекунад, ба арзиши инсон эҳтиром мегузорад, мақсади муассисаро равшан муайян месозад ва фаъолияти коллективи педагогиро барои расидан ба натиҷаҳои мушаххас роҳнамоӣ менамояд.

Имрӯз вазифаи директори муассисаи таълимӣ нисбат ба солҳои пеш хеле мураккаб ва сермасъул гардидааст. Ӯ дигар танҳо иҷрокунандаи дастуру супоришҳо, ташкилкунандаи корҳои маъмурӣ ё назораткунандаи ҳуҷҷатгузорӣ нест. Аз роҳбари муассиса талаб карда мешавад, ки ҳамчун менеҷери касбӣ, таҳлилгар, роҳбари стратегӣ, идоракунандаи равандҳои тағйирот, ҳимоятгари манфиатҳои кӯдак ва муттаҳидкунандаи ҷомеаи мактабӣ фаъолият намояд.

Директор бояд вазъи имрӯзаи муассисаро воқеъбинона арзёбӣ карда, самти рушди онро барои солҳои минбаъда муайян намояд. Ӯ бояд донад, ки мактаб дар кадом сатҳ қарор дорад, кадом мушкилот ба сифати таълим таъсир мерасонанд, имкониятҳои муассиса чӣ гунаанд ва барои расидан ба ҳадафҳои пешбинишуда кадом тадбирҳо заруранд. Роҳбарии стратегӣ аз ҳамин ҷо оғоз меёбад. Банақшагирии рушди мактаб набояд ба рӯйхати чорабиниҳои умумӣ ва такроршаванда маҳдуд гардад. Нақшаи рушди муассиса бояд ба таҳлили воқеии вазъ, нишондиҳандаҳои таълимӣ, ниёзҳои омӯзгорон, хусусиятҳои хонандагон, имкониятҳои ҷомеаи маҳаллӣ ва ҳадафҳои сиёсати давлатии соҳаи маориф асос ёбад.

Агар директори мактаб ҳадафи рушди муассисаро равшан муайян карда натавонад, фаъолияти коллективи педагогӣ пароканда мегардад. Ҳар як сохтор ва ҳар як омӯзгор метавонад кори худро анҷом диҳад, вале ин фаъолиятҳо ба як натиҷаи умумӣ пайваст намешаванд. Роҳбари соҳибтаҷриба ҳадафи мактабро ба вазифаи муштараки ҳамаи кормандон табдил медиҳад. Ӯ ба коллектив мефаҳмонад, ки муассиса ба кадом натиҷа расидан мехоҳад, барои чӣ ин натиҷа муҳим аст ва саҳми ҳар як омӯзгор дар ин раванд аз чӣ иборат мебошад.

Мактаб низоми зинда аст. Дар он муносибатҳои инсонӣ, масъулияти касбӣ, боварӣ, ҳамкорӣ, эҳтиром ва фарҳанги ташкилотӣ нақши калон доранд. Ҳар як сухан, қарор ва муносибати роҳбар ба фазои равонии муассиса таъсир мерасонад. Агар директор бо омӯзгорон бо эҳтиром муносибат намояд, фикри онҳоро шунавад, ба фаъолияти онҳо объективона баҳо диҳад ва барои ҳалли мушкилот мусоидат кунад, дар коллектив фазои боварӣ ва ҳамдигарфаҳмӣ ташаккул меёбад.

Омӯзгоре, ки худро узви арзишманди коллективи педагогӣ эҳсос мекунад, бо масъулияти бештар фаъолият менамояд. Ӯ аз пешниҳоди андешаҳои нав наметарсад, таҷрибаи худро бо ҳамкорон мубодила мекунад ва барои беҳтар намудани сифати дарс кӯшиш ба харҷ медиҳад. Вале дар муҳите, ки тарс, беэътимодӣ, муносибати интихобӣ ва беадолатӣ ҳукмфармо аст, ташаббус коҳиш меёбад ва фаъолияти омӯзгор тадриҷан ба иҷрои расмии вазифаҳо маҳдуд мешавад. Аз ин хотир, ташаккули муҳити солими педагогӣ яке аз вазифаҳои асосии директори мактаб мебошад. Муҳити солим худ аз худ ба вуҷуд намеояд. Он натиҷаи муносибати объективона, риояи одоби касбӣ, шаффофияти қарорҳо, эҳтиром ба шахсияти кормандон ва фарҳанги муколама мебошад.

Роҳбар бояд миёни талабот ва дастгирӣ тавозуни дуруст барқарор намояд. Талаботи баланд бе дастгирӣ метавонад боиси ноумедӣ ва тарс гардад. Дастгирии бемасъулиятона бошад, интизом ва сифати корро коҳиш медиҳад. Директори соҳибмаҳорат аз омӯзгор натиҷа талаб мекунад, ҳамзамон, барои расидан ба ин натиҷа шароити зарурӣ муҳайё месозад.

Дар маркази фаъолияти ҳар як мактаб омӯзгор қарор дорад. Сифати таҳсилот аз дониш, маҳорати касбӣ, масъулият, ҷаҳонбинӣ ва муносибати омӯзгор ба кӯдак вобаста мебошад. Аз ҳамин сабаб, рушди касбии омӯзгорон бояд яке аз самтҳои доимии фаъолияти роҳбари муассиса бошад. Омӯзгор дар шароити тағйирёбандаи ҷомеа наметавонад танҳо бо дониш ва таҷрибаи чанд соли пеш фаъолият намояд. Барномаҳои таълимӣ тағйир меёбанд, усулҳои нави таълим ба вуҷуд меоянд, шаклҳои арзёбӣ такмил меёбанд, технологияҳои рақамӣ рушд мекунанд ва талаботи ҷомеа ба натиҷаҳои таҳсил боло меравад. Омӯзгор бояд пайваста омӯзад, таҷрибаи худро таҳлил намояд ва малакаҳои касбии худро такмил диҳад.

Директори мактаб вазифадор аст, ки дар муассиса фарҳанги омӯзиши пайвастаро ташаккул диҳад. Шурои педагогӣ, Шурои методӣ, иттиҳодияҳои методии фаннӣ, дарсҳои кушод, мушоҳида ва таҳлили дарс, омӯзиши таҷрибаи пешқадам, машваратҳои касбӣ ва омӯзиши

ҳамдигар бояд ба воситаҳои воқеии рушди омӯзгор табдил ёбанд. Мутаассифона, дар баъзе муассисаҳои таълимӣ фаъолияти чунин сохторҳо бештар хусусияти ҳисоботӣ дорад. Ҷаласаҳо баргузор мешаванд, протоколҳо тартиб дода мешаванд ва нақшаҳо пешниҳод мегарданд, вале таъсири онҳо ба сифати таълим кам эҳсос мешавад. Сабаби асосӣ дар он аст, ки масъалаҳои баррасишаванда аз ниёзҳои воқеии омӯзгорон ва мушкилоти дарс дур мемонанд.

Роҳбари муваффақ фаъолияти методиро ба масъалаҳои мушаххаси таълим равона мекунад. Масалан, агар натиҷаҳои хонандагон дар фаҳмиши матн паст бошанд, фаъолияти методӣ бояд ба такмили усулҳои рушди саводнокии хониш равона гардад. Агар хонандагон дар ҳалли масъалаҳои амалӣ душворӣ кашанд, омӯзгорон бояд роҳҳои ташаккули тафаккури мантиқӣ ва истифодаи донишро дар ҳолатҳои воқеӣ омӯзанд.

Ҳамин тавр, ҳар як чорабинии методӣ бояд бо мушкилоти муайян, ҳадафи мушаххас ва натиҷаи интизоршаванда алоқаманд бошад. Танҳо дар ҳамин сурат кори методӣ ба воситаи рушди касбии омӯзгор ва беҳтар гардидани сифати дарс табдил меёбад.

Директори мактаб бояд омӯзгорони ҷавонро махсус дастгирӣ намояд. Қадамҳои аввалини омӯзгор дар касб барои ташаккули муносибати минбаъдаи ӯ ба фаъолияти педагогӣ аҳаммияти калон доранд. Агар омӯзгори ҷавон дар рӯзҳои аввал бо мушкилот танҳо монад, аз ҷониби ҳамкорон ва роҳбарият дастгирӣ наёбад, эҳтимоли аз касб дур шудани ӯ зиёд мегардад. Дар ин самт фаъолияти роҳбаладӣ аҳаммияти махсус дорад. Омӯзгори соҳибтаҷриба метавонад ба омӯзгори ҷавон дар банақшагирии дарс, интихоби усулҳо, идоракунии синф, арзёбии дониш ва муошират бо волидон кумак расонад. Вале роҳбаладӣ бояд ҳамчун фаъолияти мақсаднок ва масъулиятнок ташкил карда шавад. Танҳо вобаста намудани омӯзгори ҷавон ба омӯзгори собиқадор ҳанӯз маънои ташкили роҳбаладии муассирро надорад.

Яке аз вазифаҳои муҳимми роҳбари муассисаи таълимӣ ташкили низоми самараноки идоракунии сифати таҳсилот мебошад. Сифат мафҳуми васеъ буда, ба натиҷаи санҷиши ниҳоӣ ё шумораи баҳои баланд маҳдуд намегардад. Он сатҳи дониш, малака, салоҳият, тарбия, қобилияти фикрронӣ, мустақилият, масъулият ва омодагии хонандаро ба ҳаёти минбаъда дар бар мегирад. Барои идора намудани сифати таълим роҳбар бояд маълумоти воқеӣ дошта бошад. Ӯ бояд натиҷаҳои таълимиро мунтазам таҳлил кунад, пешрафти синфҳо ва хонандагони алоҳидаро омӯзад, сабабҳои қафомониро муайян намояд ва барои ислоҳи камбудиҳо чораҳои мақсаднок андешад.

Дар баъзе ҳолатҳо таҳлили натиҷаҳо ба ҷамъбасти рақамҳо маҳдуд мешавад: фоизи азхудкунӣ, шумораи хонандагони аълохон ё натиҷаи санҷиш. Вале рақам худ ба худ сабаби мушкилотро нишон намедиҳад. Барои қабули қарори дуруст зарур аст, ки роҳбар дар паси ҳар як нишондиҳанда вазъи воқеиро бинад. Масалан, паст гардидани натиҷаи як синф метавонад ба усули таълим, набудани маводи зарурӣ, иштироки нокифояи хонандагон, мушкилоти равонӣ, камбудии ҳамкорӣ бо оила ё дигар омилҳо вобаста бошад. Агар сабаб дуруст муайян нашавад, чораҳои қабулшуда натиҷаи дилхоҳ намедиҳанд.

Аз ин рӯ, идоракунӣ дар асоси маълумот яке аз талаботи муҳимми замони муосир мебошад. Қарорҳои роҳбар бояд ба далел, таҳлил ва омӯзиши вазъ такя намоянд. Андешаи шахсӣ ва таҷрибаи гузашта муҳимманд, вале онҳо бе маълумоти воқеӣ барои қабули қарорҳои муосир кофӣ нестанд.

Назорати дохилимактабӣ низ бояд ҳамчун воситаи рушди сифат истифода шавад. Ҳадафи назорат танҳо ошкор намудани камбудӣ ва ҷазо додани корманд нест. Назорат бояд вазъи воқеиро муайян кунад, ба омӯзгор барои беҳтар намудани фаъолият кумак расонад ва ба роҳбар барои қабули қарорҳои асоснок маълумот пешниҳод намояд.

Мушоҳидаи дарс яке аз воситаҳои муҳимтарини назорати дохилимактабӣ мебошад. Вале самаранокии он аз тарзи муносибати роҳбар вобаста аст. Агар омӯзгор мушоҳидаи дарсро ҳамчун таҳдид ва ҷустуҷӯи хато қабул кунад, ӯ кӯшиш мекунад дарси махсуси намоишӣ гузаронад. Дар ин сурат вазъи воқеӣ пинҳон мемонад. Агар мушоҳида дар фазои эътимод, дастгирӣ ва муколамаи касбӣ баргузор гардад, омӯзгор метавонад мушкилоти худро ошкоро баён намояд ва аз тавсияи роҳбар ё ҳамкор истифода барад. Пас аз мушоҳидаи дарс муҳокимаи касбӣ бояд бо эҳтиром, далел ва пешниҳоди роҳҳои такмил гузаронида шавад.

Директор бояд донад, ки сифати дарс аз миқдори ҳуҷҷатҳо муайян намегардад. Нақшаи мукаммал, журнали дуруст пуршуда ё мавҷудияти аёният муҳиманд, вале арзиши асосӣ дар он мебошад, ки хонанда дар дарс чӣ омӯхт, то кадом андоза фаъол буд, чӣ гуна фикр кард ва оё тавонист донишро истифода намояд. Аз ин рӯ, дар маркази назорати дохилимактабӣ бояд фаъолияти омӯзишии хонанда қарор гирад. Саволи асосӣ ин аст: дар натиҷаи дарс дар рушди хонанда чӣ тағйир ба вуҷуд омад? Агар роҳбар назоратро аз ҳамин дидгоҳ ташкил намояд, он ба воситаи воқеии баланд бардоштани сифати таҳсилот табдил меёбад.

Дар низоми муосири таҳсилот ба рушди салоҳиятҳои хонандагон аҳаммияти зиёд дода мешавад. Хонанда бояд донишро дар амал истифода барад, масъала ҳал кунад, андешаи худро баён намояд, бо дигарон ҳамкорӣ кунад, маълумотро таҳлил намояд ва барои қарорҳои худ масъулият эҳсос кунад.

Татбиқи таҳсилоти салоҳиятмеҳвар аз роҳбар фаҳмиши амиқи моҳияти ислоҳотро талаб мекунад. Агар директор онро танҳо ҳамчун тағйироти истилоҳот ё шакли нави нақшаи дарс қабул кунад, натиҷаи дилхоҳ ба даст намеояд. Ӯ бояд ба омӯзгорон кумак расонад, то ҳадафҳои таълимиро дуруст муайян намоянд, усулҳои фаъолро истифода баранд ва арзёбиро ба воситаи рушди хонанда табдил диҳанд.

Арзёбӣ дар раванди таълим нақши муҳим дорад. Он бояд барои муайян намудани сатҳи пешрафт ва роҳнамоии хонанда ба омӯзиши минбаъда истифода шавад. Агар арзёбӣ танҳо барои гузоштани баҳо хизмат кунад, имконияти тарбиявӣ ва рушддиҳандаи он маҳдуд мегардад. Роҳбари муассисаи таълимӣ бояд фарҳанги арзёбии одилона, шаффоф ва дастгирикунандаро ташаккул диҳад. Хонанда бояд донад, ки аз ӯ чӣ интизор аст, натиҷаи кораш бо кадом меъёр арзёбӣ мешавад ва барои беҳтар намудани он чӣ бояд кунад. Омӯзгор низ бояд дарк намояд, ки арзёбӣ воситаи фишор не, воситаи дастгирии омӯзиш мебошад.

Дар баробари ин, роҳбари муосир бояд ба масъалаи тарбия таваҷҷуҳи доимӣ зоҳир намояд. Таълим ва тарбия ду ҷараёни аз ҳам ҷудо нестанд. Ҳар як дарс, муносибат ва фаъолияти мактабӣ ба ташаккули шахсияти хонанда таъсир мерасонад. Мактаб бояд дар қалби наврас эҳтиром ба Ватан, забон, фарҳанг, таърих, арзишҳои миллӣ, қонун, меҳнат ва инсонро парвариш намояд. Ин вазифа танҳо ба зиммаи омӯзгори фанни тарбия ё роҳбари синф вогузор нест. Тамоми муҳити мактаб бояд хусусияти тарбиявӣ дошта бошад. Директор дар ин самт масъулияти махсус дорад. Муносибати ӯ ба кормандон, хонандагон ва волидон барои дигарон бояд намуна бошад. Роҳбари хуб бояд бо одоби муошират хуб, ба вақт ва меҳнати дигарон эҳтиром гузорад.

Ҳамкорӣ бо волидон низ яке аз шартҳои муҳимми муваффақияти мактаб мебошад. Оила ва муассисаи таълимӣ дар тарбия ва рушди кӯдак ҳадафи муштарак доранд. Вале ин ҳамкорӣ дар баъзе ҳолатҳо ба даъвати волидон барои шунидани шикоят ё ҷамъоварии маблағ маҳдуд мегардад. Роҳбари муваффақ волидонро ҳамчун шарики таълим ва тарбия қабул мекунад. Ӯ барои муошират мунтазам, пешниҳоди маълумоти дақиқ, шунидани андешаи волидон ва ҳалли муштараки мушкилот шароит фароҳам меорад. Подару модар низ бояд дар бораи пешрафти фарзанд, қобилият, мушкилот ва роҳҳои дастгирии ӯ маълумоти фаҳмо дошта бошад. Ҳамкорӣ дар сурате самаранок мегардад, ки мактаб ва оила ба якдигар эътимод кунанд ва масъулияти худро дуруст дарк намоянд.

Муассисаи таълимӣ қисми муҳимми ҷомеаи маҳаллӣ мебошад. Он метавонад бо мақомоти маҳаллӣ, муассисаҳои фарҳангӣ, китобхонаҳо, марказҳои варзишӣ, ташкилотҳои ҷамъиятӣ, соҳибкорон ва дигар шарикон ҳамкорӣ намояд. Ин ҳамкорӣ барои беҳтар намудани шароити таълим, ташкили чорабиниҳои тарбиявӣ, дастгирии хонандагони ниёзманд ва рушди қобилиятҳои кӯдакон имкониятҳои нав фароҳам меорад. Роҳбари муассисаи таълимӣ бояд тавонад неру ва имкониятҳои ҷомеаро дар атрофи рушди мактаб муттаҳид созад. Барои ин шаффофият, эътимод ва муаррифии дурусти ҳадафҳои муассиса зарур аст. Ҷомеа ба мактабе ёрӣ мерасонад, ки фаъолияти он равшан, масъулиятнок ва барои мардум фаҳмо бошад.

Дар замони муосир рақамикунонӣ ба яке аз самтҳои муҳимми рушди маориф табдил ёфтааст. Захираҳои электронӣ, платформаҳои таълимӣ, воситаҳои рақамии арзёбӣ, таҳлили маълумот ва технологияҳои зеҳни сунъӣ имкониятҳои нав фароҳам меоранд. Вале истифодаи технология бояд мақсаднок ва оқилона бошад. Харидории компютер, насби тахтаи электронӣ ё ташкили синфхонаи рақамӣ худ аз худ сифати таълимро баланд намебардорад. Арзиши

технология аз он вобаста аст, ки омӯзгор онро чӣ гуна истифода мебарад ва он ба фаъолияти хонанда чӣ таъсир мерасонад.

Директори муосир бояд сатҳи саводнокии рақамии худро такмил диҳад, имконият ва хавфҳои технологияҳоро дуруст дарк намояд ва истифодаи масъулиятнокии онҳоро дар таълимгоҳ таъмин созад. Ӯ бояд барои омӯзиши омӯзгорон, ҳифзи маълумоти шахсӣ, амнияти рақамии хонандагон ва риояи меъёрҳои ахлоқӣ тадбир андешад.

Зеҳни сунъӣ низ метавонад дар таҳияи маводди таълимӣ, фардикунонии омӯзиш, таҳлили натиҷаҳо ва кам кардани корҳои такрории омӯзгор мусоидат намояд. Вале қарорҳои педагогӣ ва масъулияти тарбиявӣ бояд дар дасти инсон боқӣ монанд. Технология ёвари омӯзгор аст, аммо ҷойгузини масъулияти касбӣ нест. Аз роҳбари муассисаи таълимӣ вобаста аст, ки технология дар муассиса ба воситаи рушди таълим табдил меёбад ё ба таҷҳизоти камистифода маҳдуд мемонад. Барои истифодаи самаранок директор бояд ҳадаф, нақша, омӯзиши кадрҳо, дастгирии техникӣ ва арзёбии натиҷаро таъмин намояд.

Яке аз сифатҳои муҳимми роҳбари муосир қобилияти идоракунии тағйирот мебошад. Ҳар як ислоҳот бо савол, нигаронӣ ва муқовимат рӯ ба рӯ мешавад. Одамон аз тағйироте, ки моҳияташро намефаҳманд ё дар он мавқеи худро намебинанд, эҳтиёт мекунанд. Директор бояд ҳадафи тағйиротро ба коллектив дуруст шарҳ диҳад, омӯзгоронро ба раванди банақшагирӣ ҷалб намояд ва барои аз худ намудани усулҳои нав вақт ва дастгирӣ фароҳам оварад. Роҳбари муосир, пеш аз ҳама, худ омодаи омӯзиш аст. Ӯ ба андешаҳои нав таваҷҷуҳ мекунад, аз таҷрибаи дигарон меомӯзад, хатоиро эътироф менамояд ва қарорҳои худро дар асоси натиҷа бознигарӣ мекунад.

Қобилияти эътирофи камбудӣ нишонаи заъфи роҳбар не, баръакс, нишонаи масъулият ва камолоти касбӣ мебошад. Роҳбаре, ки ҳамеша худро ҳақ мешуморад, имконияти омӯзиш ва ислоҳи фаъолиятро аз даст медиҳад. Хударзёбии муассиса дар ҳамин замина аҳаммияти калон дорад. Мактаб бояд фаъолияти худро мунтазам арзёбӣ намояд: кадом ҳадафҳо амалӣ шуданд, дар куҷо пешрафт ба даст омад, кадом масъалаҳо ҳалли худро наёфтанд ва барои марҳалаи минбаъда чӣ бояд кард.

Хударзёбӣ набояд ба таҳияи ҳисоботи зебо табдил ёбад. Ҳадафи он ошкор намудани вазъи воқеӣ ва муайян намудани самти рушд мебошад. Агар муассиса камбудиҳои худро пинҳон кунад, имконияти ислоҳи онҳоро низ аз даст медиҳад.

Дар баробари роҳбарии стратегӣ ва педагогӣ, директор масъули идоракунии захираҳо низ мебошад. Маблағ, таҷҳизот, вақт, неруи инсонӣ ва имкониятҳои муассиса бояд одилона ва самаранок истифода шаванд.

Шаффофият дар ин самт аҳаммияти махсус дорад. Коллектив ва ҷомеа бояд донанд, ки захираҳои муассиса барои кадом ҳадаф истифода мешаванд ва ин истифода ба рушди таълим чӣ мусоидат кардааст. Шаффофият эътимодро зиёд менамояд ва масъулиятро тақвият медиҳад.

Роҳбар бояд вақти худро низ дуруст идора кунад. Агар қисми зиёди вақти директор ба ҳалли масъалаҳои ҷорӣ, имзо намудани ҳуҷҷатҳо ва баргузории ҷаласаҳои такрорӣ сарф шавад, барои таҳлили сифат, дастгирии омӯзгорон ва банақшагирии рушд имконият кам мемонад. Аз ин рӯ, тақсимоти дурусти вазифаҳо ва рушди роҳбарии муштарак муҳим мебошад. Муовинон, роҳбарони иттиҳодияҳои методӣ, омӯзгорони соҳибтаҷриба ва дигар кормандон бояд дар идоракунии рушди муассиса саҳм гузоранд. Роҳбарии муваффақ ба шахси директор маҳдуд намегардад. Директор бояд дар атрофи худ гурӯҳи масъулиятшинос ва қобили амал ташаккул диҳад. Вақте кормандон дар қабули қарор иштирок мекунанд ва барои натиҷа масъулият эҳсос менамоянд, иқтидори муассиса афзоиш меёбад. Аммо тақсими вазифа маънои дур шудани директор аз масъулиятро надорад. Ӯ бояд фаъолияти сохторҳоро ҳамоҳанг созад, натиҷаҳоро назорат кунад ва барои иҷрои ҳадафҳои умумӣ масъул бошад.

Дар шароити имрӯза масъалаи омодасозӣ ва интихоби роҳбарони муассисаҳои таълимӣ аҳаммияти махсус пайдо кардааст. Директори мактаб бояд дониши педагогӣ, малакаи идоракунӣ, қобилияти таҳлил, фарҳанги муошират, саводнокии ҳуқуқӣ, молиявӣ ва рақамӣ дошта бошад. Таҷрибаи тулонии омӯзгорӣ худ ба худ барои роҳбарии муассиса кофӣ нест. Омӯзгори хуб метавонад дар фаъолияти таълимӣ натиҷаҳои баланд дошта бошад, вале идоракунии ташкилот дониш ва малакаҳои иловагиро талаб мекунад. Аз ин рӯ, пеш аз таъин ва дар давраи фаъолият роҳбарон бояд аз барномаҳои махсуси омодагӣ ва рушди касбӣ гузаранд. Такмили ихтисоси

директорон бояд ба масъалаҳои воқеии идоракунӣ равона шавад: роҳбарии педагогӣ, банақшагирии стратегӣ, таҳлили маълумот, идоракунии захираҳо, рушди коллектив, ҳалли низоъ, ҳамкорӣ бо волидон, рақамикунонӣ ва идоракунии тағйирот. Омӯзиш дар шакли лексияҳои умумӣ кофӣ нест. Роҳбарон бояд масъалаҳои воқеии муассисаро таҳлил кунанд, нақшаи рушд таҳия намоянд, таҷрибаи муваффақро омӯзанд ва аз машварати роҳбарони соҳибтаҷриба истифода баранд.

Зарур аст, ки фаъолияти директорон аз рӯйи натиҷаҳои воқеии рушди муассиса арзёбӣ гардад. Дар ин арзёбӣ сифати таълим, рушди касбии омӯзгорон, муҳити мактаб, пешрафти хонандагон, шаффофияти идоракунӣ, ҳамкорӣ бо ҷомеа ва татбиқи ислоҳот ба назар гирифта шавад. Шумораи чорабиниҳо ё ҳаҷми ҳуҷҷатҳо нишондиҳандаи асосии фаъолияти роҳбар шуда наметавонад. Муҳим он аст, ки дар натиҷаи роҳбарӣ дар мактаб чӣ тағйир ба вуҷуд омад, сифати дарс то кадом андоза беҳтар шуд ва хонанда чӣ дастоварда пайдо кард. Ҳамзамон, аз директор бояд натиҷа талаб карда шавад, вале барои расидан ба он ваколат, захира ва дастгирии зарурӣ низ фароҳам оварда шавад. Масъулияти бе ваколат ва талаботи бе имконият натиҷаи устувор намедиҳад.

Имрӯз соҳаи маориф дар марҳалаи муҳимми дигаргунӣ қарор дорад. Татбиқи таҳсилоти салоҳиятмеҳвар, рушди низоми нави арзёбӣ, рақамикунонии таълим, таҳкими назорати дохилимактабӣ, ҷорӣ намудани шаклҳои нави рушди касбӣ ва баланд бардоштани сифати таҳсилот аз роҳбарони муассисаҳо масъулияти зиёд талаб мекунанд. Ҳар як ислоҳот дар ниҳоят ба мактаб ва синфхона мерасад. Агар роҳбар моҳияти онро дуруст дарк кунад, коллективро омода созад ва татбиқи онро пайгирӣ намояд, тағйирот ба натиҷаи воқеӣ табдил меёбад. Агар ислоҳот ҳамчун супориши навбатӣ қабул гардад, он метавонад ба ҳисоботу ҳуҷҷатгузорӣ маҳдуд шавад. Аз ин хотир, директори мактаб яке аз ҳалқаҳои асосии татбиқи сиёсати давлатӣ дар соҳаи маориф мебошад. Ӯ ҳадафҳои умумиро ба барнома ва фаъолияти мушаххаси муассиса табдил медиҳад. Сатҳи фаҳмиш, масъулият ва маҳорати ӯ ба суръат ва сифати ислоҳот таъсири мустақим мерасонад. Мактаб ба роҳбаре ниёз дорад, ки ба оянда бо боварӣ нигарад, вале воқеияти имрӯзаро дуруст бинад. Роҳбаре, ки мушкилотро пинҳон намекунад, имкониятҳоро аз даст намедиҳад ва ҳар як қарорро бо масъулият қабул менамояд. Ӯ бояд шунида тавонад, зеро роҳи ҳалли бисёр мушкилот дар таҷриба ва андешаи омӯзгорон, хонандагон ва волидон мавҷуд аст. Ҳамзамон, дар ҳолатҳои зарурӣ бояд қарори қотеъ қабул кунад ва барои иҷрои он масъулият дошта бошад.

Роҳбарии муассисаи таълимӣ, пеш аз ҳама, хизмат ба инсон ва ояндаи ҷомеа мебошад. Директор бо тақдири садҳо хонанда, фаъолияти даҳҳо омӯзгор ва эътимоди садҳо оила сарукор дорад. Аз ҳамин сабаб, ҳар як қарори ӯ бояд ба манфиати таълим, тарбия ва рушди кӯдак равона гардад.

Сифати таҳсилот аз синфхона оғоз меёбад, вале самти худро аз низоми роҳбарӣ мегирад. Омӯзгор дарс мегузаронад, хонандаро роҳнамоӣ мекунад ва ба ӯ дониш медиҳад. Директор бошад, муҳите ба вуҷуд меорад, ки дар он омӯзгор тавонад хуб дарс диҳад ва хонанда тавонад хуб омӯзад. Агар роҳбар ба омӯзгор эътимод кунад, рушди ӯро дастгирӣ намояд ва барои фаъолияти самаранок шароит фароҳам орад, сифати дарс беҳтар мегардад. Агар ба пешрафти ҳар як хонанда аҳаммият диҳад, мушкилоти ӯро сари вақт муайян кунад ва барои дастгирӣ чора андешад, мактаб ба муҳити фарогир ва инсонмеҳвар табдил меёбад. Агар қарорҳо ба таҳлил асос ёбанд, захираҳо оқилона истифода шаванд, ҳамкорӣ бо волидон ва ҷомеа тақвият ёбад ва технология ба хидмати таълим равона гардад, муассиса ба роҳи рушди устувор ворид мешавад.

Мактаби муваффақ бинои зебо ё маҷмуи таҷҳизоти муосир нест. Пеш аз ҳама, он ҷомеаи омӯзанда, масъул ва муттаҳид мебошад. Дар чунин мактаб омӯзгор аз муваффақияти хонанда ифтихор мекунад, хонанда аз омӯхтан лаззат мебарад, волид ба муассиса эътимод дорад ва роҳбар барои ҳар як натиҷа масъулият эҳсос менамояд. Мактаби муваффақ муассисаест, ки ҳар рӯз аз таҷрибаи худ меомӯзад, камбудиҳоро ислоҳ мекунад, дастовардҳоро тақвият медиҳад ва барои фардо ҳадафи равшан дорад. Ташаккули чунин мактаб бе роҳбарии қавӣ имконпазир нест. Аз ҳамин хотир, рушди маҳорати роҳбарони муассисаҳои таълимӣ бояд ба яке аз самтҳои афзалиятноки сиёсати соҳаи маориф табдил ёбад.

Зарур аст, ки низоми интихоб, омода намудан, таъин, дастгирӣ ва арзёбии директорон такмил дода шавад. Роҳбарони қобилиятнок бояд имкони омӯзиши пайваста, мубодилаи таҷриба, роҳбаладӣ ва дастгирии касбӣ дошта бошанд. Дар баробари талаботи баланд, фаъолияти роҳбарони ташаббускор бояд қадр ва дастгирӣ карда шавад. Таҷрибаи муассисаҳои муваффақ омӯзиш ва паҳн гардад. Роҳбароне, ки тавонистаанд коллективро муттаҳид кунанд, сифати таълимро беҳтар намоянд ва дар муҳити мактаб тағйироти мусбат ба вуҷуд оваранд, метавонанд барои дигарон намуна ва роҳнамо бошанд.

Бояд ҳамеша дар хотир дошт, ки натиҷаи фаъолияти директор дар як рӯз ё як моҳ пурра намоён намегардад. Роҳбарии босифат тадриҷан фарҳанги муассисаро дигар мекунад, муносибати омӯзгоронро ба касб тақвият медиҳад, боварии хонандагонро зиёд месозад ва эътимоди ҷомеаро ба мактаб устувор менамояд. Ин раванд меҳнат, дониш, сабр, ирода ва садоқатро талаб мекунад. Вале самараи он барои ҷомеа бисёр арзишманд аст. Зеро ҳар як хонандаи донишманд, боодоб, соҳибсалоҳият ва ватандӯст натиҷаи фаъолияти дастаҷамъонаи мактаб мебошад ва дар ташкили ин фаъолияти дастаҷамъона роҳбар нақши ҳалкунанда дорад.

Дар ниҳоят, метавон гуфт, ки рушди устувори соҳаи маориф аз рушди ҳар як муассисаи таълимӣ оғоз меёбад ва рушди муассиса ба сатҳи роҳбарии он пайванди мустақим дорад. Роҳбари соҳибмаърифат ба мактаб ҳадаф медиҳад. Роҳбари одил дар коллектив эътимод ба вуҷуд меорад. Роҳбари ташаббускор имкониятҳои нав мекушояд. Роҳбари масъулиятшинос сифати корро пайгирӣ мекунад. Роҳбари дурбин барои фардои муассиса замина мегузорад. Вақте ин сифатҳо дар фаъолияти директор бо ҳам пайваст мегарданд, мактаб аз муассисаи одии таълимӣ ба маркази воқеии дониш, тарбия, фарҳанг, эҷодкорӣ ва рушди ҷомеа табдил меёбад. Аз ин рӯ, имрӯз бояд ба роҳбари мактаб ҳамчун иҷрокунандаи корҳои маъмурӣ муносибат накунем. Ӯ пешвои педагогӣ, роҳнамои коллектив, ҳомии манфиатҳои кӯдак, ташаккулдиҳандаи фарҳанги муассиса ва меъмори ояндаи мактаб мебошад. Аз ҷаҳонбинӣ, салоҳияти касбӣ, ахлоқ, масъулият ва маҳорати идоракунии ӯ фаъолияти омӯзгорон, пешрафти хонандагон ва эътимоди ҷомеа ба муассисаи таълимӣ вобаста аст.

Ҳар қадар роҳбарони муассисаҳои таълимӣ донишманд, ташаббускор, одил ва масъулиятшинос бошанд, ҳамон андоза сифати таҳсилот боло меравад, нуфузи омӯзгор меафзояд ва муҳити мактаб созандатар мегардад. Зеро омӯзгори муваффақ ба мактаб неру мебахшад, хонандаи муваффақ ба он маъно медиҳад ва роҳбари муваффақ самти рушди онро муайян месозад.

Хуллас, мактаби муваффақ ба роҳбари муваффақ вобаста аст.

Дар касби камол боядат ҷаҳд,
Дар беҳталабӣ басарбарӣ аҳд.
Гирдоби талаб васеу давр аст,
Дарёи улум дуру ғавр аст.
Қонеъ нашавӣ, ба ҳар чӣ ёбӣ,
Аз хуб ба хубтар шитобӣ.

Абдураҳмони Ҷомӣ

НАҚШИ ЗАБОН ДАР ТАҲҚИҚ ВА ТАЪЛИМИ МАТНҲОИ «НАВОДИР-УЛ-ВАҚОЕЪ»-И АҲМАДИ ДОНИШ



Хосият ОЛИМӢ – доктори илми филология, дотсенти кафедраи назария ва таърихи адабиёти ДБЗХТ ба номи Сотим Улуғзода

Филология ба унвони илми муосир ба бахшҳои адабиётшиносӣ ва забоншиносӣ тақсимбандӣ мешавад. Агар илми адабиётшиносӣ ба омӯзиши адабиёти бадеӣ машғул гардад, пас илми забоншиносӣ забони асари бадеиро мавриди таҳқиқ қарор медиҳад, ки ин иртиботи қавӣ доштани ҳарду илмро нишон медиҳад.

Яъне, дар дарсҳои адабиёт алоқамандии ин ду фан матраҳ гардида, омӯзгор ҳатман аз методҳои таълими ҳарду фан бояд огоҳ бошад, зеро мушкилоти тадриси адабиёти классикии форсу тоҷик аз омӯзгор омодагии дуҷонибаро тақозо менамояд. Маълум аст, ки адиб мавзуъ ва услуби асарро мутобиқи завқи худ интихоб ва ба хонанда пешниҳод менамояд. Чунонки Ҳофизи ширинкалом меорад:

Он ки дар тарзи ғазал нукта ба Ҳофиз омӯхт,
Ёри ширинсухани нодирагуфтори ман аст [5, с. 79].

Аммо мақсади муаллиф агар иншои асар бошад, ҳадафи хонанда дарёфтани завқ ва ғанӣ гардонидани фазои иттилоотӣ мебошад. Муаллиф саъй менамояд, ки соҳири сухани хеш бигардад, хонанда завқ бардорад ва муҳаққиқ арзиши бадеии онро баррасӣ намояд. Байни муаллиф, хонанда ва муҳаққиқ як занҷира ба вуҷуд меояд, ки арзиши эстетикӣ-бадеии асарро маълум менамоянд.

Нақшаи №1



Аз тарафи дигар, мушкилоти роҳҳо ва воситаи тадриси осори бадеӣ ба миён меояд. Воқеан, раванди дарси адабиёт қабл аз ҳама, аз шарҳи осори бадеӣ сарчашма гирифта, тавассути он омӯзгор саъй менамояд, ки завқи эстетикии хонандагонро бедор намояд. Барои дурусттар ва амиқтар омӯхтани матни асари бадеӣ бояд омӯзгор забони асари бадеиро ба хонанда таҳлил намуда, баробари ин роҳҳои дарёфтани маънии вожаҳоро аз луғат бифаҳмонад, чунки забони асари бадеӣ аз забони гуфтугӯӣ фарқ карда, сухан дар матни асари бадеӣ рангу мазмуни дигарро соҳиб мегардад, яъне, занҷираи дигар – матни асари бадеӣ, хонанда ва фарҳанги забони адабӣ дар идомаи занҷираи қаблӣ барои муҷаз баррасӣ намудани масъала ба миён меояд.

Нақшаи №2



Албатта, роҳҳои таълими забони асари бадеӣ кайҳо боз мавриди баҳсу мунозира қарор доранд ва инро дар заминаи иртиботи адабиётшиносӣ ва забоншиносӣ меомӯзанд. Аз ҳама

муҳим ин аст, ки дар вақти таълими матнҳои бадеӣ ба забони асар таваҷҷуҳ намуда, баштар бо ду хулоса, яъне сода ва ё мураккаб, иқтидо менамоянд. Барои муайян кардани забони асари бадеӣ омӯзгор ҳатман меъёри забони асари бадеиро мутобиқи замони нависанда бояд шарҳ диҳад, вожаҳои мураккабро бифаҳмонад ва доираи истифодаи онро дар замони муосир муайян намояд. Дар ин замина силсилаи наве пайдо мегардад, ки бояд дар дарси адабиёт ба он таваҷҷуҳ намуд:

Нақшаи №3



Муаллиф асарро офарида, аз доираи истеъмоли забони адабӣ берун намебарояд ва аз анъанаҳои гузаштагон дар интихоби услуб ва жанр пайравӣ менамояд. Моҳият ва арзиши асари бадеӣ қабл аз ҳама, дар фасоҳату балоғат ва таркиботи он вобастагӣ дорад.

Барои дар амал тадбиқ намудани ин масъала аз «Наводир-ул-вақоеъ»-и Аҳмади Дониш истифода менамоем. «Наводир-ул-вақоеъ»-и Аҳмад Маҳдуми Дониш ҳамчун насри бадеию публитсистӣ дар адабиёти тоҷик инқилоби тозаеро ба амал овард. Унвони «Наводир-ул-вақоеъ» ҳамчун асари бадеию публитсистӣ аз воқеияти асар гувоҳӣ медиҳад, яъне, фарогири воқеа, ҳодиса, рӯйдоди нодиру нотакрор. Аксари муҳаққиқон унвони асарро аз лаёқати баланди нависандагӣ медонанд. Яъне, гуфтаҳои муаллиф гувоҳ бар он аст, ки ҳар фасли «Наводир-ул-вақоеъ» вақоеи муҳиммеро дар бар мегирад, ки дар анҷоми ҳар фасле муаллиф бо санаду арқоми дуруст исботи масъала менамояд.


Вижагии барҷастаи ин асар маҳз аз лиҳози мавзуъ гуногунпаҳлу будани он буда, ба унвони асари ёддоштӣ, таҳлилӣ, бадеӣ, публитсистӣ ва фалсафӣ маълуму маъруф гардидааст. Дониш ба воситаи афкори фалсафӣ бештар ба масъалаҳои маърифати инсон ва муҳтавои инсон будан дар зиндагӣ таваҷҷуҳ намудааст. Муҳаққиқони адабиётшинос тазаккур медиҳанд, ки талаби ҷомеа ва раванди он на фақат ба маънии калом, балки ба сохту услуби адабиёт низ таъсири амиқе мерасонад. Бинобар ин, мавриди чигунагии забони насри «Наводир-ул-вақоеъ» ба андешаҳои забоншиноси тоҷик Носирҷон Маъсумӣ таваҷҷуҳ намудан мумкин аст: «Муборизаи барои соданависӣ саркардаи гурӯҳи маорифпарварони охири асри X1X ва ибтидои асри XX ва бо ин роҳ ҳам аз ҷиҳати шаклу тарз ва услуби ифода афзудани кӯшиши ба омма наздикшавии интеллигенсияи пешқадами он даврараро тасаввур кардан аз имконият берун аст» [4, с. 46].

Дар ҳамин ҷо бо овардани якчанд ибора Носирҷон Маъсумӣ исбот кардан хостааст, ки насри Дониш бо услуби сода ва фаҳмо иншо гардидааст. Воқеан, мо наметавонем насри «Наводир-ул-вақоеъ»-ро сода бигӯем. Ин насри дорои тасвирҳои зиёди бадеӣ, санъат ва андешаҳои файласуфона мебошад. Маҳз мураккабии забону баёни Аҳмади Дониш боиси аз таҳқиқоти назаррас дур мондани «Наводир-ул-вақоеъ» дар давраи Шуравӣ гардидааст. Баъдан барои хонандаи мактаб чунин услуби нигориш хеле мушкил аст ва на ҳама вақт завқи ӯро бедор карда метавонад, чунки дар «Наводир-ул-вақоеъ» калимаҳои душворфаҳми арабӣ бештар дида мешаванд ва андешаҳои Дониш ҳам мураккабу пурпечутобанд.

Пас, суоле ба миён меояд, ки воқеан, насри Дониш сода ё ин ки ба қавли худаш, «равшан чун моҳ» буд? Оё дар вақти тадриси «Наводир-ул-вақоеъ» мушкилот ба миён меояд ё не? Албатта, таҷрибаҳо нишон медиҳанд, ки дарки «Наводир-ул-вақоеъ»-и Аҳмади Дониш ба хонандагони мактаб осон нест, зеро агар барои ҳамзамонони Дониш «Наводир-ул-вақоеъ» бо забони сода баён гардида бошад, барои муосирони мо на фақат аз лиҳози забон, балки маънӣ низ хеле мураккаб аст. Дар «Наводир-ул-вақоеъ» каломи арабӣ барои перостани сачъ, ангехтани киноя, таҳлили қиёсу тазоди зиндагӣ дар ҳадди баланд истифода шудааст, яъне, омӯзгор дар ин вақт бояд аз забони классикии форсу тоҷик ва истилоҳоти мураккаби арабӣ воқиф бошад.

Кор бо фарҳанги забони тоҷикӣ дар дарси адабиёт ба омӯзгор ёрии методӣ мерасонад. Дар поён намунае аз роҳҳои шарҳи забони насри Аҳмади Дониш оварда мешавад, ки мушкилоти тадриси онро то андозае осон хоҳад намуд:

Нақшаи №4



Ба замми ин, таҳлили матн бояд дар шакли зер ба анҷом расад:

• «Ва дар ҳақиқати ҳар қавле ва феъле нигаристаме ва бар зоҳири чизҳо назар наандохтаме ва бар ботини он таваҷҷуҳ сохтаме».

- Аҳмади Дониш дар ин ҷумла «қавл»-ро ба маънии гуфтору пиндор ва «феъл»-ро ба маънии рафтор овардааст.

• Зоҳир ба мақсади он чизе, ки дар амал муҳим нест ва ботин он чизе, ки амалан инсон аз он дер воқиф мегардад ва ё маънии амалеро дуруст дарк мекунад.

• Ва чун замона ва аҳли он мустаиди инчунин шуғл набуд, ман худро бад-ин тариқа машғул доштаме, то бад-ин восита ҳикоёту ривоёт аз он чи дидаву шунида будам, дар шаққоту авроқ ҷамъ шуда, абнои ҷинс барои тааҷҷуб мебурданд ва мутолаа мекарданд, боз меоварданд.

- Дар ин матн Аҳмад Дониш аз он ёд мекунад, ки он чи ҳамзамонони ман дар даркаш мушкилӣ мекашиданд, онро болои саҳифа оварда, барои хондани ҳамзамонон пешниҳод кардааст. Яъне, Дониш масъалаҳои мушкили иҷтимоиро дар асоси таҳқиқу мушоҳидаҳо баррасӣ намуда, ба ҳамзамонони худ пешниҳод кардааст.

Матни адабӣ дар ташкили худ низоми печида ва мураккаб аст. Аз як тараф, системи хусусии воситаҳои забони миллӣ бошад, аз ҷониби дигар, матни адабӣ, бинобар қавли Ю.М. Лотман, системи рамзии худро таҳия мекунад, ки мухотаб (хонанда) барои фахмидани матн бояд онро «рамзкушоӣ» кунад [3, с. 38].

Муносибати муаллиф принсипҳои асосии сохтори матнро дар такрору муқоиса ошкор мекунад. Такрору тазод занҷири мукотибаро ба вуҷуд оварда, дар инъикоси мавзуни воқеият саҳм мегузорад. Номи фаслҳо ва хусусиятҳои образофарӣ дар дарки хонанда маъноҳои рамзиро ба воқеият таҳия мекунад, ки ин то андозае бо фарҳанги мардумӣ хос мебошад.

Дар матни адабӣ ҳар чиз ба маънӣ фаро гирифта шавад. Дар ин ҷо ҳама чиз саршор аз маънии ботинӣ аст ва забон сарфи назар аз ин ки чун нишонае хидмат мекунад, худро ошкор хоҳад кард. Ин тафаккурро дар калима, ки хосси забони адабӣ аст, мефаҳмонад ва аслан як вожаи инъикоскунанда буда, на аз ҷиҳати мазмуни этимологӣ, балки бо имкони корбасти образноки дар онҳо мавҷудбуда арзишманд ҳастанд. Ҳамаи аносири матн бо ҳам алоқаманданд ва дар сатҳи гуногун маъноҳои мухталифро нишон медиҳанд ё нишон дода метавонанд.

Матни адабӣ бо матнҳои дигар алоқаманд буда, ба онҳо муроҷиат мекунад ё унсурҳояшонро аз худ менамояд. Ин робитаҳои байниматнӣ ба маънои он таъсир мерасонанд ё ҳатто онро муайян мекунанд. Алоқаҳои байниматнӣ зерматни асарро ошкор ва мақсади муаллифро муайян мекунанд.

Адабиёт

1. Дониш, Аҳмад. Наводир-ул-вақоеъ. Китоби 1. / Аҳмади Дониш – Душанбе: Дониш, 2017. – 461 с.
2. Ғиёссуддин, Муҳаммад. Ғиёс-ул-луғот. Иборат аз ду ҷилд. Ҷилди1. / Муҳаммад Ғиёссуддин – Душанбе: Адиб, 1987. – 480 с.
3. Лотман, Ю.М. Анализ поэтического текста. – Л.: 1972. – С . 136.
4. Маъсумӣ, Н. Асарҳои мунтахаб. Ҷ. 2. / Н. Маъсумӣ. – Душанбе: Ирфон, 1980. – 350 с.
5. Ҳофизи Шерозӣ. Девон. – Душанбе: Адиб, 2015. – 450 с.

АСОСГУЗОРИ АФКОРИ МАОРИФПАРВАРОНА

Ба зодрӯзи нахустректори Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, академик Зариф Шарифович Раҷабов 120 сол пур шуд.



Амиршоҳ ЁРМУҲАММАДОВ – дотсенти Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, Аълочии маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон

Синнам ба ҳаштод расидааст. Умри инсон мисли фасли баҳор зуд сипарӣ мешавад. Зиёда аз шасту се соли умрам бо Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (собиқ Университети давлатии Тоҷикистон ба номи В. И. Ленин) пайванди ногусастанӣ дорад. Панҷ соли онро ҳамчун донишҷӯ ва беш аз панҷоҳу ҳашт соли дигарро ба ҳайси омӯзгор сипарӣ намудаам.

Дар ин муддати тӯлонӣ роҳи пурпечутобу пурмасъулияти ҳаётиро тай кардам. Аз зинаи донишҷӯӣ оғоз намуда, баъдан аспирант, муаллим, муаллими калон, дотсент, ҷонишини декани факултет ва зиёда аз даҳ сол мудири кафедраи таърихнигорӣ ва архившиносӣ фаъолият доштам. Ҳар яке аз ин марҳалаҳо барои ташаккули шахсият ва фаъолияти илмӣ-педагогии ман аҳаммияти бузург дошт.

Нахустин шиносоии ман бо олими маъруф ва аввалин ректори донишгоҳи мазкур моҳи сентябри соли 1966, замони донишҷӯи курси якум буданам сурат гирифт. Ҳамон сол факултети таърих ҳамчун воҳиди мустақил таъсис ёфт. То он вақт он танҳо ҳамчун шуъбаи факултети таъриху филология фаъолият мекард. Дар ҳайати факултети таъриху филология ихтисосҳои таърих, филологияи тоҷик, филологияи рус, филологияи араб ва филологияи форсӣ мавҷуд буданд.

Ректори вақти донишгоҳ, олими барҷастаи соҳаи ҳуқуқ, академики Академияи илмҳои Тоҷикистон З. Ш. Раҷабов, барои роҳбарии факултети навтаъсиси таърих ҷавони лаёқатманду ташкилотчии варзида Мансур Бобохоновро таъйин намуд. Ӯ баъдан ба яке аз таърихшиносони маъруфи ҷумҳурӣ табдил ёфт. М. Бобохонов барои рушди факултет саъю кӯшиши зиёд ба харҷ медод. Бо ташаббуси ӯ аз муассисаҳои гуногуни ҷумҳурӣ ва берун аз он олимону омӯзгорони соҳибунвон ҷалб гардида, ба донишҷӯён дарс мегуфтанд.



Факултети таърих он солҳо дар ошёнаи дуюми бинои асосии донишгоҳ ҷойгир буд. Муҳити илмии факултет хеле фаъол ва руҳбахш буд. Донишҷӯён ба мутолиа, корҳои илмӣ ва иштироки фаъол дар маҳфилҳои илмӣ шавқу рағбати зиёд доштанд. Мо дар басти дуюм таҳсил мекардем: дарсҳо аз соати 14:00 оғоз ёфта, то соати 19:00 идома меёфтанд. Аммо баъди анҷоми дарсҳо аксари донишҷӯён барои ба хона ё хобгоҳ рафтан шитоб намекарданд, зеро дар факултет маҳфилҳои гуногуни илмӣ фаъол буданд ва ҳар яки мо мекӯшидем дар онҳо иштирок намоем.

Дар оғози соли таҳсил ба донишҷӯёни курси якум эълон гардид, ки роҳбарии маҳфили илмии таърихи Иттиҳоди Шуравӣ (ИҶШС)-ро академик З. Ш. Раҷабов ба уҳда дорад ва маҳфили таърихи умумиро дотсент А. Ҷалилов роҳбарӣ мекунад. А. Ҷалилов баъдан ба яке аз олимони маъруфи соҳаи таърихи асрҳои миёна ва Ходими хизматнишондодаи илм ва техникаи Тоҷикистон табдил ёфт. Ман ба ҳар ду маҳфили илмӣ номнавис шудам.

Баъдан роҳбарии маҳфили таърихи ИҶШС ба зиммаи дотсент А. Қодиров гузошта шуд. Ёдашон ба хайр ва руҳашон шод бод! Дар он айём академик З. Ш. Раҷабов дар Академияи

илмҳои Тоҷикистон вазифаи масъулро иҷро мекард, вале бо вуҷуди мақоми баланди илмӣ ва маъмурӣ аз роҳбарии маҳфили илмии донишҷӯён даст накашид. Ин аз таваҷҷуҳи хоссаи ӯ ба тарбияи кадрҳои ҷавони илмӣ шаҳодат медод.

Мо, донишҷӯёни курси якуми факултети таърихро, академик З. Ш. Раҷабов самимона истиқбол гирифт. Ӯ таъкид мекард, ки ҳар як донишҷӯ бояд дар маҳфилҳои илмӣ фаъолона иштирок намуда, қобилияти таҳқиқотии худро ташаккул диҳад. Дар курсҳои болоӣ ӯ ба мо курси махсуси «Аҳамияти прогрессивии ҳамроҳшавии Осиёи Миёна ба Россия»-ро дарс медод. Дарсҳои ӯ аз ҷиҳати мазмун амиқ, аз лиҳози мантиқ муназзам ва бисёр пурмуҳтаво буданд. Дар имтиҳону санҷишҳо талаботи баланд дошт ва нисбат ба донишҷӯён хеле сахтгир буд. Ӯ ҷаҳонбинӣ ва қобилияти ҳар як шогирдро хуб дарк намуда, ҳамеша онҳоро ба андешаи мустақил, таҳлил, эҷодкорӣ ва даст кашидан аз азёдкунии хушк ҳидоят мекард.

Бо тақозои тақдир, баъд аз чанд соли фаъолияти омӯзгорӣ дар Донишгоҳи давлатии Москва ба номи М. В. Ломоносов рисолаи номзадии худро барои ҳимоя омода мекардам. Дар ҳамон айём академик З. Ш. Раҷабов аз Душанбе ба шаҳри Москва кӯчида буданд, зеро ҳар ду духтарашон дар он ҷо зиндагӣ мекарданд. Онҳо дар маркази шаҳр истиқомат доштанд.

Бо тавсияи роҳбари илмии худ, профессор Мансур Бобохонов, борҳо ба аёдати академик З. Ш. Раҷабов мерафтам. Ӯ дар Москва худро андаке танҳо эҳсос мекард ва иқлими намноки шаҳр низ ба саломатияш таъсири номатлуб расонида буд. Ҳар дафъа маро бо меҳру муҳаббати зиёд истиқбол мегирифт ва соатҳо аз рӯзгори гузашта, бахусус, аз таърихи таъсиси Донишгоҳи давлатии Тоҷикистон ва нақши роҳбари вақти ҷумҳурӣ, академик Бобоҷон Ғафуров, дар бунёди ин муассисаи нави илмию таълимӣ бо шавқу ҳаваси зиёд ҳикоят мекард.

Ҳамсарашон Аза Алексеевна зани бисёр меҳрубон, ғамхор, хушмуомила ва соҳибфарҳанг буд. Академик ҳамеша ба ӯ мегуфт: «Аза Алексеевна! Кормите аспиранта!» («Аза Алексеевна, аспирантро хӯрок диҳед!»). Ин муносибати самимӣ ва ғамхории устод то имрӯз дар хотирам нақш бастааст.

Бо роҳнамоии академик З. Ш. Раҷабов барои гирифтани машварати илмӣ ба хонаи академик Бобоҷон Ғафуров рафтам ва бо ҳамсари ӯ – Капитолина Александровна Ғафурова мулоқот намудам. Азбаски мавзуи рисолаи ман ба давраи таърихии мавриди таҳқиқи К. А. Ғафурова иртиботи наздик дошт, маслиҳатҳои ӯ барои пешбурди таҳқиқоти илмии ман бисёр судманд буданд.

Бо пешниҳоди устодам, профессор М. Бобохонов Шурои ҳимояи рисолаҳои илмии Донишгоҳи давлатии Москва ба номи М. В. Ломоносов академик З. Ш. Раҷабовро оппоненти расмии аввали рисолаи номзадии ман таъйин намуд. Ин барои ман мояи ифтихор ва масъулияти бузург буд. Бо дастгирӣ ва арзёбии баланди устодон рисолаи илмии худро бомуваффақият ҳимоя кардам.

Академик З. Ш. Раҷабов дар шаҳри бостонии Хуҷанд ба дунё омадааст. Таҳсилоти ибтидоиро дар мактаби русии шаҳри Андиҷон гирифтааст. Дар китоби ёддоштии худ «Роҳи дониш» (ба забони русӣ) менависад: «Мо, бачагони ҳашт-нӯҳсола, ба мутолиаи осори Навоӣ, Фузулӣ ва Бедил оғоз кардем». Ин гуфта аз муҳити фарҳангиву маънавие шаҳодат медиҳад, ки дар он ҷаҳонбинии олими оянда ташаккул ёфтааст. Баъдан дар Дорулмуаллимини шаҳри Самарқанд ва Техникуми педагогии шаҳри Тошканд таҳсил кардааст.

Фаъолияти омӯзгории З. Ш. Раҷабов аз соли 1928, баъди хатми факултети коргарии назди Донишгоҳи давлатии Москва оғоз меёбад. Нахуст ҳамчун омӯзгори курсҳои омодакунандаи омӯзгорон дар шаҳри Душанбе фаъолият намуд. Пас аз як соли кор, бо дарназардошти қобилияти баланди илмӣ ва шавқи зиёд ба корҳои таҳқиқотӣ, ӯро барои таҳсил ба факултети этнологияи Донишгоҳи давлатии Москва фиристоданд. Ин факултет баъдтар ба Институти мустақили таърих ва фалсафаи Москва табдил дода шуд. Пас аз хатми бомуваффақияти ин муассисаи олӣ, соли 1932 ба Тоҷикистон баргашт ва ба ҳайси омӯзгор ва мудири қисми таълимии Академияи педагогии Душанбе фаъолият кард. Дар ин давра ӯ дар таҳияи барномаҳои таълимӣ ва таълифи воситаҳои таълимӣ ба забони тоҷикӣ саҳми назаррас гузошт.

Ибтидои соли 1933 бо пешниҳоди раиси Базаи Тоҷикистонии Академияи илмҳои ИҶШС, академик О. Ф. Олденбург, барои идомаи таҳсил ба аспирантураи Институти шарқшиносии шаҳри Ленинград (ҳоло Санкт-Петербург) фиристода шуд. Моҳи феврали соли 1937 З. Ш. Раҷабов рисолаи номзадии худро дар мавзуи «Ҷадидия дар Туркистон» бомуваффақият ҳимоя намуд. Пас аз бозгашт ба Тоҷикистон дар Филиали Тоҷикистонии Академияи илмҳои ИҶШС ба ҳайси ходими илмӣ фаъолият кард. Баъд аз муддате ӯро ба шаҳри Тошканд даъват намуда, мудири кафедраи таърихи ИҶШС-и Донишкадаи давлатии омӯзгории тоҷикӣ таъйин карданд.

Дар солҳои вазнини Ҷанги Дуюми Ҷаҳонӣ академик З. Ш. Раҷабов дар баробари фаъолияти пурмаҳсули илмӣ ва омӯзгорӣ, дар корҳои ақибгоҳ низ фаъолона ширкат варзид. Ӯ дар сохтмонҳо, ҷамъоварии пахта ва дигар корҳои муҳими хоҷагии халқ саҳми арзанда гузошт.

Солҳои 1945-1948 дар докторантураи Институти таърихи Академияи илмҳои ИҶШС таҳсил намуд. Моҳи марти соли 1947 бо қарори Шурои Вазирони ИҶШС, ки онро И. В. Сталин имзо карда буд, Университети давлатии Тоҷикистон таъсис ёфт. Бо тавсияи роҳбари вақти ҷумҳурӣ, академик Бобоҷон Ғафуров, З. Ш. Раҷабов нахустин ректори ин муассисаи олии таълимӣ таъйин гардид.

Таъсиси Университети давлатии Тоҷикистон (ҳоло ДМТ) дар рушди маориф ва илми ҷумҳурӣ марҳалаи сифатан навро оғоз бахшид. Ин муассиса аз рӯйи сохтор, мазмун ва сатҳи таълиму тарбия аз дигар мактабҳои олии он давра фарқ мекард. Дар он низоми муосири таҳсил, ҷалби олимони соҳибтаҷриба ва омодасозии мутахассисони баландихтисос дар меҳвари фаъолияти таълимӣ ва илмӣ қарор дошт. Маҳз таҳти роҳбарии академик З. Ш. Раҷабов барои ташаккули пояҳои илмиву таълимии донишгоҳ ва тарбияи нахустин насли олимону мутахассисони ҷумҳурӣ заминаи устувор гузошта шуд.

Дар фаъолияти ректории академик Зариф Шарифович Раҷабов қобилияти баланди ташкилотчигӣ ва дурандешии ӯ ба таври равшан зоҳир гардид. Солҳои аввали баъдиҷангӣ барои Тоҷикистон давраи басо душвору пурмасъулият буданд. Яке аз мушкилоти асосӣ норасоии довталабон барои муассисаҳои таҳсилоти олии ҷумҳурӣ ба ҳисоб мерафт. Бо вуҷуди ин, З. Ш. Раҷабов руҳафтода намешуд ва барои ҷалби ҷавонон ба донишгоҳ пайваста талош мекард. Ӯ шахсан ба шаҳру ноҳияҳои ҷумҳурӣ сафар намуда, дар мактабҳои миёна бо хатмкунандагон вохӯрӣ баргузор мекард, онҳоро ба идомаи таҳсил ва дохил шудан ба Донишгоҳи давлатии Тоҷикистон ташвиқ менамуд. Дар яке аз суҳбатҳояш нақл карда буд, ки ҳангоми сафар ба шаҳри Хуҷанд бо хатмкунандагони яке аз мактабҳои миёна мулоқот анҷом додааст. Вақте фаҳмид, ки қисми зиёди онҳо нияти таҳсил дар Донишкадаи омӯзгории Хуҷандро доранд, аз он ки натавонист ҳамаи онҳоро барои дохил шудан ба донишгоҳ ҷалб намояд, сахт андуҳгин шудааст. Ин ҳолат аз масъулиятшиносӣ ва дилсӯзии ӯ нисбат ба рушди донишгоҳ гувоҳӣ медиҳад.

Дар ин самт мактаб-интернати шаҳри Сталинобод, ки роҳбарии онро муаррихи маъруфи оянда, доктори илмҳои таърих, профессор ва Ходими хизматнишондодаи илми Тоҷикистон М. Шукуров ба уҳда дошт, ба донишгоҳ ёрии калон расонд. Баъди Ҷанги Дуюми Ҷаҳонӣ чунин мактаб-интернатҳо дар минтақаҳои гуногуни ҷумҳурӣ таъсис ёфта, дар тарбияи ҷавонони соҳибистеъдод нақши муҳим мебозиданд.

Академик Ҳ. Саидмуродов дар хотироти худ менависад, ки баъди анҷоми имтиҳонҳои хатм онҳоро ба утоқи директори интернат М. Шукуров даъват карданд. Директор хатмкунандагонро ба ректори Донишгоҳи давлатии Тоҷикистон З. Раҷабов муаррифӣ намуд. Ба гуфтаи академик Ҳ. Саидмуродов, ректор бо либоси озодаву шинам ва симои ботамкин вориди толор гардид. Дар фазои гарму самимӣ ӯ дар бораи донишгоҳ, факултетҳо, ихтисосҳо ва имкониятҳои таҳсил маълумоти муфассал дод. Суҳбати пурмуҳтаво ва боварбахши ӯ чунон таъсир гузошт, ки ҳамаи хатмкунандагони интернат барои дохил шудан ба факултетҳои гуногуни донишгоҳ ариза пешниҳод карданд.

Баъдан М. Шукуров низ фаъолияти худро дар Донишгоҳи давлатии Тоҷикистон ҳамчун лаборант оғоз намуд. Бо дастгирӣ ва роҳнамоии академик З. Раҷабов ӯ тадриҷан ба яке аз олимони барҷастаи ҷумҳурӣ табдил ёфт.

Яке аз хидматҳои бузурги академик З. Ш. Раҷабов ҳалли масъалаи таъмини донишгоҳ бо кадрҳои баландихтисоси илмӣ ва омӯзгорӣ буд. Бо ибтикор ва кӯшишҳои пайвастаи ӯ аз шаҳрҳои Москва, Ленинград (ҳоло Санкт-Петербург), Киев ва дигар марказҳои илмии собиқ Иттиҳоди Шуравӣ олимону омӯзгорони соҳибтаҷриба ба донишгоҳ даъват карда шуданд. Роҳбарияти донишгоҳ барои онҳо шароити мусоиди кору зиндагӣ, аз ҷумла, манзили истиқоматӣ фароҳам овард. Ин сиёсати дурбинона барои ташаккули муҳити воқеии илмӣ дар донишгоҳ заминаи устувор гузошт.

Бо талошҳои шабонарӯзӣ ва роҳбарии оқилонаи академик З. Раҷабов Донишгоҳи давлатии Тоҷикистон дар муддати кӯтоҳ ба яке аз марказҳои бонуфузи илму маърифат ва омодасозии кадрҳои баландихтисоси ҷумҳурӣ мубаддал гардид. Ин дастовард аз ҷониби Вазорати маълумоти олии ИҶШС низ эътироф шуд ва аз соли таҳсили 1951-1952 ба донишгоҳ иҷозат дода шуд, ки шуроҳои ҳимояи рисолаҳои номзадиро аз рӯйи ихтисосҳои геология, биология, забон ва адабиёти тоҷик ва таърихи халқи тоҷик таъсис диҳад.

Аз соли 1953 сар карда, нахустин хатмкунандагони донишгоҳ тадриҷан сафи омӯзгорон, олимон ва роҳбарони муассисаҳои давлатии Тоҷикистонро пур карданд. Аз миёни онҳо баъдтар академикон, профессорони маъруф, вазирон ва дигар ходимони барҷастаи давлатӣ ва илмӣ ба камол расиданд. Академик З. Раҷабов ҳамеша аз ин насли аввалини хатмкунандагон бо ифтихор ва меҳру муҳаббати хос ёд мекард. Бо дарназардошти хизматҳои бузурги ӯ дар таъсис, ташаккул ва рушди Донишгоҳи давлатии Тоҷикистон, баъди оғози фаъолияти Академияи илмҳои Тоҷикистон З. Раҷабов узви вобастаи он интихоб гардид. Аз ҳамон давра сарнавишти илмии ӯ то поёни умр бо ин муассисаи бонуфузи илмӣ зич пайванд ёфт. Бо вуҷуди ин, академик робитаи худро бо донишгоҳ ҳаргиз қатъ накард. Ӯ мунтазам ба донишҷӯён дарс мегуфт, ба аспирантону докторантон роҳбарии илмӣ мекард, олимони ҷавонро ба таҳқиқоти ҷиддӣ ва таълифи асарҳои бунёдӣ ҳидоят менамуд. Ҳамчунин, тавре ки қаблан зикр гардид, солҳои зиёд роҳбарии маҳфили илмии донишҷӯёни факултети таърихро низ ба уҳда дошт.

Солҳои охири умр дар шаҳри Москва зиндагӣ мекард, вале ҳар боре ки ба Душанбе меомад, ҳатман ба Донишгоҳи давлатии Тоҷикистон, бахусус, ба факултети таърих, ташриф меовард. Ӯ бо устодону донишҷӯён суҳбатҳои гарму самимӣ анҷом дода, аз дастовардҳои донишгоҳ шод мегардид ва барои рушди минбаъдаи илми таърих ва тарбияи мутахассисони ҷавон маслиҳатҳои судманд медод.

Академик Зариф Шарифович Раҷабов аз зумраи олимони сермаҳсул ва бунёдгузори илми таърихи навини Тоҷикистон ба шумор меравад. Ба қалами ӯ зиёда аз 400 асару мақолаи илмӣ ва беш аз бист монографияи бунёдӣ тааллуқ дорад. Қисми асосии осори илмии ӯ ба омӯзиш ва таҳлили таърихи афкори ҷамъиятӣ ва сиёсии халқи тоҷик бахшида шудааст.

Академик З. Раҷабов дар таҳқиқи таърихи афкори ҷамъиятии тоҷикон, махсусан, дар нимаи дуюми асри XIX ва ибтидои асри XX, хидматҳои арзишманд анҷом додааст. Дар асарҳои ӯ моҳият ва мазмуни ҷараёни маорифпарварӣ ҳамаҷониба таҳлил гардида, масъалаҳои вобаста ба ҳаракати ҷадидия низ мавриди таҳқиқи амиқ қарор гирифтаанд.

Ҳангоми таҳлили фаъолияти маорифпарварон, шоирон ва нависандагони охири асри XIX ва ибтидои асри XX академик З. Раҷабов ҷойгоҳи аввалро ба Аҳмади Дониш додааст. Ин баҳогузорӣ комилан асоснок аст, зеро маҳз Аҳмади Дониш поягузори афкори нави ҷамъиятӣ дар таърихи халқи тоҷик маҳсуб мешавад.

Бояд махсус таъкид кард, ки академик З. Раҷабов масъалаи ҳамроҳшавии Осиёи Миёнаро ба Россия дар доираи имкониятҳои илмии замони худ мавриди омӯзиш қарор дода, барои таҳқиқи ин мавзуъ саҳми назаррас гузоштааст. Ӯ минбаъд ин масъалаҳоро боз ҳам амиқтар таҳқиқ намуда, натиҷаи пажуҳишҳои худро дар асари бунёдии «Аз таърихи афкори ҷамъиятӣ-сиёсии халқи тоҷик дар нимаи дуюми асри XIX ва аввали асри XX» (Сталинобод, 1959), ки ба забонҳои тоҷикӣ ва русӣ нашр шудааст, ҷамъбаст намуд.

Дар ин ва дигар осори худ олим андешаҳои маорифпарваронаи Аҳмади Дониш, Шамсиддин Шоҳин, Тошхӯҷа Асирӣ, Ҳайрат, Возеҳ, Садриддин Айнӣ, Фурқат, Муқимӣ ва

Ҳамза Ҳакимзодаро таҳлил намуда, саҳми онҳоро дар бедории маънавӣ, ташаккули тафаккури сиёсӣ ва рушди фарҳанги халқи тоҷик нишон додааст.

Дар тӯли қариб шаст соли фаъолияти илмӣ академик З. Раҷабов дар омӯзиши таърихи афкори ҷамъиятӣ ва маорифпарварии тоҷикон мактаби илмии худро ба вуҷуд оварда, ба дастовардҳои назарраси илмӣ ноил гардид. Ӯ даҳҳо номзад ва доктори илмро тарбия намуда, барои рушди илми таърих ва омодасозии кадрҳои илмӣ саҳми бузург гузошт.

Қалби ин донишманди барҷаста 20 августи соли 1990 дар шаҳри Москва аз тапидан бозмонд. Ӯ дар ҳамон шаҳр ба хок супурда шуд. Хидматҳои шоистаи академик З. Раҷабов аз ҷониби давлат баҳои баланд гирифтаанд. Ӯ бо орденҳои Ленин, Байрақи Сурхи Меҳнат, Нишони фахрӣ, унвони фахрии «Ходими хизматнишондодаи илми Тоҷикистон» ва дигар мукофотҳои давлатӣ сарфароз гардидааст. Ду дафъа вакили Шурои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон интихоб шуда, ҳамчунин, сазовори Ҷоизаи давлатии Тоҷикистон ба номи Абуалӣ ибни Сино дар соҳаи илм гардидааст.

Хидматҳои академик З. Раҷабов дар таъсис ва ташаккули Донишгоҳи давлатии Тоҷикистон ба номи В. И. Ленин (ҳоло Донишгоҳи миллии Тоҷикистон) воқеан, бузург ва таърихӣ мебошанд. Маҳз таҳти роҳбарии ӯ пояҳои нахустини ин муассисаи олии таълимӣ гузошта шуда, заминаи рушди минбаъдаи он фароҳам омад.

Бо ба даст овардани Истиқлоли давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон мақом ва нуфузи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон боз ҳам баланд гардид. Имрӯз дар он даҳҳо факултет, садҳо ихтисос ва марказҳои муосири таълимӣ ва илмӣ фаъолият доранд. Боиси ифтихори махсус аст, ки Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон соли 1982 ҳамин донишгоҳро хатм намудаанд. Бо дастгирӣ ва таваҷҷуҳи пайвастаи Сарвари давлат Донишгоҳи миллии Тоҷикистон имрӯз ба яке аз марказҳои бонуфузи илму маорифи кишвар табдил ёфтааст. Ин таваҷҷуҳ, аз ҷумла, идомаи анъанаҳои неки он муассисаест, ки нахустин ректори он академик З. Раҷабов буд.

Ба нишони эҳтиром ва қадршиносӣ аз хидматҳои ӯ дар шаҳри Душанбе яке аз кӯчаҳои марказӣ номи бародарон Раҷабовҳоро гирифтааст. Ҳар ду бародар дар даврaҳои гуногун вазифаи ректори Донишгоҳи миллии Тоҷикистонро иҷро намуда, дар рушди ин боргоҳи илму маърифат саҳми арзанда гузоштаанд.

Дар даромадгоҳи бинои асосии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон лавҳаи ёдгории мармарин ба ифтихори нахустин ректори он – академик З. Раҷабов насб шудааст. Ҳамчунин, дар факултети таърих осорхонаи академик З. Раҷабов фаъолият мекунад, ки дар он ҳуҷҷатҳо, дастхатҳо, аксҳо ва дигар нигораҳои арзишманди таърихӣ нигоҳдорӣ мешаванд.

Солҳо мегузаранд, наслҳо иваз мешаванд, вале номи академик Зариф Шарифович Раҷабов ҳамчун яке аз бунёдгузорони илми таърих ва таҳсилоти олии Тоҷикистон ҳамеша бо эҳтиром ёд хоҳад шуд. Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, ки имрӯз рамзи илму маърифати миллӣ ва маркази асосии омодасозии мутахассисони баландихтисоси кишвар аст, ҳамеша бо номи нахустин ректори худ ифтихор хоҳад кард.

Адабиёт

1. Раҷабов, З. Аз таърихи афкори ҷамъиятӣ сиёсии халқи тоҷик дар нимаи дуюми асри XIX ва авали асри XX. – Сталинобод: Нашрдавтоҷик, 1959. – 445 с.

2. Раҷабов, З Выдающиеся просветитель таджикского народа Ахмади Дониш. – Сталинабад, Таджикгосиздат, 1961. - 220 с.

3. Раҷабов, З. Маорифпарвар Аҳмади Дониш. – Душаебе: Ирфон, 1964. - 308 с.

4. Раҷабов, З. Поэть, просветитель таджикского народа Асири. – Душанбе: Ирфон, 1974. – 65 с.

5. Раҷабов, З. Таджикский государственный университет имени В. И. Ленина – детище Великого Октября. – Душанбе: Дониш, 1967. – 160 с.

6. Раҷабов, З. Дорогой знаний. – Душанбе: Ирфон, 1975. – 151с.

7. Раҷабов, З. О «Политическом трактате» Ахмада Дониша. – Душанбе, 1976. – 127 с.

8. Раҷабов, З. Страницы прошлого. – Душанбе: Ирфон, 1986. – 253 с.

ОСОРХОНА ЗАБОНИ ХУДРО ДОРАД



Ҳикматой АҲМАДОВА – ходими илмии Осорхонаи маорифи Академияи таҳсилоти Тоҷикистон

Дар марҳалаи кунунии рушди ҷомеаи мо, ташаккули эҳсоси ватандӯстӣ яке аз шартҳои пешрафти минбаъдаи иҷтимоӣ мебошад. Дар ин робита, ҷомеа бо вазифаи тарбияи шахрвандоне машғул аст, ки қодиранд, воқеаҳои кунуниро мустақилона баҳогузорӣ кунанд ва фаъолияти худро бо манфиатҳои атрофиён мутобиқ созанд. Ҳалли ин мушкилот бо инкишофи сифатҳои устувори шахрвандӣ дар шахсияти кӯдак алоқаманд аст.

Масъалаи тарбияи ватандӯстии насли наврас ва ҷавонон доимо дар маркази таваҷҷуҳи ҷомеа қарор дорад. Ҳадафи ҷомеа таҳияи усулҳое мебошад, ки неруи эҷодии афроди рушдёбандаро ба раванди рушди иҷтимоӣ муттаҳид кунад ва дар баробари ин меъёрҳои ҳаёти иҷтимоиро, ки рушди ҳар як шахсро таъмин мекунанд, ба назар гирад.

Имрӯз ватандӯстӣ бо муҳаббат ба ватан, омодагӣ барои иҷрои вазифаи конститутсионии худ, таҳаммулпазирии иҷтимоӣ (аз ҷумла, таҳаммулпазирии динӣ ва миллӣ), иштироки фаъол дар ҳаёти иҷтимоӣ муайян карда мешавад. Ҳамчун як муассисаи иҷтимоию фарҳангӣ, осорхона доираи васеи шаклҳо ва усулҳоро пешниҳод мекунад, ки имконоти ҷомеаро барои таъсир расонидан дар тарбияи афроди ватандӯсту хештаншинос васеъ мегардонад.

Гузашта бе осору нишона нопадид намешавад; он ба замони ҳозира роҳ меёбад ва ҳазорҳо далелро дар бораи вуҷуд доштани худ дар шакли ёдгориҳои фарҳанги моддӣ ва маънавӣ боқӣ мегузорад. Таърих асоси ҳар як осорхона аст. Дар ҳама давру замон рушди фарҳанг ва маориф, ахлоқ ва ватандӯстӣ бо омӯзиши гузаштаи таърихӣ алоқаманд буду мемонад. Ҳангоми аз нав дида баромадани таърихи гузашта, ҳар як ҷомеа мекӯшад, ки барои бисёре аз масъалаҳои имрӯза роҳи ҳал пайдо кунад. Аз ин рӯ, мо бештар ба решаҳои таърихӣ, анъанаҳо ва мероси маънавиву моддии худ рӯ меорем. Усули асосии таълим, ки барои осорхонаҳо пешниҳод шуда буд, усули экскурсия буд. Дар ин маврид яке аз асосгузорони мактаби экскурсия дар маорифи Россия И. М. Гревс қайд мекунад: «Ҳоло барои ҳар касе, ки дар тарбияи ҷавонон фаъолона иштирок мекунад, як ҳақиқати воқеӣ ба назар мерасад, ки таълим бидуни экскурсия ҳарфи мурда аст ва усули экскурсия усули муҳимми мактаб».



Осорхона мактабест, ки дар асоси манфиатҳои ҷомеа асос ёфтааст, мактабе, ки бо завқ таҳсил карданро меомӯзад ва донише, ки хуб дар ёдҳо мемонад. Он забони худро дорад. Забони ёдгориҳои осорхона – ҳуҷҷатҳо, ашё, китобҳо, оинномаҳо ва дигар ҷиҳози он мебошанд. Ин ҳама шоҳидони хомӯши ҳаёти гузашта, эҳсосоти нек ва қаблан номаълумро бедор мекунанд ва дар сафарҳо, дарсҳо, вохӯриҳо ва идҳо зинда мешаванд ва касро бо хисси ифтихор ва муҳаббат ба мардуми худ, ба ватани худ наздиктар месозанд. Осорхона китоби ёдгории ҳама маъхазҳои арзишманд аст, ки мисли мероси арзишманде ба наслҳои ҳозира ва оянда интиқол дода мешавад. Зиндагӣ тасдиқ мекунад, ки бе эҳтиром ба қаҳрамонии аҷдодон инсонро ба қаҳрамонии нав ҳидоят карда номумкин аст. Мо ҳақ

надорем, он меросеро, ки таърихи наслҳои гузаштагони мо буд, ба фаромӯшӣ супорем ва вазифадорем, он меросро барои хотира ва корнамоиҳои наслҳои оянда боқӣ гузорем.

Дар замони ҷаҳонишавӣ тарбияи насли наврас, махсусан, ҷавонон яке аз масъалаҳои мубрами ҳаёти мардуми тоҷик ва ҷаҳони муосир ба шумор рафта, аз ҳалли дурусти он пешрафти тамоми соҳаҳои ҳаёти иҷтимоӣ, иқтисодӣ, сиёсӣ ва фарҳангии мардуми давлатҳои дунё вобастагии калон дорад. Ягона роҳе, ки ҷавононро тарбия мекунад, дониши хуби онҳост. Тарбияи ҷавонон аз муҳит ва шароити ҷамъият вобастагии зич дорад. Сиёсати маорифпарваронаи Пешвои муаззами миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар таҳкими худшиносиву ватанпарварии насли наврас ва ҷавонон чароғи раҳнамо буда, онҳоро барои расидан ба мақсади наҷиб ҳидоят менамоянд. Ин сиёсат созанда буда, барои пешрафти тамоми соҳаҳои ҳаёти мамлакат дар роҳи давлатсозиву давлатдории навин ва мустаҳкам гардидани ғояҳои муосири давлатдории миллӣ дар афкори ҷомеа нақши муҳим мебозад. Воқеан ҳам, дар ҷомеаи мо насли наве ба воя мерасад, ки дорои ҷаҳонбинии фарох, донишҳои замонавӣ ва ташнаи илму ирфон аст. Муҳити созанда дар кишвар имкон медиҳад, ки ҷавонон солимфикр ба камол расанд. Бо дастури Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, баргузор намудани озмунҳои «Фурӯғи субҳи доноӣ китоб аст», «Илм – фурӯғи маърифат», «Тоҷикистон – Ватани азизи ман» дар тарбияи кӯдакон, наврасон ва ҷавонон дар руҳияи арзишҳои суннатию башарӣ муҳимму саривақтӣ мебошад. Тарбия намудани ҷавонон дар руҳияи эҳтиром ба анъанаҳои миллӣ, расму оини пешқадами ниёгон ва мероси ахлоқии гузаштагон яке аз талаботи Консепсияи миллии тарбия аст.

Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон қайд намудаанд: «Ҷавонон бояд сабақҳои истиқлолиятро ҳамаҷониба омӯзанд, аз равандҳои сиёсати имрӯзаи кишвар огаҳ бошанд, таърихи гузаштаву ҳозираи халқи худро гаштаю баргашта аз худ карда, аз Ватан, миллат, забон ва фарҳанги худ ифтихор намоянд». Маҳз ҷавонони эҷодкор, бонангу номус, ватандӯсту ватанпарвар, ки воқеан ҳам тафаккури созанда доранд, метавонанд тақдири ояндаи давлату миллат ва ҷомеаро созанд. Дар баробари дигар муассисаҳои фарҳангӣ осорхонаҳо низ дар тарбияи ватандӯстӣ мавқеи хоссаро ишғол менамоянд, зеро осорхонаҳо оинаи таърих, маркази ҳифзи мероси ниёгон, баёнгари воқеаҳои тақдирсоз, посдори урфу одат ва суннату анъанаҳои миллӣ, маркази тарбияи худшиносию ватандӯстӣ, зебоипарастию башардӯстӣ, пайвандгари дирӯзу имрӯзу фардо ва аз ҳама муҳимтар, муҳофизи хотираи инсоният ва мактаби бузурги маърифат мебошанд.

Мувофиқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи тарбия ватандӯстии шаҳрвандон», Ватан ҳамчун арзиши олӣ ва шарти зарурии некуаҳволии шахс ва ҷомеа эътироф гардидааст. Ҳадафи асосии қонуни мазкур ташаккули ҳувияти миллӣ, худогоҳии шаҳрвандӣ, сифатҳои баланди ахлоқӣ ва ҳисси масъулиятшиносӣ дар ниҳоди шаҳрвандон мебошад. Ҷалби насли наврас ба низоми арзишҳои иҷтимоию фарҳангӣ ва бедор намудани ифтихор аз соҳибватан будан яке аз роҳҳои муҳими таҳкими давлатдорӣ маҳсуб меёбад.

Худшиносиву арҷгузорӣ ба таърихи хеш яке аз равандҳои муҳимтарин дар ташаккулёбии инсон ҳамчун шахсияти комилу худогоҳ маҳсуб дониста шуда, Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон баробари ба даст овардани Истиқлоли давлатӣ пайваста дар ин масоили пуразиш ва маънавӣ барномаҳои сатҳи ҷумҳуриявиро роҳандозӣ менамояд.

Осорхонаи маорифи Академияи таҳсилоти Тоҷикистон аввалин осорхона дар Осиёи Миёна буда, таърихи 66-сола дошта, маркази маърифатие мебошад, ки дар он осори гузаштаю имрӯзаи соҳаи маорифи Тоҷикистон маҳфуз аст.

Осорхона маводи хеле зиёди ҷолиб дорад ва аксари онҳо ҷанбаи муҳими тарбиявӣ доранд. Масалан, экспозитсияи «Ҷанги Бузурги Ватанӣ», яке аз қисмҳои калонтарин буда, ба иштироки муаллимон дар Ҷанги Дуюми Ҷаҳонӣ бахшида шудааст. Он аз қаҳрамониҳои муаллимон дар ҷабҳа нақл менамояд. Ба тамошои бинанда ҳуҷҷатҳои ҷанговарон гузошта шудааст. Махсусан, ба корнамоиҳои иштирокчиёни Ҷанги Бузурги Ватанӣ, қаҳрамонони собиқ Иттифоқ Шуравӣ аз Тоҷикистон, ки дар байни онҳо Ҳодӣ Кенҷаев низ ҳаст, аҳамияти калон дода шудааст. Оид ба қаҳрамонии ин марди шуҷоъ, ки ба унвони баланди қаҳрамонӣ дар муҳорибаи Брест мушарраф гаштааст, дар ҳафтаномаи ҷангӣ қиссаҳо навиштаанд, ки яке аз онҳо ҳафтаномаи «Военный

вестник» буда, аз қаҳрамонии ин марди шуҷоъ нақл менамояд. Инчунин, дар ин қисмат мактуби И. В. Сталин, ки ба халқи тоҷик навишта, аз тарбияи фарзандони ҷасури халқи тоҷик дар он миннатдории худро изҳор кардааст, бинандаро бетараф гузошта наметавонад. Ба 49 нафар ҷанговари Тоҷикистон унвони Қаҳрамони Иттифоқи Шуравӣ дода шудааст. 102 ҳазор нафар бо медали «Барои меҳнати шуҷоатнок дар Ҷанги Бузурги Ватании соли 1941-1945» мукофотонида шудаанд, ки 14 ҳазор нафари онҳо аз Тоҷикистон буда, қисми зиёдашон муаллимон мебошанд. Чунончи, Каримов Д.-омӯзгори мактаби № 42-и шаҳри Душанбе, Пӯлодов О. – омӯзгори мактаби № 36-и шаҳри Душанбе, Абдуллоев А. – омӯзгори мактаби №30-и ноҳияи Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ, Ҷумаев Б. – омӯзгори мактаби №57-и шаҳри Душанбе, Умаров Э. – омӯзгори мактаби №10-и ноҳияи Истаравшан ва ғайра.

Ҷавонон ҳангоме ки бо чунин ҳуҷҷатҳо шинос мегарданд, аз миллати худ фахр мекунанд, ҳис менамоянд, ки муаллим ҳам дар майдони муҳориба ва ҳам дар ҳаёти осоишта пешсаф буда, ҳамеша боиси ифтихору сарбаландии кишвар аст. Албатта, мақсад ба воситаи ин гуна ҳуҷҷатҳо дар ҷавонон тарбия намудани ҳисси ватандӯстӣ, одамгарӣ, нисонпарварӣ ва тайёр намудани ҷавонон ба ҳаёти мустақил мебошад.

Осорхона дар баробари тарбия намудани насли наврас, инкишофи тасаввуроти онҳоро оид ба таърихи халқи тоҷик ва ташаккул додани хусусиятҳои маънавӣ, ватандӯстиро низ тарбия менамояд. Масалан, ҳангоме, ки ҷавонон дар толори Осорхона бо қаҳрамонон – маорифчиён, яке аз аввалин мудирони шуъбаи маорифи ноҳияи Ғарм (ҳоло Рашт) – Каримҷон Ҳусейнзода, нахустин муаллимаҳо аз Ҳоит Сайрамбию Майрамбӣ, Оламбибию Чиллабибӣ, ки шаҳиди роҳи озодӣ гаштаанд, шинос шуда, нисбат ба корнамоии ин муаллимаҳо ва хусусан, Каримҷон Ҳусейнзода онҳо дарк мекунанд, ки ин озодӣ ва ин ҳама мактабҳои замонавию шароити хуби таҳсил ва зиндагии осуда ба туфайли ҳамин гуна ҷонбозиҳою қурбониҳо ба даст омадааст. Дар ҳақиқат, ҳисси ифтихор ҷавонони моро ба қаҳрамониҳо ва корҳои бузург роҳнамоӣ менамояд.

Ишқи Ватан

Дар дилам доим аст ишқи Ватан,
Ҳамгилам доим аст ишқи Ватан.
Манзили ман на тоқа хонаи ман,
Манзилам доим аст ишқи Ватан.
Мезанам даступо ба рӯди ҳаёт,
Соҳилам доим аст ишқи Ватан.
Мерасам гар ба умқи маъное,
Оқилам доим аст ишқи Ватан.
Гар маро шуд фазилате ҳосил,
Фозилам доим аст ишқи Ватан.
Шамъи рӯшан шудам агар гоҳе,
Маҳфилам доим аст ишқи Ватан.
Аз замин, аз замон, аз ин дунё,
Ҳосилам доим аст ишқи Ватан!

Низом Қосим

ТАҚРИЗ

ТАЪРИХИ АДАБИЁТИ НАВИ ТОҶИК: АЗ МАОРИФПАРВАРӢ ТО АҲДИ ИСТИҚЛОЛ

(Китоби нави дарсии омӯзиши таърихи адабиёти тоҷик)




Насруддин ОХУНЗОДА – номзади илми филология

Муқаддима

Бо ба даст овардани Истиқлоли давлатӣ шароити мусоид фароҳам омад, ки таърихи адабиёти тоҷик ҳамаҷониба мавриди омӯзишу таҳқиқ қарор гирад. Мусаллам аст, ки адабиёти тоҷику форс таърихи пурифтихори чандинҳазорсола дорад. Ҳар қадар ба умқи ин таърих ворид гардем, ҳамон андоза саҳифаҳои тозаву арзишмандро кашф менамоем.

Аз ин рӯ, омӯзишу пажуҳишҳои илмӣ дар ин самт пайваста идома дошта, осори муҳимми илмию таълимӣ таълиф мегарданд, ки аз як тараф, дар шинохти амиқи таърихи адабиёт, мазмуну муҳтавои осори гузаштагон ва арзёбии саҳми онҳо дар рушди фарҳанги миллӣ мусоидат намоянд, аз ҷониби дигар, ба такмили адабиётшиносии тоҷик такони ҷиддӣ мебахшанд. Омӯзиши адабиёти давраи нав, ки яке аз саҳифаҳои дурахшони таърихи адабиёти тоҷик ба шумор меравад, беш аз пеш густариш ёфта, дар ин самт корҳои зиёди илмию таълимӣ анҷом пазируфтаанд. Ба ин маънӣ, китоби нави докторони илми филология, академик Муҳаммадюсуф Имомзода ва Замирахон Ӯлмасова «Таърихи адабиёти тоҷик (давраи нав)» (Китоби дарсӣ барои донишҷӯёни риштаҳои филологии муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ. – Душанбе: Адиб, 2026. – 598 саҳ.) ба нашр расидааст, ки муаллифони дар он масъалаҳои даврабандии адабиёти нави тоҷик, хусусиятҳои асосии он, равишу тамоюлҳои инкишофи адабиёт, заминаҳои ташаккули ҳаракатҳои маорифпарварӣ ва ҷадидия, намояндагони барҷастаи онҳо, рӯзгор ва осори шоирону нависандагон, инчунин, вижагиҳои осори адибони асри XX ва сиву панҷ соли Истиқлоли давлатӣ, намунаҳои арзишманди адабии ин даврараро мавриди баррасӣ қарор додаанд.



Нигоҳе ба масъалаҳои асосии адабиёти тоҷик

Муаллифон зимни таълифи китоб тамоми осори илмӣ ва таҳқиқотиеро, ки то имрӯз дар заминаи таърихи адабиёти нави тоҷик таълиф шудаанд, мавриди омӯзишу таҳлил қарор додаанд. Дар муқаддима муҳимтарин пажуҳишҳои анҷомёфта оид ба таърихи адабиёт ва дастовардҳои муҳаққиқони тоҷику хориҷӣ таҳлил гардидааст. Дар китоб марҳалаҳои рушди адабиёти тоҷик, ки аз ибтидои асри XX оғоз гардида, то замони имрӯз идома меёбад, мавриди омӯзиш қарор гирифта, зиндагинома ва мероси адабии намояндагони барҷастаи адабиёт вобаста ба муҳити зиндагӣ, самти эҷодӣ, сабку услуб, истеъдоду ҳунар ва масъалаҳои меҳварии осори онҳо бо таҳлили илмӣ баррасӣ шуда, ҷойгоҳ ва нақши ҳар як адиб дар рушди адабиёти тоҷик муайян гардидааст. Пеш аз баррасии фаъолияти эҷодии ҳар як адиб, муаллифон вазъи сиёсӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангии давраи мавриди назар, инчунин, равияҳо ва ҷараёнҳои адабиро таҳлил намудаанд. Аз ҷумла, авзои сиёсиву иҷтимоӣ ва фарҳангии нимаи дуюми асри XIX ва ибтидои асри XX, заминаҳои ташаккул ва такомули адабиёти нави тоҷик дар иртибот бо адабиёти классикии тоҷику форс, адабиёти Шарқ, рус ва Аврупо ҳамаҷониба баррасӣ шуда, даврабандии адабиёти нави тоҷик бо такя ба дидгоҳҳои илмии муосир шарҳу тавзеҳ ёфтааст.

Муаллифон ҳангоми тавсифи вазъи сиёсиву иҷтимоӣ ба заминаҳои таърихии ташаккули адабиёти тоҷик таваҷҷуҳи махсус зоҳир намуда, масъалаҳои марбут ба пайдоиши нахустин осори адабии тоҷику форс ва омилҳои асосии рушди адабиёти тоҷикро дар даврaҳои гуногуни таърихӣ мавриди баррасӣ қарор додаанд. Дар ин замина, маълумоти мухтасари таърихӣ оид ба раванди ташаккули адабиёти тоҷик дар тӯли таърих пешниҳод гардида, дар бораи пайдоиши аввалин асарҳои адабӣ ва нақши онҳо дар рушди фарҳангу маънавияти мардум сухан меравад. Хусусиятҳои ҳар як давраи адабиро ба таври мухтасар шарҳу тавзеҳ дода, муҳтаво, арзишҳои ғоявию бадеӣ ва аҳаммияти таърихии осори адибон таҳлил гардидааст.

Ҳамчунин, намунаҳое аз осори адибони классики тоҷик мавриди таҳлил қарор гирифта, ҷойгоҳ ва рисолати онҳо дар рушди адабиёти миллӣ нишон дода шудааст. Аз ҷумла, «Шоҳнома»-и Ҳаким Абулқосими Фирдавсӣ ба таври мухтасар муаррифӣ гардида, заҳмат ва рисолати муаллифи он ҳамчун офарандаи яке аз бузургтарин шоҳкориҳои адабиёти ҷаҳон таъкид шудааст. Тавре ки дар китоб омадааст: «Ин шоҳкори безавол перомуни фарҳанги Аҷам роҷеъ ба аслу насаб, фазлу базл, илму ҳилм, хашму разм, адлу дод ва хитобаву сиёсати шоҳон маълумоти хубе медиҳад, ки ин ҷанбаи мавзуӣ ва ҳунариву фикрии асар арзиши адабиву бадеӣ ва ахлоқиву фалсафии ин шоҳкории беназирро ба маротиб тақвият медиҳад» (с. 27).

Ба ҳамин тартиб, муаллифон раванди ташаккул ва рушди адабиёти тоҷикро зина ба зина нишон дода, ба хонанда маълумоти муфид пешниҳод намудаанд. Дар баробари ин, вазифа ва рисолати адабиёт дар ҳар давраи таърихӣ шарҳ дода шуда, хусусиятҳои муҳимми осори офаридашуда дар ҳар марҳалаи таърихӣ ба таври мухтасар тавзеҳ ёфтаанд. Инчунин, адабиёти навини тоҷик бар пояи анъанаҳои ғании адабиёти классикии тоҷикию форсӣ ташаккул ёфта, пайванди таърихӣ собит месозад, ки адабиёти тоҷик решаҳои амиқ дар фарҳангу тамаддуни миллӣ дошта, дар давраи нав бо падидаҳои тоза ғанӣ гардидааст.

Ҳамчунин, дар китоб таъсири адабиёти Шарқ, рус ва Аврупо ба ташаккули адабиёти навини тоҷик баррасӣ гардида, нақши онҳо дар густариши ҷаҳонбинии адибон нишон дода шудааст. Бо густариши робитаҳои фарҳангӣ ва дастрасӣ ба осори адабиёти хориҷӣ вазифа ва рисолати адабиёт низ тағйир ёфта, мавзуъ ва услуби эҷод ранги тоза гирифтааст. Дар ин самт, нақши матбуоти даврӣ низ махсус таъкид шудааст. Муаллифон нишон медиҳанд, ки бо пайдоиш ва рушди матбуот муносибати адабиёт ва публитсистика таҳким ёфта, аксари асарҳо нахуст дар саҳифаҳои рӯзномаву маҷаллаҳо ба нашр мерасиданд ва сипас ба доираи васеи хонандагон роҳ меёфтанд. Аз ин рӯ, матбуот дар ташаккул ва рушди адабиёти навини тоҷик нақши муҳим бозидааст.

Дар китоб оид ба таърихи адабиёти тоҷик, марҳалаҳои рушди он ва муҳимтарин осори адабӣ маълумоти фаровон ва арзишманд пешниҳод гардидааст. Тарзи баёни пайдарпай ва таҳлили мухтасари ҳар як давраи адабӣ ба хонанда имкон медиҳад, ки раванди ташаккул ва инкишофи адабиёти тоҷикро ба таври муназзам дарк намояд. Аз ин рӯ, китоби мазкур ҳамчун манбаи муҳим барои шинохти таърихи адабиёти тоҷик, осори адибон ва хусусиятҳои рушди адабиёти миллӣ аҳаммияти илмию омӯзишӣ дорад.

Даврабандии адабиёт ва муҳиммияти омӯзиши осори адибон

Китоби дарсӣ аз панҷ бахш иборат буда, мувофиқи марҳалаҳои асосии рушди адабиёти тоҷик даврабандӣ шудааст. Бахши аввал «Адабиёти маорифпарварӣ ва ҷадидия – охири асри XIX то поёни солҳои бистуми қарни XX» унвон дошта, дар он заминаҳои пайдоиш ва ташаккули адабиёти маорифпарварӣ ва ҷадидия ба таври муфассал шарҳ дода шудаанд. Муаллифон вазифа, рисолат ва нақши ин ҷараёни адабиро дар бедории афкори ҷомеа, густариши маърифат ва рушди адабиёти миллӣ равшан намудаанд. Дар идома оид ба рӯзгор ва фаъолияти намояндагони барҷастаи ин давра, аз ҷумла, Шарифҷон Махдуми Садри Зиё, Муҳаммад Нақибхон Туғрали Аҳрорӣ, Саидаҳмадхоҷаи Сиддиқии Аҷзӣ, Тошхоҷаи Асирӣ, Мирзо Абдулвоҳиди Мунзим, Абдурауфи Фитрати Бухороӣ, Зуфархон Ҷавҳарӣ ва Ҳоҷӣ Ҳусайни Кангуртӣ маълумоти мухтасари тарҷумаиҳолӣ пешниҳод гардида, мероси адабӣ ва хусусиятҳои эҷодиёти ҳар яки онҳо ба таври алоҳида таҳлил шудаанд.

Бояд таъкид намуд, ки адабиёти маорифпарварӣ ва ҷадидия яке аз даврaҳои муҳим ва сарнавиштсози адабиёти муосири тоҷик ба шумор меравад. Бо вуҷуди ин, дар давраи Шуравӣ ба ин марҳалаи адабӣ таваҷҷуҳи кофӣ зоҳир намешуд. Дар асл, маҳз дар ҳамин давра аввалин иқдомҳои ҷиддӣ ҷиҳати бедории афкори мардум, рушди худшиносии миллӣ, густариши маърифат ва тарғиби илму дониш ба миён омаданд.

Тавре ки маълум аст, фазои сиёсию иҷтимоии Аморати Бухоро ва густариши ҷаҳолат ҷомеаро аз пешрафти замон бозмедошт. Дар чунин шароит маорифпарварон ва ҷадидон зарурати ислоҳоти соҳаи маориф, таҷдиди низоми таълиму тарбия, таъсиси мактабҳои нав ва тавсеаи доираи мутолиаву донишомӯзиро аз муҳимтарин вазифаҳои ҷомеа медонистанд. Муаллифон ин масъалаҳоро дар заминаи шарҳи ҳаёт ва фаъолияти намояндагони ҷараёни маорифпарварӣ мавриди баррасӣ қарор дода, муҳтавои эҷодиёти онҳоро ба таври мухтасар ва дақиқ ба донишҷӯён пешниҳод намудаанд.

Бахши дуюми китоб «Адабиёти Шуравӣ – охири солҳои 20-ум то поёни солҳои 80-уми асри XX» ном дошта, ба фаъолияти эҷодии адибони барҷаста, аз ҷумла, Садриддин Айнӣ, Абулқосим Лоҳутӣ, Пайрав Сулаймонӣ, Мирзо Турсунзода, Мирсаид Миршакар, Муҳиддин Аминзода, Абдусалом Деҳотӣ бахшида шудааст. Дар ин бахш муаллифон рушди жанрҳои гуногуни адабиро мавриди таҳлил қарор дода, хусусиятҳои асосии назм, наср ва драматургияро бо такя ба осори адибон арзёбӣ намудаанд.

Таҳлил ва баҳогузории муаллифон ҷолиб, омӯзанда ва аз нигоҳи илмӣ асоснок буда, имкон медиҳад, ки хонанда хусусиятҳои сабкӣ, мавзуӣ ва ҳунарии эҷодиёти адибони давраи Шӯравиро ба таври амиқ дарк намояд. Дар ин хусус муаллифон таъкид мекунанд: «Махсусиятҳои назму наср ва драматургияи ин даврараро дар сабку услуби адибону драматургони ин замон баррасӣ намуда, мавзую муҳтаво ва ғояи асарҳои онҳоро дар самти муайяни услуби эҷод ва вижагиҳои фардии эҷоди нависанда таъйину тавзеҳ додан мувофиқи матлаб аст» (с. 134).

Ба ин мазмун, бахши дуюми китоб бо фарогирии маълумоти зарурӣ оид ба муҳимтарин намояндагони адабиёти давраи Шуравӣ ва таҳлили хусусиятҳои эҷодиёти онҳо барои омӯзиши таърихи адабиёти тоҷик аҳаммияти илмию таълимӣ дошта, дар шинохти равандҳои асосии рушди адабиёти ин давра ба хонанда кумак мерасонад.

Бахши сеюми китоб бо унвони «Адабиёти тоҷик дар давраи Ҷанги Бузурги Ватанӣ (1941-1945) ва солҳои баъдиҷангӣ» ба ҳаёт ва фаъолияти эҷодии Ҳаким Карим, Сотим Улуғзода, Ҳабиб Юсуфӣ, Фотеҳ Ниёзӣ, Пӯлод Толис, Ҷалол Икромӣ ва Раҳим Ҷалил бахшида шудааст. Марҳалаи мазкур яке аз даврaҳои муҳимми адабиёти муосири тоҷик маҳсуб ёфта, муаллифон хусусиятҳои асосии онро ба таври возеҳ таҳлил намудаанд. Мусаллам аст, ки дар ҳамин давра як силсила асарҳои арзишманд ва мондагори адабиёти тоҷик офарида шуданд, ки дар онҳо ғояҳои ватандӯстӣ, ҳифзи Ватан, ҷасорат, фидокорӣ ва ифтихори миллӣ таҷассум ёфтаанд. Ин осор то имрӯз аҳаммияти тарбиявӣ, маънавӣ ва бадеии худро нигоҳ доштаанд. Муаллифон бо таҳлили ҳаёт ва фаъолияти эҷодии адибони ин давра нақши онҳоро дар ташаккули адабиёт ва тарбияи ҳисси ватандӯстии ҷомеа нишон додаанд. Таъкид мешавад, ки меҳвари асосии эҷодиёти адибони ин давра қаҳрамонӣ, ҳимояи марзу буми Ватан, устувории ирода ва бедории худшиносии миллӣ буда, ин арзишҳо осори онҳоро ҷовидона гардонидаанд.

Бахши чоруми китоб – «Адабиёти тоҷик дар солҳои 60-80-уми қарни XX» ба рӯзгор ва фаъолияти эҷодии Аминҷон Шукӯҳӣ, Фазлиддин Муҳаммадиев, Ғаффор Мирзо, Муъмин Қаноат, Лоиқ Шералӣ, Бозор Собир, Сорбон, Меҳмон Бахтӣ, Кароматуллоҳи Мирзо, Ҳақназар Ғоиб, Гулназар Келдӣ, Ҳабибулло Файзулло, Аскар Ҳаким, Саттор Турсун, Гулрухсор Сафиева, Абдулҳамид Самад, Бароти Абдураҳмон, Камол Насрулло ва Муҳаммад Ғоиб иртиботманд аст. Давраи мазкур яке аз марҳалаҳои пурбори рушди адабиёти тоҷик ба ҳисоб меравад. Дар ин айём насли нави адибони соҳибистеъдод ва навовар ба майдони адабиёт ворид гардида, масъалаҳои муҳимми иҷтимоӣ, маънавӣ ва ахлоқии ҷомеаро дар осори худ инъикос намуданд. Дар ин марҳала тамоми жанрҳои адабӣ рушд карда, саҳифаҳои тозае дар таърихи адабиёти тоҷик боз шуданд. Муаллифон вижагиҳои эҷодии ҳар як адибро бо дарназардошти саҳми онҳо дар рушди адабиёти миллӣ шарҳу тавзеҳ дода, аҳаммияти осори онҳоро барои хонанда равшан сохтаанд.

Бахши панҷуми китоб «Адабиёти даврони истиқлол – ибтидои солҳои 90-уми асри XX то имрӯз» номгузорӣ шуда, ба ҳаёт ва фаъолияти эҷодии Низом Қосим, Фарзона, Муҳаммадзамони Солеҳ, Ҷонибек Акобиров, Баҳманёр, Юнус Юсуфӣ, Рустам Ваҳҳобзода, Ато Мирхоҷа, Озарахш ва Равшани Махсумзод таваҷҷуҳ шудааст. Даврони истиқлол барои рушди адабиёти тоҷик имконоти нав фароҳам овард. Бо соҳибистиқлол гардидани кишвар фазои озоди эҷодӣ ба вуҷуд омада, адабиёти тоҷик ба марҳалаи сифатан нави рушд ворид гардид. Мавзуъҳои марбут ба истиқлолу озодӣ, ваҳдати миллӣ, сулҳу субот, ҳифзи арзишҳои миллӣ, худшиносӣ, таърих ва ҳувияти миллӣ ҷойгоҳи меҳварӣ пайдо карданд. Адибон бо офаридани асарҳои арзишманд тавонистанд ҳисси ватандӯстӣ, худогоҳӣ ва ифтихори миллиро дар зеҳни хонандагон тақвият бахшанд.

Ҳамзамон, дар ин бахш фаъолияти намояндагони ҷавони адабиёт ва ворисони насли нави эҷодкорон низ ба таври мухтасар муаррифӣ гардидааст, ки ин ба хонанда имкон медиҳад, тасаввуроти мукаммал дар бораи тамоюлҳои нави рушди адабиёти тоҷик пайдо намояд.

Дар қисмати хулоса муаллифон аҳаммияти омӯзиш ва таҳлили таърихи адабиёти тоҷик, осори адибон ва хусусиятҳои эҷодии ҳар як давраи адабиро таъкид намудаанд. Тарзи таҳлил ва пешниҳоди мавод муназзам, илмӣ ва омӯзанда буда, барои дарки амиқи муҳтавои адабиёти давраи нави тоҷик мусоидат мекунад.

Воқеан, китоби мазкур муҳимтарин равандҳои адабӣ, хусусиятҳои эҷодӣ ва фаъолияти намояндагони барҷастаи ҳар як давраи таърихи адабиёти навини тоҷикро фаро гирифта, таҳаввули адабиётро дар иртибот бо дигаргуниҳои сиёсӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангии ҷомеа ба таври мукаммал инъикос менамояд. Дар маҷмуъ, дар китоб ҳаёт ва фаъолияти эҷодии 51 нафар адиби тоҷик мавриди омӯзиш ва таҳлил қарор гирифтааст, ки ин арзиши илмӣ ва таълимии онро боз ҳам афзун менамояд.

Хулоса

Ба андешаи инҷониб, истифодаи он ҳамчун китоби дарсӣ барои донишҷӯёни риштаҳои филологии мактабҳои олӣ аз чанд ҷиҳат муҳим мебошад:

Якум, бори нахуст таърихи адабиёти нави тоҷик дар чунин шакли муназзам, фарогир ва бо такя ба дастовардҳои нави илмӣ барои муҳассилон пешниҳод шудааст. Китоб ба донишҷӯён имкон медиҳад, ки доир ба марҳалаҳои рушди адабиёти нави тоҷик ва хусусиятҳои эҷодии намояндагони он ба таври мукаммал маълумот пайдо намоянд.

Дуюм, фаъолияти эҷодӣ ва зиндагиномаи адибон дар иртибот бо вазъи сиёсӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангии ҳар давра таҳлил шудааст. Ин усули таҳқиқ ба донишҷӯён имкон медиҳад, ки дар баробари омӯзиши адабиёт, аз равандҳои таърихӣ, сиёсӣ ва иҷтимоии замон низ маълумоти зарурӣ ба даст оваранд ва таъсири онҳоро ба рушди адабиёт дарк кунанд.

Сеюм, китоб бо баёни маълумоти умумӣ маҳдуд намешавад, балки масъалаҳои мавриди назар бо таҳлили амиқи илмӣ ва эҷодиёти адибон баррасӣ шудаанд. Муаллифон кӯшиш намудаанд, ки бо такя ба сарчашмаҳои муътамад ва натиҷаҳои пажуҳишҳои тоза, маълумоти саҳеҳ, дақиқ ва мукаммалро оид ба адабиёти нави тоҷик дар ихтиёри муҳассилин қарор диҳанд.

Чорум, китоби дарсӣ ба зиндагиномаву фаъолияти эҷодии адибон маҳдуд набуда, осори онҳо низ мавриди таҳлил қарор гирифтааст. Муаллифон мазмун, ғоя, хусусиятҳои бадеӣ ва аҳаммияти ҳар як асари баррасишударо шарҳу тавзеҳ додаанд. Ин тарзи пешниҳоди мавод ба ҳадафи асосии омӯзиши таърихи адабиёт, яъне, шиносоии хонанда бо муҳтавои осори адибон ва дарки арзишҳои ғоявию бадеии онҳо комилан мувофиқ мебошад. Бо чунин равиш донишҷӯ дар баробари ба даст овардани маълумот дар бораи зиндагию фаъолияти эҷодии адибон, бо муҳтавои осори онҳо низ ошно мегардад.

Панҷум, китоби мазкур яке аз аввалин китобҳои дарсӣ ба шумор меравад, ки таърихи адабиёти навини тоҷикро дар чунин шакли муназзам, илмӣ ва фарогир пешкаши хонандагон намудааст. Дар он маълумоти умумӣ оид ба марҳалаҳои асосии рушди адабиёти навини тоҷик, муҳимтарин равандҳои адабӣ, осори барҷастаи ҳар як давра ва намояндагони машҳури онҳо ба таври муназзам пешниҳод гардидааст. Муаллифон аз миёни шумораи зиёди адибон намояндагони барҷастаи ҳар як давраи таърихиро интихоб намуда, ҳаёт, фаъолияти эҷодӣ, хусусиятҳои осор ва саҳми онҳоро дар рушди адабиёти миллӣ ба таври мухтасар тавзеҳ додаанд.

Илми адабиётшиносӣ пайваста рушд меёбад ва табиист, ки дар оянда ин китоб низ метавонад бо таҳқиқоти нав, маълумоти тоза ва таҳлили амиқи равандҳои адабии давраи истиқлол такмил ёбад. Аз ин рӯ, метавон умедвор буд, ки нашрҳои минбаъдаи он бо маводи нави илмӣ ғанӣ гардида, ҳамчун дастури муфид барои омӯзиши таърихи адабиёти навини тоҷик хидмат хоҳад кард.

Дар зимн, яке аз бартариҳои муҳимми китоб, рӯйхати фарогири адабиёти истифодашуда мебошад. Ин рӯйхат барои донишҷӯёну муҳаққиқон ҳамчун роҳнамои илмӣ хидмат намуда, имкон медиҳад, бо осори муҳаққиқоне, ки дар пажуҳиши таърихи адабиёти тоҷик саҳм гузоштаанд, шинос гардида, доираи мутолиаи худро густариш бахшанд.

Воқеан ҳам, китоби «Таърихи адабиёти тоҷик (давраи нав)» ҳамчун дастури арзишманди илмӣ ва таълимӣ метавонад барои донишҷӯён, магистрантон, докторантон, омӯзгорони муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ, муҳаққиқони соҳаи филология ва алоқамандони каломи бадеъ манбаи муфиду боэътимоди омӯзиш бошад.

ИМКОНОТ ВА УСУЛҲОИ ИСТИФОДАИ ПЛАТФОРМАҲОИ ИНТЕЛЛЕКТУАЛӢ

Шамсуддин РАҶАБОВ – мудири кафедраи методикаи таълими фанҳои табиӣ-риёзии ДҶТИБКСМ,
Баргигул ШАРИПОВА – омӯзгори калони кафедраи химия ва экологияи Коллеҷи техникии ДТТ ба номи академик М. Осимӣ

Асри XXI бо суръати баланди рушди технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ тавсиф мешавад. Дар байни ин технологияҳо зеҳни сунъӣ (AI) ҳамчун яке аз омилҳои калидии дигаргунсозии сохторҳои иҷтимоӣ ва иқтисодӣ мавқеи махсус дорад. Таълиму тарбия, ки таҳкурсии рушди сармояи инсонӣ мебошад, наметавонад аз ин равандҳо дар канор бимонад.

Имрӯзҳо низомҳои анъанавии таҳсил бо мушкилоти гуногун, аз ҷумла, норасоии омӯзгорони соҳибтахассус, сарбории зиёди коғазбозӣ ва усулҳои ягонаи таълим барои ҳамаи хонандагон (ки хусусиятҳои инфиродии ҳар як кӯдакро ба назар намегиранд) рӯ ба рӯ мебошад. Зеҳни сунъӣ ҳамчун воситаи инқилобӣ метавонад ин мушкилотро ҳал кунад. Саволи асосӣ ин аст, ки зеҳни сунъӣ чӣ гуна метавонад сифати таҳсилотро баланд бардорад ва кадом хатарҳоро дар пай дорад?

Асосҳои назариявии зеҳни сунъӣ дар таҳсилот. Татбиқи зеҳни сунъӣ дар таҳсилот (AIEd) таърихи чандон тӯлонӣ надорад, вале дар даҳсолаи охир ба туфайли рушди алгоритмҳои омӯзиши мошинӣ (Machine Learning) ва коркарди забони табиӣ (NLP) суръати кайҳонӣ гирифтааст.

Аз нуқтаи назариявӣ, зеҳни сунъӣ дар таҳсилот дар се самти асосӣ амал мекунад:

а) Зеҳни сунъӣ дар хидмати хонанда: таъмин намудани асбобҳои таълимии инфиродӣ.

б) Зеҳни сунъӣ дар хидмати омӯзгор: кам кардани сарбории техникӣ ва кумак дар таҳлили сатҳи дониши донишҷӯ ва хонанда.

в) Зеҳни сунъӣ дар хидмати низоми идоракунӣ: оптимизатсияи равандҳои маъмурии муассисаҳои таълимӣ.

Муҳаққиқон қайд мекунанд, ки зеҳни сунъӣ набояд ҷойи омӯзгорро гирад, балки бояд ҳамчун «ёвари интеллектуалӣ» хидмат кунад, то вақти омӯзгор барои корҳои эҷодӣ ва тарбияи маънавии хонандагон сарф шавад.



Имконот ва афзалиятҳои зеҳни сунъӣ. Истифодаи технологияҳои зеҳни сунъӣ дар раванди таълим афзалиятҳои зеринро пешкаш мекунад:

а) Тараққӣ додани траекторияи инфиродии таълим (Personalized Learning). Ҳар як хонанда суръат ва тарзи қабули маълумоти худро дорад. Алгоритмҳои зеҳни сунъӣ қодиранд, рафтори донишҷӯ ва ё хонанда, суръати ҷавобдиҳӣ ва хатоҳои ӯро таҳлил карда, нақшаи таълимии махсусро барои ӯ тартиб диҳанд. Агар хонанда мавзуеро нафаҳмад, низом ба ӯ супоришҳои осонтар ва маводи иловагӣ пешниҳод мекунад.

б) Автоматикунонии арзёбӣ ва санҷиш. Мувофиқи омор, омӯзгорон тақрибан 20-30 фоизи вақти худро барои санҷиши дафтарҳо, тестҳо ва корҳои мустақил сарф мекунанд.

Низомҳои зеҳни сунъӣ метавонанд нафақат тестҳои одӣ, балки иншо ва корҳои эҷодиро низ тавассути технологияи коркарди забони табиӣ (NLP) таҳлил ва арзёбӣ кунанд.

в) Ёварони маҷозӣ ва чат-ботҳо. Платформаҳои таълимӣ ба мисли ChatGPT, Дуолинго ва дигар низомҳои махсусгардонидашуда ба донишҷӯён ва хонандагон имкон медиҳанд, ки дар дилхоҳ вақти шабонарӯз ба саволҳои худ ҷавоб гиранд. Ин омил раванди таълимро аз ҳудуди синфхона ва вақти дарсӣ берун мебарорад.

г) Таҳлили пешгӯикунанда (Predictive Analytics). Зеҳни сунъӣ метавонад муайян кунад, ки кадом донишҷӯ ва ё хонанда дар хатари ақиб мондан аз барнома ё тарки муассисаи таълимӣ қарор доранд. Ин ба маъмурият ва омӯзгорон имкон медиҳад, ки сари вақт чораҳои зарурӣ андешанд.

Мушкилот ва хатарҳои татбиқи зеҳни сунъӣ. Сарфи назар аз афзалиятҳои зиёд, роҳандозии зеҳни сунъӣ дар таҳсилот бо мушкилоти ҷиддӣ рӯ ба рӯ аст. Барои он ки зеҳни сунъӣ дуруст кор кунад, ба он миқдори зиёди маълумоти шахсии донишҷӯёну хонандагон (баҳо, рафтор, шароити иҷтимоӣ) лозим аст. Хатари фош шудан ё истифодаи нодурусти ин маълумот яке аз масъалаҳои муҳим ва мубрам мебошад. Такяи аз ҳад зиёд ба технологияҳо метавонад боиси суст шудани малакаҳои иҷтимоии (soft skills) донишҷӯён ва хонандагон гардад. Таҳсилот на танҳо гирифтани дониш, балки раванди иҷтимоишавӣ ва тарбия аст, ки онро танҳо инсон (омӯзгор) дода метавонад. Татбиқи зеҳни сунъӣ маблағгузории калон, интернети баландсуръат ва таҷҳизоти муосирро талаб мекунад. Ин метавонад фарқияти байни мактабҳои шаҳру деҳот ва кишварҳои рушдкардаву рушдёбандаро бештар кунад. Пайдоиши моделҳои бузурги забонӣ (ба мисли GPT) боиси он гашт, ки донишҷӯён ва хонандагон корҳои мустақил, иншо ва рефератҳои худро аз рӯйи зеҳни сунъӣ омода мекунанд. Ин ба коҳиши тафаккури интиқодӣ ва эҷодкории худи донишҷӯёну хонандагон оварда мерасонад.

Барои он ки татбиқи зеҳни сунъӣ дар таҳсилот самарабахш ва бехатар бошад, иҷрои корҳои зерин зарур аст:

1. **Омода кардани омӯзгорон.** Барномаҳои таълимии донишгоҳҳои педагогӣ бояд тағйир дода шаванд. Омӯзгори оянда бояд тарзи кори алгоритмҳои ЗС-ро донад ва тавонад онро ҳамчун воситаи ёрирасон истифода барад.

2. **Таҳияи меъёрҳои ҳуқуқӣ ва ахлоқӣ.** Қабули қонунҳо ва қоидаҳои махсус оид ба ҳифзи додаҳои кӯдакон дар низомҳои рақамӣ.

3. **Рушди тафаккури интиқодӣ.** Усулҳои арзёбии дониш бояд дигар шаванд. Ба ҷои санҷиши хотира (ки зеҳни сунъӣ дар он қавӣ аст), бояд қобилияти таҳлил, ҳалли мушкилот ва эҷодкории донишҷӯёну хонандагон санҷида шавад.

Ҳамин тавр, платформаҳои интеллектуалӣ дар таҳсилоти муосир на танҳо ҳамчун махзани маълумот, балки ҳамчун муҳити фаъоли таълимӣ (Active Learning Environment) нақш мебозанд. Онҳо имкон медиҳанд, ки усулҳои анъанавии таълим ба форматҳои динамикӣ ва рақамӣ табдил ёбанд. Дар амалияи ҷаҳонӣ чанд усули асосии истифодаи ин платформаҳо мавҷуданд, ки самаранокии баландро нишон додаанд:

а) Усули «Синфхонаи чаппашуда» (Flipped Classroom) бо дастгирии зеҳни сунъӣ. Дар ин усул платформаҳои интеллектуалӣ (масалан, *Khan Academy* ё *Coursera*) ба хонандагон имкон медиҳанд, ки маводи назариявиро дар хона тавассути видеоҳо ва супоришҳои интерактивии низоми зеҳни сунъӣ мустақилона омӯзанд. Платформа суръати омӯзиши ҳар як донишҷӯ ё хонандаро таҳлил карда, ба омӯзгор ҳисобот медиҳад, ки кадом мавзуъҳо барои онҳо душвортар буданд. Дар натиҷа, вақти дарсӣ дар синфхона на барои маърӯзаи одӣ, балки барои муҳокима, ҳалли масъалаҳои мураккаб ва корҳои амалӣ сарф мешавад.

б) Низомҳои таълимии мутобиқшаванда (Adaptive Learning Systems). Ин усул дар асоси алгоритмҳои омӯзиши мошинӣ (Machine Learning) кор мекунад. Платформаҳое, ба мисли *Knewton* ё *Century-Tech* сатҳи аввалияи дониши донишҷӯ ва хонандаро месанҷанд ва дар асоси он «харитаи дониш»-и инфиродиро тарҳрезӣ мекунанд. Агар донишҷӯ ё хонанда дар ҳалли масъалаҳои риёзӣ аз геометрия душворӣ кашад, низом ба таври худкор усули баёни мавзуъро дигар мекунад, масалан, ба ҷойи матни хушк, видеои аниматсионӣ ё бозии таълимиро пешниҳод менамояд.

в) Истифодаи моделҳои бузурги забонӣ (LLM) ҳамчун мураббии инфиродӣ. Платформаҳои муосири зеҳни сунъӣ (ба монанди *ChatGPT*, *Claude* ё лоиҳаи *Khanmigo* аз Khan Academy) усули муошират сократиро (Socratic Method) истифода мебаранд. Онҳо ба донишҷӯ ё хонанда ҷавоби тайёрро намедиҳанд, балки тавассути пешниҳоди саволҳои роҳнамунсоз (prompting) кумак мекунанд, ки худи донишҷӯ ё хонанда ба хулосаи дуруст ояд. Ин усул тафаккури интиқодӣ (Critical Thinking) ва қобилияти мустақилона ҳал кардани мушкилотро инкишоф медиҳад.

г) Лабораторияҳои маҷозӣ ва симуляторҳои ба зеҳни сунъӣ асосёфта. Дар фанҳои дақиқ ва табиатшиносӣ (химия, физика, тиб, муҳандисӣ), платформаҳои интеллектуалӣ (масалан, *Labster*) имкон медиҳанд, ки донишҷӯён таҷрибаҳои хавфнок ё гаронбаҳоро дар муҳити маҷозӣ (VR/AR) иҷро кунанд. Зеҳни сунъӣ рафтори донишҷӯ ё хонандаро дар лаборатория назорат карда, ҳангоми содир шудани хатои техникӣ оқибатҳои физикӣ ё химиявии онро ба таври визуалӣ нишон медиҳад ва тарзи дурусти корро меомӯзонад.

Хулоса, зеҳни сунъӣ ояндаи соҳаи таҳсилотро муайян мекунад. Он дорои потенсиали бузург барои дастрас, инфиродӣ ва самаранок гардонидани раванди таълим мебошад. Бо вуҷуди ин, зеҳни сунъӣ танҳо як восита аст ва муваффақияти он аз омиле вобаста аст, ки инсон онро чӣ гуна ва бо кадом мақсад истифода мебарад.

Омӯзгор ҳеҷ гоҳ аҳаммияти дар меҳвар қарор доштани худро гум намекунад, зеро тарбияи ахлоқӣ, маърифат, мақом, илҳомбахшӣ ва дастгирии равониро, ки ҷузъҳои асосии таълим мебошанд, ягон мошин иваз карда наметавонад. Ояндаи таҳсилот дар симбиоз ва ҳамкории самараноки «Омӯзгор + Зеҳни сунъӣ» нуҳуфтааст.

АДАБИЁТ

1. Баранов, А. В. Искусственный интеллект в образовании: возможности и риски // Педагогика и психология. – 2023. – №2.
2. Holmes, W., Bialik, M., Fadel, C. (2019). Artificial Intelligence In Education: Promises and Implications for Teaching and Learning. Boston: Center for Curriculum Redesign.
3. UNESCO (2021). AI and education: guidance for policy-makers. Paris: UNESCO.
4. Стратегияи миллии рушди маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030. – Душанбе, 2022.
5. Russell, S., Norvig, P. (2020). Artificial Intelligence: A Modern Approach. Pearson.

Ҳунарманд бо мардуми беҳунар
Ба фарҷом ҳам хок дорад ба сар!
Валекин аз омӯхтан чора нест,
Ки гӯяд, ки донову нодон якест!

Абулқосим Фирдавсӣ

БО ЁРИИ ФОРМУЛАҲО ҲИСОБ КАРДАНИ МАСОФА АЗ НУҚТА ТО ҲАМВОРӢ

А. ХОЛИҚОВ – дотсенти кафедраи математикаи олии ДМТ,
Ш. ҚОДИРОВ – омӯзгори математикаи МТМУ №22-и ноҳияи Файзобод

Геометрияи мактаби олӣ бо геометрияи мактаби миёна умумияти наздик дорад. Ин бештар ба намудҳои гуногуни масъалаҳои геометрӣ ва инчунин, методикаи ҳалли онҳо алоқаманд аст. Бо тарзҳои гуногун ҳал кардани масъалаҳо барои шогирдон як навъи эҷодкорӣ маҳсуб мешавад. Дар фишурдаи мақолаи мазкур формулаҳои гуногун ва маслиҳатҳои муфид дода мешавад.

Масофаи h аз нуқтаи M то ҳамвории α гуфта, дарозии перпендикуляреро меноманд, ки аз нуқтаи M ба ҳамвории α фароварда шудааст. Масофаи h аз нуқтаи M то ҳамвории α – ро таввасути тасдиқоти зерин ёфтан мумкин аст.

1. Масофа аз нуқтаи M то ҳамвории α $(M \notin \alpha)$ баробар аст ба дарозии перпендикуляри MP, P - дар ин ҷо $P \in \alpha$ буда, аз нуқтаи M ба ҳамвории α гузаронида шудааст. Ҳангоми чунин амал онро ба таври рамзӣ чунин ифода мекунем: $P(M;\alpha) = MK, MK \perp \alpha$.


Ҳангоми сохтани хатти рост ба ҳамвории додашуда, ҳангоми исботи перпендикуляр будани хатти рости додашуда (сохта шуда) ва ҳамвории додашуда (сохташуда), далелҳои зерин мавриди истифода қарор дода мешаванд:

а) аломати перпендикулярии хатти рост бо ҳамворӣ;

б) теорема: «Агар хатти рост дар яке аз ду ҳамвориҳо байни худ перпендикуляр воқеъ бошад ва ба хатти буриши онҳо перпендикуляр бошад, он гоҳ ин хатти ба ҳамвории дигар низ перпендикуляр аст»;

в) теорема «Агар ду ҳамворӣ аз рӯйи хатти рост бурда шавад ба ҳамвории сеюм перпендикуляр мешавад, он гоҳ ҳар кадоми он ба ин ҳамвории сеюм перпендикуляр мешавад».

2. Агар дар ҳамвории a секунҷаи $A_1A_2A_3$-и масоҳаташ S гирифта шавад ва инчунин ба ҳаҷми пирамида $MA_1A_2A_3$ ба V баробар бошад, он гоҳ масофа аз нуқтаи M то ҳамвории α бо формулаи зерин ифода карда мешавад: $h = \frac{3v}{s}$.



3. Агар дар фазо системаи координати росткунҷа ва ҳамвории α гирифта шавад, дар ин системаи координата ҳамвории $ax + by + cz + d = 0$ низ гирифта мешавад, он гоҳ масофа h аз нуқтаи $M_0(x_0; y_0; z_0)$ то ҳамвории α бо формулаи зерин ифода карда мешавад:

$$h = \frac{|ax_0 + by_0 + cz_0 + d|}{\sqrt{a^2 + b^2 + c^2}}.$$

Муодилаи ҳамворӣ дар порчаҳо намуди зерин дорад: $\frac{x}{a}+\frac{y}{b}+\frac{z}{c} = 1$

дар ин ҷо a, b, c – абсисса, ордината ва аппликата нуқтаҳои буриши ҳамворӣ бо тирҳои координатаи Ox, Oy, Oz мебошанд.

4. Ҳамвории BDC_1 ва B_1D_1A ба диагонали A_1C-и куби $ABCDA_1B_1C_1D_1$ перпендикуляр буда, онро бо се қисми баробар тақсим мекунад. Агар теғаи куб ба a баробар бошад, он гоҳ $A_1N = NH = HC = \frac{a\sqrt{3}}{3}$ мешавад.

5. Агар дар тетраэдри $MA_1A_2A_3$ теғаҳои паҳлуи MA_1, MA_2 ва MA_3 ($MA_1 = a$, $MA_2 = b$, $MA_3 = c$) байни ҳам перпендикуляр бошанд, h – баландии тетраэдер аз нуқтаи M гузаронида шуда бошад, он гоҳ $\frac{1}{h^2} = \frac{1}{a^2} + \frac{1}{b^2} + \frac{1}{c^2}$ мешавад.

Дар ҳолати хусусӣ: агар $a = b = c$ бошад, он гоҳ $\frac{1}{h^2} = \frac{3}{a^2}$ ва $h = \frac{a}{\sqrt{3}}$ мешавад.

Акнун барои тасдиқи фикр, вобаста ба тасдиқотҳои дар боло овардашуда, тарзҳои гуногуни ҳалли як масъаларо оид ба масофа аз нуқта то ҳамворӣ дида мебароем.

Масъалаи 1. Дар куби $ABCDA_1B_1C_1D_1$ теғааш ба 1 баробар аст. Агар T миёнаи AD бошад, масофа аз нуқтаи A то ҳамворӣ A_1BT ёфта шавад,

Ҳал. Тарзи якум. AM-ро ба TB перпендикуляр мегузаронем, яъне AM ⊥TB. Азбаски $A_1A \perp TB$, он гоҳ мувофиқи теорема дар бораи се препендикуляр $A_1M \perp TB$ мешавад. Аз ин ҷо бармеояд, ки ҳамвориҳои $AA_1M \perp A_1BT$. Бигузор, AH – масофаи матлуб бошад, AH-ро аз секунҷаи росткунҷаи AA_1M меёбем.

AM : $\frac{1}{AM^2} = \frac{1}{AT^2} + \frac{1}{AB^2}$; $\frac{1}{AM^2} = 1 + 4 = 5$; AM = $\frac{1}{\sqrt{5}}$;

AH : $\frac{1}{AH^2} = \frac{1}{AA_1^2} + \frac{1}{AM^2}$; $\frac{1}{AH^2} = 1 + 5 = 6$;


AH=$\frac{1}{\sqrt{6}} = \frac{\sqrt{6}}{6}$. Ҷавоб: $\frac{\sqrt{6}}{6}$

Тавзеҳ: Барои секунҷаи росткунҷа ABC,
ки ин ҷо C=90°, CA= b, CB = a, h – баландӣ,
баробарии зерин ҷой дорад.

$\frac{1}{h^2} = \frac{1}{a^2} + \frac{1}{b^2}$ (азбаски $\frac{1}{h^2} = \frac{a^2+b^2}{a^2b^2}$; $h = \frac{ab}{c}$;

$\frac{1}{h} = \frac{c}{ab}$; $\frac{1}{h^2} = \frac{a^2+b^2}{a^2b^2} = \frac{1}{a^2} + \frac{1}{b^2}$ аст.

Инак, $\frac{1}{h^2} = \frac{1}{a^2} + \frac{1}{b^2}$ ҳосил карда шуд.



Расми 1

Тарзи дуюм. Пирамидаи A_1ABT–ро муоина карда, аз баробариҳои ҳаҷмҳо истифода мекунем (ба расми 1 нигаред.)

$V_{A1ABT} = \frac{1}{3} \cdot S_{ABT} * A, A$; $V_{AA_1BT} = \frac{1}{3} \cdot h \cdot S_{A_1BT}$ $(h = AH)$;

$V_{A1ABT} = \frac{1}{3} \cdot \frac{1}{2} \cdot 1 \cdot \frac{1}{2} \cdot 1 = \frac{1}{12}$.

Масоҳати секунҷаи A_1BT–ро меёбем; секунҷаи A_1BT баробарпаҳлу мебошад TN – баландӣ, $S_{A_1BT} = \frac{1}{2} \cdot AB \cdot TN$.

TB= $\sqrt{AB^2 + AT^2}$;

TB=$\sqrt{1 + \frac{1}{4}} = \sqrt{\frac{5}{4}} = \frac{\sqrt{5}}{2}$; $A_1T = TB = \frac{\sqrt{5}}{2}$;

$A_1B = \sqrt{2}$; $A, N = \frac{\sqrt{2}}{2}$;

TN= $\sqrt{A_1T^2 - A_1N} = \frac{\sqrt{3}}{2}$;

Инак, $V_{AA1BT} = \frac{1}{3} \cdot h \cdot \frac{1}{2} \cdot \frac{\sqrt{3}}{2} \cdot \sqrt{2} = \frac{\sqrt{6}}{12} h$ мешавад.

Ифодаҳои ёфташударо баробар карда, ҳосил мекунем:

$\frac{1}{12} = \frac{\sqrt{6}}{12} \cdot h$ ё ки $h = \frac{1}{\sqrt{6}} = \frac{\sqrt{6}}{6}$. Ҷавоб: $\frac{\sqrt{6}}{6}$.

Тарзи сеюм. Аз методи координата истифода мебарем. Системаи координатаи росткунҷаро бо таври зерин ворид мекунем. Ибтидои системаи координатаро бо нуқтаи A ҳамҷоя мекунем, AD – порчаи воҳиди дар тири Ox, AB -дар тири Oy, A A_1 , дар тири Oz/.

Муодилаи ҳамвории A_1BT дар порчаҳо намуди зеринро мегиранд:

$$\frac{x}{AT}+\frac{y}{AB}+\frac{z}{AA_1}=1,\frac{x}{\frac{1}{2}}+\frac{y}{1}+\frac{z}{1}=1,$$

Аз ин ҷо $2x+y+z-1=0$ мешавад.

Нуқтаи A дорои координатаҳои зерин буда, (0; 0; 0), h масофаи матлуб мебошад. Бинобар ҳамин, пайдо мекунем:


$h=\frac{|-1|}{\sqrt{4+1+1}}=\frac{1}{\sqrt{6}}=\frac{\sqrt{6}}{6}$. Ҷавоб. $\frac{\sqrt{6}}{6}$.

Тарзи чорум. Бигузор, h баландии пирамидаи A_1ABT бошад. Азбаски теғаҳои паҳлуии пирамида кунҷҳои ростро ташкил медиҳанд, пас, баландии ин пирамидаро бо формулаи зерин меёбем: $\frac{1}{h^2}=\frac{1}{a^2}+\frac{1}{b^2}+\frac{1}{c^2}$.

Инак , $\frac{1}{h^2}=\frac{1}{1}+\frac{1}{1}+4=6$ мешавад.

Бинобар ҳамин, масофаи матлуб h= $\frac{\sqrt{6}}{6}$ аст. Ҷавоб.$\frac{\sqrt{6}}{6}$.

Масъалаи 2. Дар пирамидаи шашкунчаи мунтазами SABCDEF - тарафи асосаш AB=$2\sqrt{3}$ теғаи паҳлуи SA=$\sqrt{21}$ мебошад. Масофа аз нуқтаи B то ҳамвории CSD ёфта шавад.



Расми 2


Ҳал. **Тарзи якум**. Фарз мекунем, ки h масофаи матлуб мебошад. Азбаски SABCDEF-пирамидаи шашкунҷаи мунтазам аст, пас 0-проексияи ортогналии қуллаи S ба марказ шашкунҷаи мунтазами ABCDEF мебошад. Азбаски хатти рости BE ба ҳамвории SDC параллел мебошад, он гоҳ масофаи h аз нуқтаи O то ҳамвории SDC баробар аст, ба масофа аз нуқтаи B то ҳамвории додашуда. Акнун пирамидаи SBCD-ро дида мебароем;

$V_{ABCD}=\frac{1}{3}\cdot S0\cdot S_{BCD}$; дар ин ҷо $S0=\sqrt{SB^2-0B^2}$,

$S0=\sqrt{(\sqrt{21})^2-(2\sqrt{3})^2}=\sqrt{21-12}=3$ ва

$S_{BCD}=\frac{1}{2}BC\cdot CD\cdot sin120°$; $S_{BCD}=\frac{1}{2}\cdot 2\sqrt{3}\cdot 2\sqrt{3}\cdot\frac{\sqrt{3}}{2}=3\sqrt{3}$.

Инак, ҳосил мекунем: V_{SBCD}=$3\sqrt{3}$.



Расми 3


Аз тарафи дигар V_{BSCD}=$\frac{1}{3}\cdot h\cdot S_{SCD}$, ки дар ин ҷо S_{SDC}=$\frac{1}{2}$ CD · SK, SK-апофема мебошад ва онро аз секунҷаи SDK мувофиқи теоремаи Пифагор меёбем:

SK=$\sqrt{SC^2-(\frac{CD}{2})^2}$,

SK= $\sqrt{(\sqrt{21})^2-(\frac{2\sqrt{3}}{2})^2}=\sqrt{18}=3\sqrt{2}$.

Ҳосил мекунем, ки $V_{BSCD}=\sqrt{6}\cdot$ h ҳаҷмҳоро баробар карда, ба натиҷаи ниҳоӣ молик мешавем: h=$\frac{3\sqrt{2}}{2}$. Ҷавоб. $\frac{3\sqrt{2}}{2}$.

Тарзи дуюм. Дар секунҷаҳои баробарпаҳлуӣ SDC ва DOS баландиҳои SK ва OK-ро мегузаронем, ки мувофиқан SKO⊥CDS мешавад. Масофаи матлуб K=OH, буда, дар ин ҷо OH⊥SK мебошад. Акнун секунҷаи росткунҷаи SOK-ро дида мебароем: SK=$2\sqrt{3}$ OK баландии секунҷаи баробарпаҳлуи ODS буда, онро аз секунҷаи OKC меёбем: OK=OC $\cdot sin60°$, OK=$2\sqrt{3}\cdot\frac{\sqrt{3}}{2}$=3. Акнун OH-ро аз секунҷаи росткунҷаи SOK меёбем:



Расми 4

$\frac{1}{OH^2}=\frac{1}{OK^2}+\frac{1}{SO^2}$; $\frac{1}{OH^2}=\frac{1}{9}+\frac{1}{9}=\frac{2}{9}$. Инак, OH= $\frac{3\sqrt{2}}{2}$ мешавад. Ҷавоб: $\frac{3\sqrt{2}}{2}$.

Тарзи сеюм. Пирамидаи SOCN-ро дида мебароем, ки кунҷҳои ҳамвори назди қуллаи O кунҷи рост мебошанд. Бигузор, h масофаи матлуб буда, баландии пирамидаи SOCN бошад. Секунҷаи CON росткунҷа аст, ON-ро аз формулаи зерин меёбем:


ON=CO·tg ∠OCN; ON =$2\sqrt{3}\cdot tg\ 60°$=$2\sqrt{3}$=$6\sqrt{3}$.

Инак, дар анҷом ҳосил мекунем:

$\frac{1}{h^2}=\frac{1}{OC^2}+\frac{1}{ON^2}+\frac{2}{OS^2}$,

$\frac{1}{h^2}=\frac{1}{12}+\frac{1}{36}+\frac{1}{9}=\frac{8}{36}$ аз ин ҷо h =$\frac{3\sqrt{2}}{2}$ мешавад.

Тарзи чорум. (Методи координата) Системаи координатаи росткунҷаро ба таври зерин ворид мекунем (расми 5) Ибтидои координатаро дар нуқтаи O, хатти рости ON (ON⊥OC) – тири OX, хатти рости OC – тири OY, хатти рости OS – тири OZ хоҳад буд. Координатаҳои нуқтаҳо N(6;0;0), C(0;$2\sqrt{3}$; 0), S(0;0;3), ва O(0;0;0)-ро ҷо ба ҷо навишта, муодилаи ҳамвории SCN-ро дар порчаҳо месозем:



Расми 5

$\frac{x}{6}+\frac{y}{2\sqrt{3}}+\frac{z}{3}=1$; x+$\sqrt{3y}+2z-6=0$.

Дар анҷом масофа аз нуқтаи O то ҳамвориро SCN-ро меёбем:

$h=\frac{|-6|}{\sqrt{1+(\sqrt{3})^2+2^2}}=\frac{6}{\sqrt{8}}=\frac{3\sqrt{2}}{2}$.

Ҷавоб.$\frac{3\sqrt{2}}{2}$.

Бояд гуфт, ки маводди мазкур барои синфҳои болоӣ пешниҳод шудааст. Омӯзгор метавонад аз он дар машғулиятҳои факултативӣ, дар озмунҳои математикӣ ва маҳфилҳо самаранок истифода барад.

ДУ РУБОЙ

Мавҷам ки ба рӯди худ бипайваст Ватан,
Савтам, ба суруди худ бипайваст Ватан.
Пайкам, ба дуруди худ бипайваст Ватан,
Бо буду нобуди худ бипайваст Ватан.

***

Соҳибҳунарӣ зи соҳибистиқлолист,
Соҳибзафарӣ зи соҳибистиқлолист.
Таърих ба ин назар бувад, буд мудом:
Соҳибназарӣ зи соҳибистиқлолист.

Парда Ҳабиб


МЕТОДИ ҲАЛЛИ БАЪЗЕ НАМУДҲОИ СИСТЕМАҲОИ МУОДИЛАҲОИ ҒАЙРИСТАНДАРТӢ[1]

Р. МАХАНОВ – профессори кафедраи математикаи олии ДДМИТ

Илму техника дар замони муосир вобаста ба талаботи рӯзафзуни ҷомеа бо суръати баланд тараққӣ карда, кашфиёту дастовардҳои назаррас ба миён омада истодааст. Албатта, рушду инкишофи соҳаҳои мухталифи ҳаёти башарӣ ба пешрафти илмҳои дақиқ, табиатшиносӣ ва ҳисобгирии онҳо робитаи зич доранд.

Қобили қайд аст, ки нақши асосиро дар инкишофи ҳамаҷонибаи техника ва технологияи муосири замонавӣ ҳисобкуниҳои гуногуни ҳаҷми математикию геометрӣ мебозад. Системаи муодилаҳои ғайристандартӣ яке аз бахшҳои муҳимми ин соҳаи илм буда, дар бештари фаъолиятҳои инсонӣ аз механизмҳои сода сар карда, то биноҳои баландошёна, дастгоҳҳои мураккаб ва мушоҳидаҳои астрономӣ нақши онро дидан мумкин аст.

Дар курси алгебра ва ибтидои анализ ба бисёр мафҳумҳо, формулаҳо, қоидаҳо, масъалаю системаи муодилаҳо дучор меоем, ки бо мустақилӣ ба як мавзуи таълимӣ табдил ёфтани онҳоро дар замони муосир нишон медиҳад. Системаи муодилаҳои ғайристандартӣ чунин системаҳое мебошанд, ки дар курси математика ягон қоидаи умумӣ ва ё низомияте мавҷуд нест, ки ҳалли дурусти он аз рӯи ин барнома муайян карда шавад. Дар баъзе маврид ин гуна системаҳоро бо системаи ҳаллашон мушкил ҳамҷоя мекунанд, ки он нодуруст мебошад. Системаи муодилаҳои ғайристандартӣ дар навбати худ боз чунин системаҳое мебошанд, ки алгоритми ҳалли он ба хонандагон маълум нест, яъне, хонандагон пешакӣ тарзҳои ҳалли онро намедонанд ва наметавонанад, ки барои ҳалли он ба кадом маводи таълими такя кунанд. Барои ҳал намудани системаи муодилаҳои ғайристандартӣ, пеш аз ҳама, ифодаҳо ва аксиомаҳо, теоремаҳои асосӣ, табдилдиҳиҳо аз як шакл ба шакли дигарро хеле хуб донистан зарур аст. Дар ин мақола мо ҳалли баъзе системаи муодилаҳои ғайристандартиро овардем, ки он барои ташаккули тафаккури математикии хонандагон ва барои кумак намудани онҳо барои иштирок дар озмунҳо аз манфиат холӣ нест.



Мисоли 1. Системаи муодилаҳоро ҳал мекунем:

$$\begin{cases} x^3 + x^2y + xy^2 + y^3 = a^2(x - y) \\ x^3 - x^2y + xy^2 - y^3 = b^2(x + y) \end{cases} \quad (1)$$

Барои ёфтани решаҳои ин система тарафи рости муодилаҳои системаро ба зарбшавандаҳо ҷудо бояд кард, яъне:

$$\begin{cases} (x^2 + y^2)\,(x + y) = a^2(x - y) \\ (x^2 + y^2)\,(x - y) = b^2(x + y) \end{cases} \quad (2)$$

Агар дар системаи (2) бо номаълумҳои нав ифодаҳоро иваз намоем, се номаълуми нав пайдо мешавад, ки ин мақбул нест. Бинобар ин, барои ин намуд системаҳо тарзи нави ёфтани решаҳоро истифода мебарем. Тарафҳои чап ва рости муодилаи якумро ба муодилаи дуюм мувофиқан тақсим карда, ҳосил мекунем:

[1] ТАСҲЕҲ: Мақолаи мазкур дар шумораи №6-и маҷаллаи “Маорифи Тоҷикистон” нашр шудааст. Бинобар сабабҳои техникӣ, ҳангоми чоп мисолҳои дар мақола овардашуда рӯйи чоп наомадааст. Аз ин рӯ, идораи нашрия зарур шумурид, ки мақола такроран нашр карда шавад.

$$\frac{(x^2+y^2)(x+y)}{(x^2+y^2)(x-y)}=\frac{a^2(x-y)}{b^2(x+y)};$$
$$\frac{x+y}{x-y}=\frac{a^2(x-y)}{b^2(x+y)}.$$

Дар ин муодила $u=\frac{x+y}{x-y}$ ё ки $\frac{1}{u}=\frac{x-y}{x+y}$ ишорат мекунем.

Аз ин ҷо $u=\frac{a^2}{b^2}\cdot\frac{1}{u}$ шуда, $u^2=\frac{a^2}{b^2}$ ё ки $u=\pm\frac{a}{b}$ мешавад. Қиматҳои ҳосил шударо ба $u=\frac{x+y}{x-y}$ гузошта, қимати $x-$ро бо y ифода мекунем, яъне:

$$x_1=\frac{a+b}{a-b}y \text{ ва } x_2=\frac{a-b}{a+b}y \qquad (3)$$

Аз қиматҳои x_1 ва x_2 системаи муодилаҳои зеринро тартиб медиҳем:

1) $$\begin{cases}x^3+x^2y+xy^2+y^3=a^3(x-y)\\ x_1=\frac{a+b}{a-b}y\end{cases} \qquad (4)$$

2) $$\begin{cases}x^3+x^2y+xy^2+y^3=a^2(x-y)\\ x_2=\frac{a-b}{a+b}y\end{cases} \qquad (5)$$

Системаи муодилаҳои (4)-ро ҳал мекунем:

$$\frac{(a+b)^3}{(a-b)^3}y^3+\frac{(a+b)^2}{(a-b)}y^3+\frac{a+b}{a-b}y^3+y^3=a\left(\frac{a+b}{a-b}-1\right)\cdot y$$

Аз тарафи чапи ин муодила y^3-ро ҳамчун зарбшавандаи умумӣ аз қавс баровада, баъд соддакунӣ ҳосил мекунем:

$y_1=0$ ва $y_{2,3}=\pm\frac{(a-b)\sqrt{2ab}}{2\sqrt{a^2+b^2}}$.

Дар системаи муодилаҳои (5) ҳам чунин амал карда, қиматҳои $y_{4,5}$-ро меёбем:

$$y_{4,5}=\pm\frac{(a+b)\sqrt{2ab}}{2\sqrt{a^2+b^2}}$$

Қиматҳои y_1, y_2, y_3, y_4 ва y_5 ,ба (3) гузошта, қиматҳои $x-$ро меёбем:

$$x_1=0;\ x_2=\pm\frac{(a+b)\sqrt{2ab}}{2\sqrt{a^2+b^2}};\ x_{4,5}=\pm\frac{(a-b)\sqrt{2ab}}{2\sqrt{a^2+b^2}}$$

Ҷавоб: $\left(\frac{(a+b)\sqrt{2ab}}{2\sqrt{a^2+b^2}};\frac{(a-b)\sqrt{2ab}}{2\sqrt{a^2+b^2}}\right),\left(\frac{(a-b)\sqrt{2ab}}{2\sqrt{a^2+b^2}};\frac{(a+b)\sqrt{2ab}}{2\sqrt{a^2+b^2}}\right)$.

Дар барномаҳои таълимии мактабҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ системаи муодилаҳои дуномаълума бисёр дучор мешаванд, вале системаҳои се муодилаи сеномаълума кам вомехӯранд. Бинобар ин, мо чанд намуди системаи муодилаҳои иборат аз се муодилаи сеномаълума доштаро баррасӣ менамоем, ки ба хонандагон ҳангоми тайёрӣ ба озмунҳо ёрӣ мерасонанд.

Мисоли 2. Системаи муодилаҳоро ҳал мекунем:

$$\begin{cases}x+y+z=1,\\ x^2+y^2+z^2=1,\\ x^3+y^3+z^3=1.\end{cases}$$

Таҳлил: Барои ҳал кардани ин системаи муодилаҳо тарзҳои дар боло истифодашуда натиҷае намедиҳанд. Аз ҳамин сабаб, барои ҳал намудани ин системаи муодилаҳо тарзи навро истифода мебарем.

Ҳал. Ҳар ду тарафи муодилаи якуми системаро ба куб мебардорем:

$(x+y+z)^3=1^3$;

$x^3+y^3+z^3+3x^2y+3xy^2+3x^2z+3xz^2+3z^2y+3y^2z=1.$

Аз муодилаи охирин муодилаи $x^3+y^3+z^3=1-$ро тарҳ карда муодилаи зеринро ҳосил мекунем:

$$3x^2y+3xy^2+3x^2z+3xz^2+3xz^2+3z^2y+3y^2z=0$$

ё $x^2y+xy^2+x^2z+xz^2+y^2z+yz^2=0$ (1)

Акнун ҳар ду тарафи муодилаи якуми системаро ба квадрат бардошта, аз натиҷааш муодилаи дуюми системаро тарҳ намуда, ҳосил мекунем:

$$\begin{cases} x^2+y^2+z^2+2xy+2xz+2yz=1, \\ x^2+y^2+z^2=1. \end{cases}$$

$2xy+2xz+2yz=0$ *ё ки* $xy+xz+yz=0$ *(2)*

Муодилаи (1) ва (2) –ро дар як системаи муодилаҳо муттаҳид намуда, онро ҳал мекунем:

$$\begin{cases} xy+xz+yz=0, \\ x^2y+xy^2+x^2z+xz^2+y^2z+z^2y=0. \end{cases}$$

Муодилаи дуюмро дар шакли зерин менависем, яъне

$$x(xy+xz)+y(xy+yz)+z(yz+xz)=0.$$

Дар муодилаи ҳосилшуда ифодаҳои $xy+xz, xz+yz, xy+yz$ – ро мувофиқан ба $xy+xz=-yz$; $xy+yz=-xz$ ва $xz+yz=-xy$ иваз карда, дар натиҷа муодилаи зеринро ҳосил мекунем:

$-3xyz=0$ ё ки $xyz=0$.

Аз муодилаи охирин пайдо мекунем: $(1;\ 0;\ 0), (0;1;\ 0), (0;\ 0;1)$.

Ҷавоб: $(1;0;0), (0;1;0), (0;0;1)$.

Мисоли 3. Системаи муодилаҳоро ҳал мекунем:

$$\begin{cases} x^3+y^3=65, \\ x^2y+xy^2=20. \end{cases}$$

Тарзи ҳалли ин гуна система гуногун аст. Аз ин лиҳоз, мо яке аз тарзҳои ҳалли онро баррасӣ мекунем.

Ҳал. Ҳарду тарафи муодилаи якуми системаро ба адади 4 ва ҳар ду тарафи муодилаи дуюми системаро ба адади 13 зарб карда, ҳосил мекунем:

$$\begin{cases} 4x^3+4y^3=260, \\ 13x^2y+13xy^2=260. \end{cases}$$

Аз муодилаи якум, муодилаи дуюмро тарҳ мекунем:

$4x^3+4y^3-13x^2y-13xy^2=0$.

Ҳарду тарафи ин муодиларо ба x^3 (ё y^3) тақсим мекунем:

$4\left(\frac{y}{x}\right)^3-13\left(\frac{y}{x}\right)^2-13\left(\frac{y}{x}\right)+4=0$.

Дар ин ҷо $\frac{y}{x}$ -ро бо t ишора мекунем: $t=\frac{y}{x}$, пас $4t^3-13t^2-13t+4=0$ мешавад.

Муодилаи ҳосилшударо бо методи ба зарбкунандаҳо ҷудокунӣ ҳал мекунем:

$$4t^2(t+1)-17t(t+1)+4(t+1)=0;$$
$$(t+1)(\,4t^2-17t+4)=0;$$
$$(t+1)(\,(4t^2-16t)+(-t+4))=0;$$
$$(t+1)(\,4\mathrm{t}(t-4)-(t-4))=0;$$

$(t+1)(t-4)(4t-1)=0$.

Аз ин ҷо: $t+1=0$ ё $t-4=0$ ё ки $4t-1=0$.

Аз муодилаи охирин $t_1=-1$, $t_2=4$ ва $t_3=\frac{1}{4}$ мешавад.

Қиматҳои t –ро ба $\frac{y}{x}=t$ гузошта, қиматҳои -ро меёбем:

$$y_1=-x, y_2=4x_2, y_3=\frac{1}{4}x_3.$$

Қиматҳои y –ро ба яке аз муодилаҳои система гузашта муайян мекунем, ки ғайр аз $y=-x$ дигар қиматҳои y (яъне y_2ва y_3) муодилаҳои системаро қонеъ мегардонанд.

Бигузор, $y_2=4x_2$ бошад, он гоҳ $\begin{cases} x^3+y^3=65 \\ y=4x \end{cases}$ шуда, $x_1=1, y_1=4$ мешавад.

Дар мавриди $y_3=\frac{1}{4}x^3$ будан, $x_2=4, y_2=1$ мешавад. Пас ҷуфти ададҳои (1;4) ва (4;1) ҳалли системаи муодилаҳои додашуда мебошанд.

Ҷавоб: $(1;4), (4;1)$.

Тарзҳои дигари ҳалли ратсионалии системаи муодилаҳои мазкур ба хонандагон пешниҳод карда мешавад.

НАМУНАИ МАСЪАЛАҲОИ ОЗМУНӢ ВА ҲАЛЛИ ОНҲО



Алидод АБДОЛБЕКОВ – омӯзгори химияи мактаби Президентӣ барои кӯдакони болаёқати шаҳри Хоруғ

Бо ташаббуси Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон солҳои 2020-2040 «Бистсолаи омӯзиш ва рушди фанҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ дар соҳаи илму маориф» эълон гардид. Ин иқдоми муҳим ба рушди тафаккури илмӣ, баланд бардоштани сифати таълим ва омодасозии мутахассисони баландихтисос заминаи мусоид фароҳам меоварад.

Дар доираи татбиқи ин ташаббус ҳамасола дар ҷумҳурӣ озмунҳо, олимпиадаҳо ва дигар тадбирҳои илмӣ баргузор мешаванд, ки аз хонандагон ва донишҷӯён донишу малака, тафаккури мантиқӣ ва қобилияти баланди ҳалли масъалаҳои назариявӣ ва амалиро талаб менамоянд.

Дар омӯзиши фанни химия аз худ намудани формулаҳои асосӣ, қонунҳои бунёдӣ, тавсифи равандҳои химиявӣ ва усулҳои гуногуни ҳисобкунӣ аҳаммияти махсус дорад. Донистани ин асосҳо на танҳо барои азбаркунии дурусти маводи таълимӣ, балки барои татбиқи амалии донишҳои химиявӣ, ҳалли масъалаҳои ҳисобӣ ва муваффақият дар озмуну олимпиадаҳо низ зарур мебошад.

Таҷрибаи чандинсолаи баргузории олимпиадаҳои фанни химия нишон медиҳад, ки қисми зиёди иштирокчиёни давраҳои гуногуни олимпиадаҳо ва озмунҳо ҳангоми ҳалли масъалаҳои ҳисобӣ ва ҷавоб додан ба саволҳои назариявӣ ба мушкилот рӯ ба рӯ мешаванд. Сабаби асосии ин ҳолат нокифоя будани малакаҳои ҳисобкунӣ, истифодаи нодурусти формулаҳо ва надонистани усулҳои асосии ҳалли масъалаҳо мебошад.



Бо дарназардошти ин мушкилот, дар дастури зикршуда роҳҳои ҳалли муҳимтарин намудҳои масъалаҳои ҳисобии химиявӣ бо шарҳу тавзеҳ ва намунаҳои мушаххас пешниҳод шудаанд. Умед дорем, ки ин мавод барои хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ, донишҷӯён, омӯзгорон ва иштирокчиёни озмуну олимпиадаҳои фанни химия ҳамчун дастури муфид хизмат хоҳад кард.

1. Ба 60 мл маҳлули 7, 260 моляраи H_2SO_4 ки зичиаш 1, 405 г/мл аст, 37,1 мл об илова карданд. Консентратсияи молярии маҳлули ҳосилшударо муайян кунед, агар зичии он баробари 1,265 г/мл бошад?

Д.ш.а Ҳал:

V (H_2SO_4) = 60 мл 1) m_y=p · v=1,405=84, 3

C_m (H_2SO_4) = 7, 26 M 2) m= Cm · M ·V= 7,26 ·980,06=42,6888=H_2SO_4

P_1 (H_2SO_4) = 1,405 г\м 3) $m_y = m_{y+} m_{H2O}$= 84, 3+37,1=121,4

V (H_2O) = 37, 1 4)W %=(H_2SO4)= $\frac{m}{m} \cdot 100\% = \frac{42,6888 \cdot 100}{121} = 33,16375\%$

P_2 (H_2SO_4) = 1, 265г\мл 5) Cm = $\frac{w\% \cdot p \cdot 10}{M} = \frac{33,16375 \cdot 1,265 \cdot 10}{99}$ = 4, 54

Cm (H_2SO_4)-?

Ҷавоб: 4,54 M

2. Ҳангоми баркароршавии 246 г ҳосил гардид. Баромади маҳсулот нисбати ҳисоби назариявӣ ёбед

Д.ш.а Ҳал:

246 X

m (C_6 H_5 NO_2) = 246 $\frac{CHNO}{123}$ + 6[H]→$C_6H_5NH_2$ + $2H_2O$

m (C_6NH_2) = 46, 5 x=$\frac{246 \cdot 93}{123} = 186$ $\frac{246}{123} = \frac{x}{93}$

n=? n = $\frac{m}{m} \cdot 100 = \frac{46,5}{186} \cdot 100 = 25\%$

Ҷавоб: 25%

3. Бо 20мл маҳлули 0,05 $Na_2Zn(OH)_4$] қатра маҳлули гидрогенбромид илова карданд. Муайян шуд, ки массаи максималии таҳшин ҳангоми илова кардани 10мл маҳлули кислота чанд грамм таҳшин ҳосил мешавад?

Д.ш.а Ҳал:

V(Na_2) Zn $(OH)_4$]= 20 мл m = $C_м$· M · V = 0,05 · 129 · 0,02 = 0.179

См = 0, 005 M $\mathcal{V} = \frac{m}{м} = \frac{0,179}{129} = 0,001$

V (H Br) = 10 мл Na_2[Zn $(OH)_2$] + 2HBr→$\frac{Zn(OH)\uparrow}{1}$ +2NaBr+$2H_2O$

V (H Br) = 12 мл

m - ?

$\mathcal{V}$ Zn $(OH)_2$ = $\mathcal{V}$ (Na_2 [Zn $(OH)_4$] = 0,001

m= M·$\mathcal{V}$ = 99·0,001=0,079 Zn (OH) ↑

$\frac{Zn(OH)}{1мол} + \frac{2HBr}{2\ мол} \rightarrow ZnBr_2 + 2H_2O$

10 мл — 0, 002 мол

12мл — x x = $\frac{12 \cdot 0,002}{10} = 0,0024$ мол HBr

$\mathcal{V}$ (H $Br_{бокй}$) = 0,0024 – 0, 002 = 0, 0004 H Br $\frac{x}{1}$; $\frac{0,0004}{2}$

X=$\frac{1 \cdot 0,0004}{2} = 0,0002$ мол Zn $(OH)_2$ ба реаксия дохил шудааст.

пас $\mathcal{V}$ (↑) = 0, 0001 – 0, 0002 = 0, 0008 мол

m (↓) = M · $\mathcal{V}$ = 99 · 0, 0008 = 0, 0792 ↓ таҳшин

Ҷавоб: 0,0792 г ↓ Zn $(OH)_2$ ҳосил мешавад.

4. Ҳаҷми ҳаво (ш.м)-ро, ки барои пурра оксид кардани 90 г глюкоза сарф мешавад, муайян намоед. Ҳиссаи ҳаҷми O_2 дар ҳаво 21%- ро ташкил медиҳад?

Д.ш.а $_{90г\ хл}$ Ҳал:

m ($C_6H_{12}O_6$) = 90г $\frac{CHO+}{130}$ $\frac{6O \rightarrow}{134,4}$ $6CO_2$ + $6H_2O$ $\frac{90}{180} = \frac{X}{134,4}$

w% (O_2) = 21 % x= $\frac{90 \cdot 134,4}{180} = 67,2$ 67, 2 — 21

$V_{(\ хаво)}$ - ? x — 100%

X=$\frac{100-67,2}{21} = 320$ л ҳаво Ҷавоб: 320 л ҳаво лозим аст.

5. Дар ихтиёратон хокаи малахит Cu_2 $(OH)_2$ Co_3 кислотаи хлорид ва металли руҳ мавҷуд аст. Чӣ тавр ин реактивҳоро истифода бурда, миси ҳосилшударо тоза мекунед? Муодилаи реаксияҳоро нависед.

Д.ш.а Ҳал:

Cu_2 $(OH)_2CO_3$ Усули 1: Cu_2 $(OH)_2$ CO_3→ CuO + CO_2↑ + H_2O

H C l, Zn Zn + 2HCl →$ZnCl_2$ + H_2↑

CuO + H_2→Cu+ H_2O

чи тавр (Cu) - ? Усули 2: CuO + 2HCl → $CuCl_2$ + H_2O

Zn + $CuCl_2$ → $ZnCl_2$ + Cu↑ ё ки

Cu_2 $(OH)_2$ CO_3 + 4HCl → 2$CuCl_2$ + 3H_2O + CO_2↑

Zn + $CuCl_2$ → $ZnCl_2$ + Cu↓

6. 2,1 гр алкили 4 гр бромро пайваст намуда алкенро ҳосил намуд. Формулаи алкенро муайян намоед?

Д.ш.а Ҳал :

$M_{CnH2n=2.1\ 2,1г\ 4г}$

M_{Br} = 4г CnH2n + 2 Br2 → $CnH_{2n}Br_4$

$\frac{2,1}{14n}$: $\frac{4}{160}$ 4 · 14n = 2, 1 · 160

56 n = 336

n = $\frac{336}{56}$

n = 6 C_6 H_{12}

7. Ҳиссаи массаи намаки миёна боқимондаи кислотаи сулфат бо метали номаълум ба 73, 47 г баробар аст. Формулаи намакро ёбед.

Д.ш.а Ҳал:

$\frac{Me\ (SO4)}{96m} = 73{,}47\ \frac{Me\ (SO4)}{96m}$

$\frac{96m}{x+96n} = \frac{73{,}47}{100\%}$

n = 1m=$\mathcal{V}$·M = 1· 34, 66 = 34, 66 – 34,66

X + 96 n = $\frac{96n}{73{,}47}$ m = 2 · 34, 66 = 69

n + 96n = 130, 66n m_3 = 3 · 34, 66 = 104

m = 130, 66 – 96 n A = $\frac{104}{2} = 52$ Cr

m=34, 66

8. Ҳангоми электролизи маҳлули 20%-и ҳосил шуд. Ҳаҷми гидрогени хориҷшударо (ш.м) муайян кунед.

Д.ш.а Ҳал:

$m_у$(NaOH)=500 1) m=$\frac{w\%\cdot m}{100} = \frac{500}{100} = 100$ NaOH

w% (Na OH)= 20% $\mathcal{V}$ (Na OH) = $\frac{m}{м} = \frac{100}{40} = 2{,}5$

V (H_2) - ? 2) 2NaCl + 2HOH →$2Na_2OH + H_2\uparrow + Cl_2\uparrow$

$\frac{25}{2} = \frac{x}{22{,}4}$ x = $\frac{2{,}5\cdot 22{,}4}{2}$ = 28м $^3H_2$ Ҷавоб: 28 м^3 H_2

9. Ҳаҷми O_2(ш.м)-ро, ки барои сӯхтани 1л C $_4$ H_{10}, дар ҳарорати 47 ^oC ва фишори 4 атом чен шудаааст, муайян кунед.

Д.Ш.А $\frac{P_0V_0}{T_0} = \frac{P_1V_1}{T_1}$ $P_0V_0T_1 = P_1V_1T_0$

V(C_4H_{10})=4л V_0 $\frac{P_1V_1T_0}{P_0T_1} = \frac{4\times 41\times 273}{1\times 320} = \frac{44772}{320} = 140$л

t°C = 47°C 140л x

P_1 = 4 атм $C_4H_{10} + 6.5O_2 \rightarrow 4CO_2 + 5H_2O$

$V_1(O_2)-?$ 22.4л 6,5мол $\frac{140}{22{,}4} = \frac{x}{65}$ x=$\frac{140\times 65}{22{,}4} = 40{,}625$

V=$V_m \times \upsilon = 22.4 \times 40.625 = 910$л ҷавоб: 910л O_2

10.Фишори осмосии маҳлул дар 250мл –и он 3г қанд мавҷуд буда, ҳангоми 12°C ба 0,82атм баробар аст. Массаи малекулавии қандро муайян кунед.

Д.Ш.А Ҳал:

V=250мл ё 0,25л Аз рӯи чунин воҳиди бузургиҳо қимати R=0.082 соҳиб мешавад пас

T°C = 12°C

M(қанд)=3г 1.PV=$\frac{m}{M}$RT PVM=mRT

P=0.82атм M=$\frac{m\times RT}{PV}$=$\frac{3\times 0.082\times 285}{0.82\times 0.25} = 342$

R=0.082 Ҷавоб:342

Қобилияти ҳал намудани масъалаҳое, ки дар вақти бисёр ҳал намудани масъалаҳои химиявӣ пайдо мешаванд, раванди бо ёрии омӯзгор ва хонандагоне, ки дониши хуб доранд, гузаронида мешавад. Ҳар қадаре ки омӯзгор ва хонанда масъалаҳои зиёдро такрор ба такрор ҳал намоянд, донишашон ҳамон қадар ташаккул меёбад.

Кадом малакаҳоро бояд дар рафти ҳалли масъалаҳо ташаккул диҳед?

Гуногунии масъалаҳои олимпиадаро ба назар гирифта, барои ҳалли онҳо қоидаҳои умумиро аниқ кардан даркор. Мисол:

✓ Ҳал намудани масъалаҳои ҳисобӣ аз руйи миқдори модда (мол).

✓ Агар дар масъала дар бораи ҳиссаи массаи гап рафта бошад, ба чунин фаҳмиш омадан мумкин аст; «бигузор, 100 грамм модда» гирифта бошад ва боз гузаштан ба мол.

✓ Агар ягон бузургии физикӣ дода шуда набошад, тахмин кардан мумкин аст, ки гап дар бораи 1моли модда ё миқдори молҳо аз руйи коэффисенти баробарии реаксия аст.

✓ Дар вақти номаълум будани формулаи моддаҳо элементҳои дар формула мавҷудбударо бо ҳарфҳои лотинӣ ишора мекунанд ва ё формулаи умумии синфҳои мавҷудбуда.

✓ Дар вақти номумкин будани истифодаи додашудаги миқдори маълумотҳои мавҷудбуда, барои ҳисобу китоб бузургиҳои номъалум муодилаи алгебравӣ ё системаи баробариро тартиб додан зарур аст.

✓ Барои ҳал кардани бисёри масъалаҳо системаи даврӣ элементҳои химиявӣ, ҷадвали ҳалшавандагӣ, формулаи умумии моддаҳо лозим аст.


Муваффақияти хонанда дар олимпиада ин ба як тартиби муайян даровардани кор аз болои шарти масъалаҳо, ҳисоби дурусти математикӣ, яклухт намудани ҷавоби масъалаҳо мебошад.

Қайд кардан зарур аст, ки хонанда бояд шарти масъаларо пурра хонда, талаботи масъларо донад, аз матни масъала фикри асосӣ ва ғайрасосиро ҷудо карда тавонад.

Адабиёт

1. Zhihan Nan. Theory and problems for Chemistry Olympiad : challenging concepts in chemistry / Zhihan Nan, Sheng Zhang, Singapore, 2020. – 556 p.
2. Аминҷонов, А. О., Бобоева, Б. Т. Ҳалли масъалаҳои кимиёӣ бо усули «Салиб»-и Пирсон. – Душанбе: Эр- граф, 2016. – 47 с.
3. Аминҷонов, А. О., Мабатқадамова, К. С., Сафармамадов, С. М., Мафҳумҳо ва қонунҳои асосӣ дар химия. – Душанбе: Матбааи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, 2016. – 328 с.
4. Бекназарова, Н. С. Мисолу масъалаҳои санҷиш аз химия / Н. С. Бекназарова, Ҷ. А. Давлатшоева, С. Э. Тағоева, М. Б. Каримов, Б. Ҳ. Кимсанов // - Душанбе . 2002. – 118 с.
5. Бобоев, М. У. Кимиё (Ҳалли масъалаҳо) / У. Х. Бобоев, М. У. Бобоев, У. А. Нуров, П. М. Ятимов // Дастури таълимӣ. – Қӯрғонтеппа, 2016. – 130 с.
6. Будруджак, П. Задачи по химии. – Москва: Мир, 1989. – 343 с.
7. Вступительные экзамены и олимпиады по химии в Московском университете: 2007 / под общей редакцией проф. Н. Е. Кузьменко и проф. В. И. Теренина. – Москва: Изд-во Моск. ун-та, 2008.
8. Еремин, В. В. Теоретическая и математическая химия для школьников. – Москва: МЦНМО, 2007.
9. Еремина, Е. А., Еремин, В. В., Кузьменко, Н. Е. Справочник школьника по химии (8-11 классы). – М: Дрофа, 1996.
10. Каримов, М. Б. 1001 мисолу масъалаҳои санҷиш аз кимиё / М. Б. Каримов, А. Бадалов, Ҷ. А. Давлатшоева, Н. С. Бекназарова. – Душанбе, 2010. – 118 с.
11. Кузьменко Н. Е. Начала химии для поступающих в вузы / Н. Е. Кузьменко, В. В. Еремин, В. А. Попков. — 18-е изд., доп. и перераб. – М. : Лаборатория знаний, 2018. –707 с.
12. Кузьменко, Н. Е. Сборник конкурсных задач по химии / Н. Е. Кузьменко., В. В. Еремин., С. С. Чуранов. – М.: Экзамен, 2001 — 576 с.
13. Кузьменко, Н. Е., Еремин, В. В. 2500 задач по химии с решениями для поступающих в вузы. Москва: Экзамен, 2005. 557 с.
14. Лисицын, А. З., Зейфмаи, А. А. Очень нестандартные задачи по химии / Под ред. В. В. Ерёмина. – Москва: МЦНМО, 2015. – 192 с.
15. Расулов, С.А., Нурматов, Т. М., Нуров У.А., Сафармамадов, С. М. Ҳалли масъалаҳо аз кимиё (дастури таълимӣ). – Душанбе: Матбааи ДМТ, 2002. – 83 с.
16. Сафармамадов, С. М., Баҳодуров, Ю.Ф., Бекназарова, Н. С., Галогенҳо. – Душанбе: Сино, Матбааи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, 2010. – 38 с.
17. Сафармамадов, С. М., Бекназарова, Н. С., Мабатқадамзода, К. С.., Шоедарова, З. А. Элементҳои зергурӯҳи иловагии гурӯҳи VII (саволҳо ва масъалаҳои тестӣ бо ҷавобу ҳаллҳо). – Душанбе: Матбааи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон 2019. – 120 с.
18. Сафиев, Ҳ. С. Химия дар қоидаҳо, таомулҳо, аксҳо ва нақшаҳо / Ҳ. С. Сафиев, А. О. Аминҷонов, М. Б. Каримов. – Душанбе: Эр- граф, 2004. – 431 с.
19. Суяров, Қ. Ҷ. Кимиё (намунаи саволҳои имтиҳонотӣ барои довталабон) / Қ. Ҷ. Суяров, М. Б. Каримов, С. С.Саидов // Маҷмуаи саволномаҳои тести имтиҳоноти дохилшавӣ барои довталабон аз химия, физика, биология. – Душанбе: Матбааи ДМТ, 2012. – 113 с.
20. Файзуллоев, Э. Ф. Маҷмуи масъалаҳои кимиёӣ (барои мактаббачагон ва довталабон) / Э. Ф. Файзуллоев., А. С. Самадов. Қисми 1. – Душанбе: 2016. – 40 с.
21. Файзуллозода, Э. Ф. Раҳнамо барои иштирокчиёни озмуни ҷумҳуриявии «Илм-фурӯғи маърифат» (дастури методӣ) / Э. Ф. Файзуллозода, А. С. Самадов, Ҷ. Н. Ҳакимов. –Душанбе: 2024. – 284 с.
22. Холиқов, Ш. Х. Химияи органикӣ. - Душанбе. Эр-граф, 2011. – 890 с.
23. Хомченко, Г. П. Химия (воситаи таълимӣ) / Г. П. Хомченко. Мутарҷимон: Ҳ. М. Якубов, Қ .Ҷ. Суяров. – Душанбе: Маориф, 1986. – 464 с.

ТАШКИЛИ КОРҲОИ МУСТАҚИЛОНА ДАР ТАЪЛИМИ ФИЗИКА



Ҷамшед НЕЪМАТОВ – омӯзгори фанни физикаи МТМУ №39-и ноҳияи Варзоб

Ташкили корҳои мустақилона яке аз омилҳои баланд бардоштани сатҳу сифати таълим ва маҳорату малакаи хонандагон мебошад. Таҳлилҳои равониву омӯзишӣ нишон медиҳанд, ки гуногунии муносибатҳо ва муайян намудани мафҳуми кори мустақилонаи хонандагон ҳамчун шакли таълимию илмии маърифатӣ, усули тафаккури эҷодӣ ва воситаи самаранокии таълим мебошад.


Ба ақидаи С. Л. Рубинштейн, мустақилият натиҷаи баланди кори шуури инсон, қобилияти ӯ дар гузоштани на танҳо мақсад ва вазифаҳои алоҳида, инчунин, дар муайян намудани самти фаъолияти худ мебошад.

Ҳангоми таҳлили сарчашмаҳои педагогӣ маълум мегардад, ки мафҳуми кори мустақилона дар системаи мафҳумҳои дидактикӣ яке аз ҷойҳои намоёнро ишғол менамояд. Мазмун ва муҳтавои корҳои мустақилонаро аз нигоҳи назарӣ омӯхта, се самти фаъолиятро фарқ кардан мумкин аст: мустақилияти маърифатӣ, амалӣ ва ташкилию техникӣ.

К. Д. Ушинский чунин меҳисобид, ки фикрронии хонанда ҳангоми бевосита ичро намудани кори мустақилона ба вуҷуд меояд; мустақилият дар омӯзиш диққати хонандаро зиёд мекунад ва ӯ маводро бодиққат хонда, сатҳи фикрронии ӯ фаъол мегардад ва нисбат ба кор масъулият ҳис мекунад.

Раванди асосии таълими физика барои тайёр намудани мутахассисони баландихтисос дар самти истеҳсолот, гузаронидани корҳои мустақилона ва таҷрибавӣ буда, он ҳамчун як намуди фаъолият таълим, ки дар зеҳни таълимгирандагон инкишоф меёбад, аз худ кардани сифатҳо ва донишҳои навро амалӣ мегардонад.

Маҳз ҳамин буд, ки солҳои 60-уми асри XX Б. П. Есипов нақш, ҷой ва вазифаҳои корҳои мустақилонаро дар ҷараёни таълим асоснок кард. Бино ба ақидаи Б. П. Есипов, корҳои мустақилонаи хонандагон тарзи корест, ки дар рафти ичрои он омӯзгор иштирок намекунад, лекин аз рӯйи супориши ӯ дар муддати муайяншуда ичро карда мешавад.



Ҳангоми ташаккули донишҳо ва маҳоратҳои хонандагон тарзи омӯзиши қолабӣ, асосан шифоҳӣ камсамартар мегардад. Нақши кори мустақилонаи хонандагон, инчунин, вобаста ба тағйирёбии мақсади омӯзиш, самтнокии он ба ташаккули маҳоратҳо, фаъолияти эҷодӣ ва инчунин, вобаста ба компютеркунонии таълим баланд мегардад.

Кори мустақилона на шакли ташкили машғулиятҳои таълимӣ ва на методи омӯзиш аст. Онро дуруст мебуд, бештар ҳамчун воситаи ҷалб намудани хонандагон ба фаъолияти мустақилонаи даркнамоӣ ва ё воситаи ташкили мантиқӣ ва психологии таълим ҳисоб намоем.

Мафҳуми кори мустақилона, ба андешаи мо, бештар ва пурратар аз тарафи А. И. Зимний муайян карда шудааст. Аз рӯйи пешниҳоди ӯ, кори мустақилона ҳамчун сохтори мақсаднок ва

моҳиятан сабабнок аз тарафи худи объект дар маҷмуи ҳаракатҳои иҷрошаванда ва ислоҳшаванда аз тарафи онҳо вобаста ба ҷараён ва натиҷаҳои фаъолиятҳо тавсиф карда мешавад.

Таълими фанни физика дар мактаб ягонагии томи дохилии ҳамаи намуди донишҳо ва қисматҳои ба ҳам алоқаманди фанро ташкил дода, сохтори муайян дорад, ки ба он омилҳо, ақидаҳо, муносибатҳо ба сохти он, таркиб ва мазмуни мантиқӣ ба тарзи рушди маълумоти физики таъсир мерасонанд.

Бинобар ин, ҳангоми таълими физика аз кори мустақилона ба таври васеъ истифода кардан хеле муфид аст. Дар методикаи таълими физика корҳои мустақилонаро аз рӯйи нишондиҳандаҳои зерин: мақсаднокӣ (барои омӯзиши дониши нав, барои рушди истифодаи донишу маҳорат, барои назорати дониш ва маҳорат), тарзи фаъолият (нусхабардорӣ, эвристикӣ, таҳқиқотӣ) ва тарзи ташкил (умумӣ, гурӯҳӣ, инфиродӣ, тафриқавӣ) тасниф намудаанд.


Бо назардошти ин, истифодаи кори мустақилонаро дар дарсҳои физика, масалан, дар рафти омӯзиши мавзуи «Пайвасти параллелии ноқилҳо» дар синфи 8 дида мебароем. Хонандагонро бо табиати қувваи ҷараёни барқ, дар бораи пайвасти параллелии ноқилҳо ва қоидаҳои бехатарии техникӣ ҳангоми кор бо ҷараёни барқ шинос намуда, тавзеҳ мебахшем, ки пайвасти параллелии ноқилҳо ҳамарӯза дар тамоми соҳаҳои хоҷагии халқ ва истеҳсолот васеъ истифода мешавад.

Дар пайвасти параллелӣ амперметрро ба ҷойҳои гуногуни занҷир пайваста,мушоҳида менамоем, ки нишондоди амперметр дар қитъаи ҷудонашудаи занҷир ба суммаи нишондодҳои амперметрҳои ба шохаҳо пайвастшуда баробар мебошад:

$I=I_1+I_2+I_3$

Омӯзгоронро зарур аст, ки бештар ҳамин мавзуъро ба тарзи амалӣ ва намоиши пайвасти ноқилҳо дар тахтаи электронӣ ба роҳ монда, барои баланд бардоштани донишҳои назарию амалӣ ва татбиқи дониши гирифтаи таълимгирандагон дар истеҳсолот амалӣ карда тавонанд.

Ҳангоми омӯзиши ин мавзуъ омӯзгор метавонад, ба ғайр аз он ки методи шифоҳиро истифода кунад, расмҳо, модулҳо, схемаҳо, мисолҳо ва кори амалӣ ва аз ҳама бештар, корҳои мустақилонаро васеъ истифода барад. Масалан, дар раванди дарс ба хонандагон метавонем корҳои мустақилонаи тафриқавии зеринро пешниҳод кунем:



Яке аз воситаҳои самаранок истифода кардани фаъолияти назарию амалии хонандагон дар машғулиятҳои физикӣ, бо роҳи мустақилона иҷро намудани корҳои таҷрибавӣ мебошад, ки бевосита бо гузаронидани таҷрибаҳои лабораторӣ ба монанди: ченкуниҳои гуногун дар рафти кор, бавуҷудоварии ҳодисаҳои физикӣ-химиявӣ, васлкунии таҷҳизот, пайвасти занҷири электрикӣ ва ғайра мансуб мебошад. Ин усул дар шуури хонандагон бедор намудани донишу малакаи таҳлилӣ, нишондодани малакаи фикрӣ ва фаъолияти илмию истеҳсолӣ буда, онҳоро ба гирифтани донишҳои амалию таҷрибавӣ ҷалб месозад.

Кор дар гурӯҳҳо

Варианти 1 (*сабуккардашуда*)

Нақшаи пайвасти параллелии ноқилҳоро тартиб диҳед.

Варианти 2 (*мураккабиаш миёна*)

Муҳаррики барқии таҳти шиддати 380 В қарордошта дар 10 дақиқа 40000 Ҷ энергия сарф мекунад. Қувваи ҷараёни дар занҷир мавҷударо муайян кунед.

Д.Ш.А.: **U=380 В;**

t=600 с;

A=4000 Ҷ

I = ?

Ҳал. Аз формулаи A=I·U·t қувваи ҷараёнро меёбем.

$I=\frac{A}{U\cdot t}=\frac{4000\ Ҷ}{380\ В\cdot 600\ с}=0{,}0175$ А

Варианти 3. (*мураккаб кардашуда*)

Шиддат дар электродҳои мошини кафшергарӣ 60 В буда, қувваи ҷараёни ҷоришаванда 170 А аст. Муқовимати электрод ва тавоноии ҷараён муайян карда шавад.

Д.ш.а.:

U = 60 В;

I = 170А;

R-?, P-?

Ҳал. Аз формулаи қонуни Ом $\mathbf{I}=\frac{U}{R}$ муқовимати занҷирро меёбем:

$$R=\frac{U}{\mathrm{I}}=\frac{60в}{170\ А}=0{,}35\ Ом.$$


Акнун бо формула тавоноии ҷараёнро ҳисоб мекунем:

P=I·U=170 А·60 В=10200 Вт=1,2 кВт. **Ҷавоб:** R=0,35 Ом; P=1,2 кВт.

Баъд аз дида баромадани натиҷаҳои корҳои мустақилона, ба хонандагон метавонем чунин саволҳоро пешниҳод намоем, ки онҳо ба тариқи шифоҳӣ ҷавоб дода тавонанд:

Қувваи ҷараёни барқ чист? Ион чист? Пайвасти параллелиро дар амал чӣ тавр ва дар куҷо истифода мебаранд? Қонуни Ом чӣ тавр таъриф дода мешавад? Волтметрро ба манбаи ҷараён чӣ тавр пайваст кардан даркор аст? Шиддат чист? ва ғайра.

Аломатҳои дар расм истифодашударо номгузорӣ ва тарзи пайвасти онҳоро дар занҷир бо донишҳои андӯхтаатон асоснок намоед.



Аз ин бармеояд, ки мо метавонем шаклҳои гуногуни корҳои мустақилонаи хонандагонро дар дарс ва хона истифода барем, ки онҳо кор бо маводи таълим, иҷро кардани машқҳои хонагӣ, супоришҳои инфиродӣ, амалӣ, корҳои хаттии санҷишӣ, корҳои ҷустуҷӯӣ, сохтан ва истифодаи нақшаҳо, ҷадвал, ҳалли масъалаҳои ҳисобӣ, иҷроиши озмоишҳои физикӣ ва ғайраро дарбар мегиранд.

Амалияи ташкили кори мустақилона имкон медиҳад, ки шартҳои зерини мусоидаткунандаи самаранокии онро мухтасар ифода намоем:

1. Мавҷуд будани системаҳо дар истифодаи супоришҳо барои ташкили корҳои мустақилона.

2. Коркарди банақшагирии супоришҳои корҳои мустақилона ҳам вобаста ба шакл ва ҳам вобаста ба мазмун.

3. Мувофиқати дараҷаи мураккабии супоришҳо ба дараҷаи имконоти таълимӣ.

4. Кори мустақилона (на зиёда аз 15-18 дақиқа) ҳангоми ба нақша гирифтани дарс.

5. Пай дар пай мураккаб гардидани мазмуни вазифаҳои фаъолияти мустақилонаи таълимии хонандагон.

6. Равшан ифода кардани мақсади супориш ва пайвасткунии назорат бо худназоратӣ, баҳо бо худбаҳогузорӣ.

7. Ҳавасманд намудани хонандагон ба интихоби супоришҳои дараҷаи баланди мураккаби ҳисобӣ.

8. Ба ҳам пайвастани оқилонаи кори мустақилона бо дигар шаклҳо ва методҳои омӯзиш.

Хулоса, аз рӯйи тавсияҳои мазкур ташкил ва гузаронидани корҳои мустақилона дар дарси физика дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ ҳам аҳамияти калони маърифатӣ ва ҳам тарбиявию амалӣ дошта, ба ин васила, малакаву маҳоратҳои амалии хонандагон ташаккул ёфта, қобилияти фикрӣ ва эҷодиашон инкишоф меёбад.

МЕҲРИ ДИЁР

Бандаи бозори савлат нестам,
Носипос аз нони давлат нестам.
Марҳаме бар дардмандонам ҳанӯз,
Иллате аз баҳри миллат нестам.
Дар навои ишқ мехонам суруд,
Холӣ аз меҳру муҳаббат нестам.
Дар ҳавои кокуле берун шудам,
Баъд аз ин дар кунҷи хилват нестам.
Гар набошад дар дилам меҳри диёр,
Раҳрави дунёи иззат нестам.

Иззатбек Идизода

НАҚШИ КОРҲОИ БЕРУНАЗДАРСӢ ДАР ТАШАККУЛИ ЗЕҲНИИ ХОНАНДАГОНИ СИНФҲОИ 5-7

Мамадҷон МАҲКАМОВ – профессори кафедраи методикаи таълими математикаи ДДОТ ба номи Садриддин Айнӣ, номзади илмҳои педагогӣ,
Абдураззоқ РАЗЗОҚОВ – дотсенти кафедраи методикаи таълими математикаи ДДОТ ба номи Садриддин Айнӣ, номзади илмҳои педагогӣ

Тадбири беруназдарсӣ аз фанни математика дар синфи 5 – «Қатораи математикии хушҳол»

Мақсадҳо:

тарбиявӣ: васеъ кардани ҷаҳонбинӣ ва рушди тафаккури мантиқии хонандагон;

инкишофёбанда: мусоидат намудан ба инкишофи тафаккур, фаъолияти маърифатӣ ва эҷодии хонандагон;

Вазифаҳо:

- фароҳам овардани шароит барои зуҳури қобилият, маҳорати зеҳнии ҳар як хонанда;

- инкишоф додани чунин хислатҳо, монанди қобилияти шунидани андешаи одами дигар, кор дар гурӯҳ, қобилият ба худшиносӣ ва худбаҳодиҳӣ, маҳорати эҷодкоронаи аз рӯйи худ кор кардан;

- таҳияи саволҳо, супоришҳои ҷолиб аз фанни математика, инкишоф додани шавқи маърифатии хонандагон.

Рафти ҷамъомад

1. Лаҳзаи ташкилӣ (3 дақиқа)

 интихоби аъзои ташаккули зеҳнии даста (дар ҳар як даста як адад);

 интихоби мухлисон;

 интихоби сарвари даста, ки амалиёти аъзои дастаро ҳамоҳанг месозад ва ба саволҳо ҷавоб медиҳад;


- интихоби ҳайати ҳакамон (2-3 нафар);

 маълумот оид ба қоидаҳои чорабинӣ;

 меъёрҳои арзёбӣ;

 холи ҷаримавӣ барои вайрон кардани интизом (барои эрод 1 хол) ситонида мешавад.

Ровӣ: Бачаҳо, имрӯз мо бо қатораи математика ба сафар мебароем. Шумо аз бисёр истгоҳҳои фароғатӣ ва ҷолиб мегузаред, ки дар ҳар яки онҳо санҷишҳои душвор шуморо интизоранд. Аммо барои ба қатора савор шудан аз хазина чипта харидан лозим аст.



Хазина

Ба дастаҳо барои ҳисобкунии шифоҳӣ супоришҳо пешниҳод карда мешаванд. Ҷавобҳо дар коғазҳо навишта мешаванд (аз ҳар як даста як нафар). Ҷавобҳо фавран санҷида мешаванд ва вобаста ба натиҷа чиптаҳо барои мошинҳои нарм, купе ва ҷойи нишаст дода мешаванд. Дар варақаи хатсайр шумораи пунктҳо ва навъи вагон қайд карда мешавад. Агар холҳо баробар бошанд, дастае, ки дар вагонҳои беҳтарин савор шудаанд, дар охири бозӣ ғолиб мешавад.

Хатсайр ба таври зерин сурат мегирад. Дар саҳифаи 1-ум онҳо ба кадом даста варақаи роҳхати додашударо месупоранд ва тартиби аз қитъаҳо гузаштани онҳоро нишон медиҳанд (ин барои ҳар як даста гуногун аст). Вақте ки даста ба ин ё он қитъа меояд, навбатдори истгоҳ варақаи хатсайрро пур мекунад.

Саволҳо:

1. Дар боғ 4 гунҷишк нишаста буданд. 2 гунҷишки дигар ба сӯйи онҳо парвоз карданд. Гурбаи зирак хеста, як гунҷишкро дошт. Дар боғ чанд гунҷишк боқӣ монд?

2. Чаҳор нафар 4 соат домино бозӣ карданд. Ҳар кадоме чанд соат бозӣ мекард?

3. Дар роҳ 2 писару 2 сомонӣ ёфт шуд. Чаҳор нафари дигар аз паси онҳо мераванд, чанд нафар пайдо мекунанд?

4. Хурӯс, ки бо як по истодааст, 3 кг вазн дорад. Вай бо ду по истад, чӣ қадар вазн пайдо мекунад?

5. 2 ададеро ёбед, ки ҳосили зарби онҳо 24 ва ҳосили тақсимашон низ 24 аст.

6. Агар 2 даҳиро ба 3 даҳӣ зарб кунед, чанд даҳӣ мебарояд?

7. Мусофир ба таксӣ ба сӯйи деҳа мерафт. Дар роҳ ба панҷ мошини боркаш ва се мошини сабукрав дучор омад. Чанд мошин ба деҳа мерафт?

8. Бачаҳо чӯбро бо пораҳои дарозии муайян диданд. Арра кардани як адади чунин порча як дақиқа вақтро мегирад. Дар чанд дақиқа онҳо чӯберо, ки дарозиаш 5 метр аст, ба панҷ қисм ҷудо мекунанд?


Ҳакамон баъди ҷамъбаст эълон мекунанд, ки кадом даста дар кадом мошин аст.

Ровӣ: Хайр, ҳама ҷойи худро гирифтанд. Пас, биёед.

Бо садои ҳуштак дастаҳо ба қитъаҳои худ пароканда мешаванд. Вақти омадан дар ҳар як истгоҳ 5 дақиқа аст. Бо ҳуштак дастаҳо ба истгоҳи навбатӣ ҳаракат мекунанд. Сардори қитъа, талабаи мактаби миёна вақтро назорат мекунад. Аз тарафи роҳбар садои ҳуштакҳо бароварда мешавад (шумо метавонед сабти ҳуштакро истифода баред).

Истгоҳи 1 «Ғалаба»

Дар ин ҷо аз даста хоҳиш карда мешавад, ки ба саволҳои зерин ҷавоб диҳанд. Барои ҳар як калима тахминӣ - 1 хол. Дар охир сардори қитъа холҳои калимаҳои ҳалшударо ҷамъбаст карда, дар варақаи хатсайр миқдори умумии холҳоро менависад.



1. Амалиёти арифметикӣ.
2. Ададе, ки аз он тарҳ карда мешавад.
3. Ададе, ки ба он тақсим мешавад.
4. Ҷамъи дарозии ҳамаи тарафҳои секунҷа.
5. Дар расм кадом фигура тасвир карда шудааст?
6. Ададе, ки ҷамъ карда мешавад.
7. $23=4 \cdot 5 + 3$.
8. Ин чист: $2x - 6 = 2$?
9. Дар расм чанд-то секунҷа мавҷуд аст?

Истгоҳи 2 «Қайдҳои хандаовар»

Дар ин истгоҳ аҳли гурӯҳ бояд сурудҳое бихонад, ки шумораи тартибӣ доранд. Ҳам интихоби дурусти суруд ва ҳам сифати иҷрои он ба назар гирифта мешавад. Сардори истгоҳ миқдори умумии пунктҳоро дар варақаи хатсайр қайд мекунад.

Намунаи сурудҳо: «Ду карат ду чор», «Дар мактаб чӣ меомӯзонанд», «Бо ҳам сайру гашт кардан хуш аст», «Модаркалон бо ду ғоси хандаовар зиндагӣ мекардаанд», «Чор таракан ва крикет» ва ғайра (сурудҳои муосир низ метавонанд истифода шавад).

Истгоҳи 3 «Канӣ, ёбед?»

Аз даста хоҳиш карда мешавад, ки муаммоҳоро ҳал кунад. Барои муаммоҳои ададӣ - 2 хол, барои шифоҳӣ - 3 хол.

Муаммоҳои калимаҳо:

1. Т  И=А

2. Ми  О=У 3.  К=М

Ребусҳои ададӣ:

1. _*0*3* 2. _7*53* 3. _****
3*0*4 *9**2 ***
18990 14909 1

Истгоҳи 4 «Диққат»

Дар ин қитъа сардори он супоришҳоро ба аҳли даста хонда медиҳад. Аммо вазифаҳо осон нестанд. Шумо бояд бодиққат гӯш кунед, зеро савол дар охир дода мешавад. Барои ҳар як масъалаи ҳалшуда 2 хол дода мешавад.

Масъалаҳо:

1. Дар автобус 25 нафар буданд.

Дар истгоҳи аввал 7 нафар фуромада, 4 нафар савор шуданд.
Дар истгоҳи навбатӣ 12 нафар фуромада, 5 нафар савор шуданд.
Дар истгоҳи навбатӣ 8 кас фуромада 6 кас савор шуд.
Дар истгоҳи навбатӣ 2 нафар фуромада 16 нафар савор шуданд.
Дар истгоҳи дигар 5 нафар фуромад.
Чанд истгоҳ вуҷуд дошт?

2. Дар бозор

Тоҳир дар бозор табар, қолин ва сарпӯш мефурӯхт. Сатил планерҳо, косаю сабадҳо ва мошинчаҳои бачагонро низ мефурӯхт.

Назди пештахта серодам буду ҳама мехариданд, арзон намекарданд.
Хурду калон Тоҳир ва молашро ситоиш карданд.
Савол: Ҳисоб кунед, ки Тоҳир дар бозор чанд намуди молҳои гуногунро фурӯхтааст?

3. Проблемаи Чамани пиразан


Чаман ба Бохтар рафт, 12 нафар бача бо ӯ вохӯрданд,
Ҳар яке сабад дорад, дар сабад - гурба,
Гурба гурбача дорад, гурбача муш дорад.
Пиразан Чаман фикр мекард: «Чӣ қадар гурбача ва мушҳо бошад?»
Оё бачаҳо туро ба Бохтар мебаранд?
Чаман танҳо ба Бохтар рафт.
Ва бачаҳо бо сабад, гурбачаҳо ва гурбаҳо
Мо ба пешвози ӯ, ба Норак рафтем!]

4. Истгоҳи «Светофор» (Чароғак)


Дар ин ҷо ба даста масъалаҳои дар доираҳои гуногун навишташуда пешниҳод карда мешаванд, ки ба миқдори холҳои супориш мувофиқанд. Агар супориш дар доираи сурх бошад, пас барои он 6 хол, агар дар доираи зард - 4 хол ва агар дар доираи сабз бошад, 2 хол дода мешавад.

Масъалаҳо:

1. Аз ин 5 квадрати бо гӯгирдчӯб сохташуда, 3 гӯгирдчӯбро тарҳ кунед, то 3-тои ҳамон квадрат боқӣ монад. (6 хол)



2. Гӯгирдчӯбҳо ба поён ҳаракт мекунанд. Ҷойи 3 гӯгирдчӯбро чунон иваз кунед, ки онҳо ба боло ҳаракт кунанд. (6 хол)



6. Истгоҳи «Моҳидорӣ»

Дар ин истгоҳ ба хонандагон масъалае пешниҳод мешавад, ки дар варақаҳо дар шакли моҳӣ сохта шудааст. Дар як тарафи варақа шарти масъала, дар тарафи дигар вазни моҳӣ нишон дода мешавад. Агар вазни моҳӣ 100 грамм бошад, пас барои ҳалли масъала 1 хол, барои 200 грамм - 2 хол дода мешавад.

Масъалаҳо:

1. Дар як тарозу хишт, дар тарафи дигар нисфи ҳамон хишт ва санги тарозу 1 кг сабт шудааст. Тарозуҳо дар мувозинат қарор доранд. Як хишт чӣ қадар вазн дорад? (1 хол)

2. Барои қалам 1 сомонӣ доданд, ки он нисфи арзиши қаламро ташкил медиҳад. Нархи қалам чанд сомонӣ аст? (1 хол)

3. Дар хона 4 кунҷ мавҷуд аст. Дар ҳар гӯша гурба ҳаст. Дар муқобили ҳар як гурба се гурба ҳаст. Ҳар як гурба дар думи худ як гурба дорад. Дар ҳуҷра чанд гурба ҳаст? (1 хол)

4. Матое ҳаст, ки дарозиаш 16 м аст, агар аз он ҳар рӯз 2 м бурида гиранд, аз чанд рӯз порчаи охиринаш бурида мешавад? (2 хол)

5. Падар 6 писар дорад. Ҳар як писар як хоҳар дорад. Падар чанд фарзанд дорад? (2 хол)

6. 5 дона себро байни панҷ кӯдак тақсим кунед, то ҳама як себ гиранд ва як себ дар сабад боқӣ монад. (2 хол)

7. Истгоҳи «Табрик»

Ҳамаи дастаҳо дар як вақт ба ин истгоҳ меоянд. Дар ин лаҳза ҳакамон натиҷаҳоро ҷамъбаст ва холҳоро эълон мекунанд ва ба дастаҳо мукофот тақдим мекунанд. Шумо, инчунин, метавонед нишонҳо (медалҳо)-и аз коғаз сохташударо ба кӯдакон диҳед. Барои ҷои аввал - медали «Вундеркинди сол (кӯдаке, ки истеъдоди фавқулода дорад)», барои ҷойи 2-юм ва 3-юм - медали «Математикҳои бузург».

Ҷавобҳо: Саволҳо. 1. 0, боқимонда парвоз карданд; **2.** 4 соат; **3.** 0; **4.** 3 кг; **6.** 60 даҳҳо; **7. Я**к мошини таксист, боқимонда аз деҳа мерафтанд; **8.** 4 дақиқа.

Истгоҳи 1 «Ғалаба». 1. Зарб; **2.** Тарҳшаванда; **3.** Тақсимкунанда; **4.** Периметр; **5.** Панҷкунҷа; **6.** Ҷамъшаванда; **7.** 3 бақия; **8.** Муодила; **9.** 14-то**.**

Истгоҳи 3 «Канӣ, ёбед?». 1. Нуқта; **2.** Минус; **3.** Сумма.

Ребусҳои ададӣ:

1. $\begin{array}{r} 50034 \\ -\ 31044 \\ \hline 18990 \end{array}$ 2. $\begin{array}{r} 74531 \\ -\ 19622 \\ \hline 54909 \end{array}$ 3. $\begin{array}{r} 2222 \\ -\ 111 \\ \hline 2111 \end{array}$

Истгоҳи 4 «Диққат». Масъалаҳо: 1. Дар автобус 25 нафар буданд: 5 истгоҳ;

Истгоҳи «Моҳидорӣ»: 1. 2 кг; **2.** 2 сомонӣ; **3.** 4 гурба; **4.** 7 рӯз; **5.** 7 кӯдак; **6.** Ба чор кӯдак як себ диҳед ва ба кӯдаки панҷум себро дар сабад диҳед**.**

Имом Ғаззолиро пурсиданд: «Чӣ гуна расидӣ бад-ин мақом дар улум?» Гуфт: «Бад-он, ки ҳар чи надонистам, аз пурсидани он нанг надоштам».

Саъдии Шерозӣ

Бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон
аз 29 апрели соли 2024, №240 тасдиқ шудааст

КОНСЕПСИЯИ МИЛЛИИ АРЗЁБИИ СИФАТИ ТАҲСИЛОТ ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН БАРОИ ДАВРАИ ТО СОЛИ 2044

1. МУҚАРРАРОТИ УМУМӢ

1. Консепсияи миллии арзёбии сифати таҳсилот дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2044 (минбаъд — Консепсия) таъмини имкониятҳои баробари арзёбии таҳсилотро барои таълимгирандагон дар ҳамаи зинаҳои таҳсилот ба роҳ мемонад ва ба рушди қобилиятҳои инфиродӣ, аз ҷумла, ташаккули тафаккури мантиқию таҳлилӣ (интикодӣ) ва амалӣ намудани сатҳҳои гуногуни арзёбӣ мусоидат мекунад.

2. Консепсия амалӣ намудани пайдарпайӣ ва ҳамоҳангии арзёбиҳоро дар сатҳи синф, аз синф ба синф гузаронидан, гурӯҳи академӣ, аз курс ба курс гузаронидан, аттестатсияи хатм, арзёбиҳои миллӣ ва байналмилалӣ пешбинӣ менамояд. Консепсия имкон медиҳад, ки ба нақшаю барномаҳои таълимӣ ва китобҳои дарсӣ мутобиқи талаботи арзёбӣ тағйирот ворид карда, ислоҳоти соҳаи маориф дар самти гузаронидани арзёбиҳои миллӣ, байналмилалӣ ва кафолати давлатии ҳуқуқии шаҳрвандон ба таҳсил амалӣ гардад.

3. Дар Консепсия арзишҳои миллию умумибашарӣ, эҳёи дарки худшиносии таърихӣ, ҳувият ва анъанаҳои миллӣ, дастовардҳои илмию техникӣ ва таҷрибаи пешқадами мамлакатҳои пешрафта ба эътибор гирифта шудааст.

4. Консепсия кафолати сифати таҳсилот дар муассисаҳои таълимӣ, мазмуни фаъолияти онҳо ва сохторҳои зертобеи онҳоро дар самти таъмини сифат муайян менамояд. Такмили фаъолияти таҳсилотии ин муассисаҳо ба мунтазам гузаронидани арзёбии дохилӣ ва берунии сифати таҳсилот бо иштироки тарафҳои манфиатдор, аз ҷумла, корфармо ва иттиҳодияҳои онҳо, инчунин, коршиносони дохилӣ ва хориҷӣ асос меёбад.

5. Консепсия меъёрҳои арзёбиро вобаста ба сатҳҳо (синфӣ, гурӯҳи академӣ, курс, муассисавӣ, миллӣ ва байналмилалӣ) муайян намуда, ба танзим медарорад.

6. Консепсия омода намудани ҳуҷҷатҳои иловагиро барои таъмини эътимоднокӣ ва самаранокии ҳар як намуди арзёбӣ дар ҳамаи зинаҳои таҳсилот пешбинӣ менамояд.

7. Консепсия ба банақшагирии раванди таҳсил мусоидат карда, ҷиҳати ҳалли мушкилоти арзёбӣ дар шароити татбиқи муносибати босалоҳият ба таълим имкон фароҳам меорад.

8. Дар Консепсия мафҳумҳои зерин истифода мешаванд:

- арзёбӣ - раванди мунтаззами ҷамъоварӣ, таҳлил ва тафсири маълумот бо мақсади муайян намудани самаранокии барномаҳои таълимӣ, усулҳои таълим ва ноил шудан ба ҳадафҳои таълимӣ буда, баҳодиҳӣ ба сатҳи дониш, маҳорат ва салоҳияти таълимгирандагон, инчунин, арзёбии захираҳои омӯзишӣ, мавод ва муҳити омӯзишро дар бар мегирад;

- арзёбии байналмилалӣ – таҳлили мунтазами низоми таҳсилот буда, дар худ стандартҳои байналмилалӣ, низомҳои рейтингӣ, лоиҳаҳои таҳқиқотиро дар самти санҷиш, муқоисаи дастовардҳои таълимӣ ва самарабахшии низоми таҳсилоти миллӣ бо кишварҳои гуногун дар бар мегирад;

- арзёбӣ дар сатҳи синф – муайян намудани роҳҳои баланд бардоштани дараҷаи донишу маҳорат ва беҳгардонии натиҷаҳои таълими таълимгиранда;

- арзёбии ҷамъбастӣ – раванди муайян намудан ва муқоисаи сатҳи ниҳоии ташаккули дониш, малака ва маҳорати таълимгиранда аз рӯйи ҷамъбасти марҳалаҳои муайяни соли таҳсил (чоряк, рейтинг, нимсола ва солона);

- арзёбии миллӣ – таклили мунтазами раванди таълим дар сатҳи чумҳурӣ буда, санҷиши самаранокии барномаҳои таълимӣ, арзёбии салоҳиятнокии таълимгирандагон, инчунин, таҳлили захираҳо ва сохтори низоми таҳсилотро бо мақсади муайн кардани сатҳи умумии он дар бар мегирад;

- арзёбии ташаккулдиҳанда – раванди ҷамъоварӣ, коркард ва таҳлили маълумоти сифатӣ оид ба сатҳи азхудкунии маводди таълим ва мутобиқ намудани фаъолияти таълимӣ ба эҳтиёҷоти фардии таълимгиранда мебошад, ки ба рушди дониш, малака ва маҳорати ӯ равона карда шудааст;

- арзёбии ташхисӣ муайян кардани сатҳи ибтидоии ташаккулёбии дониш, малака, маҳорат ва салоҳиятнокии таълимгиранда дар оғози чоряк, рейтинг, нимсола ва соли таҳсил ва ё омӯзиши мавзуъи китоби дарсӣ дар раванди таълим;

- аттестатсияи хатм – тартиби муқаррар намудани мутобиқатии мазмун, сатҳ ва сифати тайёрии хатмкунандагони муассисаҳои таълимӣ ба талаботи стандартҳои давлатии таҳсилот;

- барномаҳои таҳсилотӣ — маҷмуи тавсифҳои асосии раванди таҳсилот (ҳаҷм, мазмун, натиҷаҳои нақшавӣ) ва шароити ташкилию педагогӣ мебошад, ки дар шакли нақшаи таълим, ҷадвали тақвимии таълим, барномаҳои кории фаннӣ (силлабус), барномаҳои таҷрибаомӯзӣ, маводди арзёбию методӣ ва барномаи кории тарбиявӣ пешниҳод шуда, нақшаи тақвимии фаъолияти тарбиявӣ, инчунин, шаклҳои арзёбии фаъолияти таълимию тарбиявиро дар бар мегирад;

- кафолати сифати таҳсилот – фаъолияти якҷояи сохторҳои муассисаҳои таълимӣ оид ба амалигардонӣ ва такмили сиёсати давлатӣ дар таъмини сифати таҳсилот мебошад;

- натиҷаҳои арзёбӣ – таклили раванди таълим, ҳисобкунии холҳои арзёбӣ, муқоиса, гузариш аз як зинаи таҳсилот ба зинаи дигар, мониторинги самаранокии сифати таълим, тақсимоти захираҳои таълимӣ, арзёбии сифати барномаҳои таълимӣ ва натиҷаи таълим, инчунин, пешниҳоди иттилоот ба аҳли ҷомеа;

- сифати таҳсилот маҷмуи нишондиҳандаҳои стандартҳои давлатии таҳсилот ва талаботи давлатӣ;

- таъмини сифати таҳсилот – фароҳам овардани шароит, аз ҷумла, ҷудо намудани захираҳои зарурӣ (таълимию методӣ, молиявӣ, моддию техникӣ, иттилоотӣ ва кадрӣ) барои ноил гардидан ба мақсади гузошташуда дар самти болоравии сифати таҳсилот мебошад;

- ҷамъоварии маълумот – гузаронидани санҷиши сифати ичрои барномаҳои таълимӣ (донишҳои шифоҳӣ ва хаттӣ), фаъолияти таълимгиранда, таҳлили протоколҳои бахогузорӣ ва ҳуҷҷатҳои дигари таълимии муассиса вобаста ба арзёбии сифати таҳсилот.

9. Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон сифати таҳсилот ва дониши таълимгирандагони муассисаҳои таълимии томактабӣ, таҳсилоти умумӣ, олии касбӣ ва касбии баъд аз муассисаи олии таълимӣ ва довталабони муассисаҳои таҳсилоти касбӣ, Кумита оид ба таҳсилоти ибтидоӣ ва миёнаи касбии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон сифати таҳсилот ва дониши таълимгирандагони муассисаҳои таълимии таҳсилоти ибтидоӣ ва миёнаи касбиро таъмин мекунад. Агентии назорат дар соҳаи маориф ва илми назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ин равандро назорат менамояд.

2. МАҚСАД ВА ВАЗИФАҲОИ КОНСЕПСИЯ

10. Мақсади Консепсия беҳтар гардонидани сифати таҳсилот ва ба танзим даровардани низоми арзёбӣ дар ҳама зинаҳои таҳсилот, инчунин, идоракунии тадбирҳои вобаста ба низоми баҳогузорӣ ва арзёбӣ дар соҳаи маориф ифода гардида, ба амалишавии корҳои зерин мусоидат мекунад:

- мутобиқатии барномаҳои таълимӣ бо стандартҳои фаннӣ;
- арзёбии барномаи таълимӣ;
- арзёбии натиҷаҳои таҳсилоти таълимгиранда;

- мониторинги дастовардҳои таълимгиранда;

- муайян намудани механизмҳои муосири баҳогузорӣ ва арзёбии мониторинги стандартҳои давлатии таҳсилот;

- заминагузорӣ ба арзёбиҳои миллӣ ва байналмилалӣ;

- қабули қарорҳо ва идоракунии раванди таълим.

11. Консепсия маълумоти заруриро барои рушди зеҳнии таълимгирандагон бо мақсади такмили фаъолияти таълимӣ (дастгирии методӣ, такмили ихтисос, омода намудани омӯзгорони оянда дар зинаи таҳсилоти касбӣ) ва сиёсат дар самти таҳсилот (банақшагирӣ, тағйирот ба стандартҳои давлатӣ ва фаннӣ, барномаю нақшаи таълимӣ ва муқаррар намудани буҷет) тавассути муайян кардани мушкилот ва имкониятҳо дар муассисаҳои таълимии ҷумҳурӣ пешниҳод менамояд.

12. Консепсия ба муайян кардани дастовардҳои таълимии таълимгиранда ва арзёбии воқеъбинонаи он, ки сифати таҳсилотро таъмин мекунанд, мусоидат менамояд.

13. Вазифаҳои арзёбӣ дар соҳаи маориф:

- такмил додани раванди таълиму тарбия;

- ба даст овардани маълумоти воқеъбинона дар бораи дастовардҳои таълимгирандагон;

- ҳамгироии такмили низоми миллии арзёбии ислоҳоти соҳаи маориф (бознигарии меъёру стандартҳо, барномаҳои таълимӣ дар асоси муносибати босалоҳият, нақшаи таълимӣ, мониторинг ва арзёбии низоми такмили ихтисоси омӯзгорон);

- истифодаи самараноки натиҷаҳои арзёбии ташхисӣ, ташаккулдиҳанда ва ҷамъбастӣ аз ҷониби омӯзгорон;

- арзёбии синфӣ, муассисавӣ ва миллӣ барои идоракунии самаранок бо мақсади ба даст овардани маълумоти воқеъбинона дар бораи сифати таълим, таъмини иштироки кишвар дар арзёбии байналмилалӣ;

- ба роҳ мондани ҳамкории доимӣ байни омӯзгорон, таълимгирандагон, падару модар (шахсони онҳоро ивазкунанда) ва роҳбарияти муассисаи таълимӣ дар раванди арзёбии сифати таҳсилот;

- омода намудани мутахассисон дар ин самти фаъолият.

3. РАВАНДИ АРЗЁБИИ СИФАТИ ТАҲСИЛОТ

14. Консепсия арзёбии сифати таҳсилотро дар ҳама зинаҳои таҳсилот дар заминаи амалияи мавҷуда ва дастовардҳои кишварҳои пешрафта дар ин соҳа пешбинӣ менамояд.

15. Арзёбӣ дар муассисаҳои таълимӣ тибқи талаботи Консепсия ба таври зерин ба роҳ монда мешавад:

- сабт, таҳлил, хулосабарорӣ ва баҳодиҳии мунтазами натиҷаҳои бадастомадаи таълимгиранда дар раванди таълим;

- муқаррар намудани мутобиқатии мазмун, сатҳ ва сифати тайёрии хатмкунандагони муассисаҳои таълимӣ ба талаботи стандартҳои давлатии таҳсилот тавассути аттестатсияи аз синф ба синф гузаронидан ва хатм;

- воқеъбинона, шаффоф ва одилона баҳо додани дониши довталабон, таъмини баробарҳуқуқии онҳо барои дарёфти таҳсилоти миёна ва олии касбӣ тибқи имтиҳонҳои марказонидаи дохилшавӣ;

- ташкили мониторинг, муайян кардани сифати таҳсилот ва иштирок дар барномаҳои байналмилалии арзёбии дониши таълимгирандагон.

16. Консепсия ҳамоҳангии ҳама гуна арзёбӣ, аз ҷумла, арзёбии дохилисинфӣ, аттестатсияи хатм, имтиҳонҳои марказонидаи дохилшавӣ, арзёбии миллӣ ва байналмилалиро таъмин намуда, натиҷаҳои бадастомада оид ба пешрафти таълимгирандагонро муайян менамояд.

17. Арзёбии миллӣ натиҷаи пешрафт тибқи меъёри стандартҳои фаннӣ дар марҳалаҳои муайян пешниҳод ва дар даврaҳои муайян гузаронида, таҳлил ва истифодаи он зимни муқоисаи рушди таълим, ояндабинии он (дастгирии методӣ, такмили ихтисос, омӯзиши кадрҳои педагогӣ, маводди иловагии таълим) ва сиёсати давлатӣ дар соҳа (тағйирот ба стандартҳо, барномаҳои таълимӣ, нақшаи таълим, китобҳои дарсӣ) ба роҳ монда мешавад.

18. Арзёбии миллӣ дар асоси таҷрибаи кишварҳои пешрафта бо дар назар доштани рушди миллии арзёбии сифати таҳсилот дар заминаи захираҳои мавҷуда ва талаботи низоми таҳсилоти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дар асоси барномаю нақшаҳои муқарраршуда гузаронида шуда, натиҷаҳои пешрафтро дар асоси меъёрҳои стандарти давлатӣ ва фаннӣ дар марҳалаҳои муайян пешниҳод менамояд.

19. Барои тақвияту дастгирии раванди арзёбиҳои миллӣ тадбирҳои зерин андешида мешаванд:

- банақшагирӣ ва идоракунӣ;
- муайян намудани муқаррарот;
- муайян намудани давра ва муҳлати гузаронидани арзёбӣ;
- омода кардани воситаҳо;
- баргузории арзёбӣ;
- ҷамъоварии маълумот;
- коркард ва таҳлили натиҷаҳо;
- баррасӣ, ҳисоботдиҳӣ ва интишори натиҷаҳои арзёбӣ.

20. Зимни гузаронидани арзёбии миллӣ аз шаклҳои зерини баҳодиҳӣ ба монанди тестӣ, суҳбат, мушоҳида, диктант, эссе, корҳои хаттӣ, пурсиши шифоҳӣ, баҳодиҳӣ ба малака ва маҳорат истифода намуда, меъёрҳои арзёбии дастовардҳои таълимии таълимгирандагон муайян ва барои гузаронидани арзёбии миллӣ, дастур, маҷмуи масъалаҳо, маҷмуи корҳои амалию лабораторӣ ва роҳнамоҳо таҳия ва тасдиқ карда мешаванд.

21. Баъд аз анҷом додани мониторинг оид ба арзёбии миллӣ натиҷаҳои асосии он мавриди муҳокима ва хулосабарориҳо қарор дода шуда, тариқи муайян намудани дастовард ва мушкилоти муассисаи таълимӣ дар самти таъмин намудани сифати таҳсилот ба тарафҳои манфиатдор пешниҳод карда мешавад.

22. Консепсия ҷиҳати иштироки Ҷумҳурии Тоҷикистон дар арзёбиҳои байналмилалӣ шароит фароҳам меорад.

23. Ҳадафи арзёбии байналмилалӣ:

- пайгирии пешрафти дастовардҳои таҳсилот;
- муайян намудани омилҳои таъсиррасон (шароити таълим дар хона ва муассисаҳои таълимӣ, таҷрибаи таълимӣ, худомӯзӣ) ба натиҷаи омӯзиши таълимгиранда;
- ҷамъоварии маълумот ҷиҳати татбиқи сиёсати давлат дар соҳаи маориф;
- баррасии натиҷаҳо оид ба афзалиятҳои асосии мазмуни таҳсилоти миллӣ.

24. Арзёбии байналмилалӣ барои муқоисаи натиҷаҳои низоми таҳсилоти як кишвар бо кишварҳои дигар замина гузошта, барои муайян кардани рейтинги он дар низоми байналмилалии таҳсилот мусоидат мекунад.

25. Ҷумҳурии Тоҷикистон барои иштирок дар барномаҳои арзёбии байналмилалӣ манфиатдор мебошад.

26. Масоили муҳимми таҳқиқот ва меъёрҳои арзёбии пешрафти таълимии таълимгирандагон барои ҳамаи кишварҳои аъзо муқаррар карда шуда, воситаҳои гузаронидани арзёбӣ бо забони давлатӣ тарҷума карда мешаванд, ки натиҷаҳои он ба тарафҳои манфиатдор барои корбарӣ ҷиҳати такмили фаъолияти соҳаи маориф пешниҳод мегардад.

27. Зинаи таҳсилоти умумӣ дар низоми маорифи кишвар мақоми асосии бунёдӣ дорад, зеро маҳз дар ҳамин давра таълимгирандагон аз ҷиҳати равониву ҷисмонӣ рушд ёфта, донишҳои заминавиро аз худ мекунанд ва касби ояндаашонро интихоб менамоянд.

28. Дар муассисаҳои таҳсилоти умумӣ арзёбии сифати таҳсилот дар татбиқи муносибати босалоҳият ба таълим бо мақсади такмили савияи дониш ва малакаҳои заминавии таълимгирандагон гузаронида мешавад.

29. Тибқи Консепсия, арзёбии сифати таҳсилот дар муассисаҳои таҳсилоти умумӣ ба таври зерин ба роҳ монда мешавад:

- арзёбии дохилисинфӣ;
- аттестатсия (аз синф ба синфгузаронӣ ва хатм);

- арзёбии миллӣ;
- арзёбии байналмилалӣ.

30. Дар муассисаҳои таҳсилоти умумӣ арзёбии дохилисинфӣ бо мақсади муайян ва таҳкими сатҳи дониш, рушди салоҳиятнокӣ ва мустаҳкам кардани натиҷаҳои таълими таълимгирандагон ба роҳ монда мешавад.

31. Арзёбии дохилисинфӣ аз ҷузъҳои зерин иборат аст:

- арзёбии ташхисӣ;
- арзёбии ташаккулдиҳанда;
- арзёбии ҷамъбастӣ.

32. Арзёбие, ки бо мақсади муайян кардани дониш, малака ва маҳорати заминавии таълимгирандагон гузаронда мешавад, арзёбии ташхисӣ ном дорад. Арзёбии ташхисӣ минтақаи наздиктарини инкишоф, сатҳи ибтидоии ташаккули дониш, малакаю маҳорат ва салоҳиятнокии таълимгирандагонро муайян мекунад. Арзёбии ташхисӣ дар оғози соли таҳсил ё дар машғулияти аввали давраи таълимӣ гузаронида мешавад.

33. Арзёбии ташаккулдиҳанда раванди пайвастаи ҷамъоварии маълумот оид ба сатҳи дарк, азхудкунии маводди таълимӣ ва мутобиқ намудани фаъолиятҳои таълимию омӯзишӣ ба ниёзи фардии таълимгиранда буда, аз натиҷаи он хулоса пешниҳод мегардад. Арзёбии ташаккулдиҳанда раванди давомдори нақшавӣ ва такроршаванда ба ҳисоб рафта, воситаи кафолати сифати таҳсилот, таҳлили боэътимод ва самарабахши раванди таълим мебошад.

34. Арзёбии ҷамъбастӣ дар анҷоми марҳалаи муайяни таълим (чоряк, рейтинг, нимсола ва соли таҳсил) гузаронида мешавад. Мақсади асосии ин марҳалаи арзёбӣ мониторинги натиҷаҳои фаъолияти таълими таълимгирандагон мебошад.

35. Арзёбии ҷамъбастӣ дастоварду пешрафти таълимгирандагонро дар азхудкунии талаботи стандарти таҳсилот, нақша ва барномаҳои таълимӣ муайян ва баҳогузорӣ намуда, ҳамчун усули расмии асосии пешниҳоди натиҷаҳои ниҳоии таълимии таълимгирандагон ба падару модар ва шахсони онҳоро ивазкунанда пазируфта мешавад.

36. Аттестатсияи хатми таълимгирандагони синфҳои 9 ва 11 як ҷузъи арзёбии ҷамъбастӣ мебошад, ки тибқи муқаррарот баргузор гардида, дар раванди он сатҳи салоҳияти таълимие, ки таълимгирандагон бо дарназардошти меъёру стандартҳои барномаи таълимӣ аз худ намудаанд, муайян карда мешавад.

37. Арзёбии сифати таҳсилот дар муассисаҳои таҳсилоти касбӣ кафолати сифати таҳсилот мониторинг, назорат ва таҳлили ташаккулёбии салоҳияти таълимгиранда (умумифарҳангӣ, касбӣ, умумикасбӣ, тахассусӣ ва фаннӣ)-ро, ки дар стандарт ва барномаҳои таҳсилотӣ дарҷ ёфтаанд, дар бар мегирад.

38. Арзёбии сифати таҳсилот дар муассисаҳои таҳсилоти касбӣ тавассути аттестатсияҳои чорӣ, фосилавӣ ва ҷамъбастӣ сурат мегирад. Дар муассисаҳои таҳсилоти касбӣ низоми холдиҳӣ-рейтингии арзёбии сатҳи азхудкунии барномаҳои таълимӣ аз ҷониби таълимгирандагон амал мекунад.

39. Низоми холдиҳӣ-рейтингӣ яке аз воситаҳои арзёбии сифати таҳсилот буда, барои мутобиқгардонии барномаҳои таълимӣ ва низоми арзёбии азхудкунии онҳо ба стандартҳои давлатии таҳсилоти касбӣ ва барномаҳои байналмилалии арзёбии сифати таҳсилот имкон медикад.

40. Низоми холдиҳӣ-рейтингӣ ҳамчун воситаи арзёбии сифати таҳсилот барои гузаштан аз аттестатсияҳои давлатӣ мусоидат мекунад.

41. Қабули имтиҳонҳои чорӣ, фосилавӣ (рейтинг) ва ҷамъбастӣ барои муайян кардани рейтинги таълимгиранда дар давоми соли таҳсил ва тамоми давраи таҳсил имконият медиҳад.

42. Тибқи Консепсия арзёбии сифати таҳсилот дар муассисаҳои таҳсилоти касбӣ ба таври зерин ба роҳ монда мешавад:

- арзёбии гурӯҳи академӣ;
- арзёбии курс;
- имтиҳонҳои чорӣ, фосилавӣ (рейтинг) ва ҷамъбастӣ;

- арзёбии миллӣ (барои муайян кардани мақоми муассисаи таълимӣ);

- арзёбии байналмилалӣ (барои гирифтани аккредитатсияи байналмилалӣ ҷиҳати муайян намудани мақоми муассисаи таълимӣ дар низоми байналмилалии таҳсилоти касбӣ).

4. МУШКИЛОТИ АРЗЁБИИ СИФАТИ ТАҲСИЛОТ ВА РОҲҲОИ ҲАЛЛИ ОН

43. Мушкилоти арзёбии сифати таҳсилот инҳо мебошанд:

- ба талаботи замони муосир ҷавобгӯ набудани санадҳои меъёрии ҳуқуқии танзимкунандаи масъалаҳои арзёбӣ дар соҳаи маориф;

- дар зарурӣ роҳандозӣ нагардидани ташхис, таҳлил ва арзёбии сифати таҳсилот дар муассисаҳои таълимӣ;

- муайян ва коркард нашудани моделҳои арзёбӣ вобаста ба шаклҳои муассисаҳои таълимӣ ва зинаҳои таҳсилот;

- мавҷуд набудани ҳамкориҳо оид ба масъалаҳои арзёбии сифати таҳсилот бо ташкилоту муассисаҳои соҳаи маорифи давлатҳои пешрафта;

- мавҷуд набудани механизмҳои ягонаву муътамади арзёбии сифати таҳсилот дар соҳаи маориф;

- чавобгӯй набудани меъёри амалкунандаи баҳодиҳӣ (5 хол) ба татбиқи муносибати босалоҳият дар таълим.

44. Роҳҳои ҳалли мушкилоти арзёбии сифати таҳсилот инҳо мебошанд:

- бо мақсади баланд бардоштани сифати таҳсилот ва воридшавӣ ба фазои ягонаи таҳсилоти ҷаҳонӣ ба низоми бисёрхолаи арзёбӣ гузаштан;

- аз нав дида баромадани усулҳои арзёбӣ, навсозии барномаҳои таълимӣ, такмили ихтисоси омӯзгорон ва ҷорӣ намудани технологияҳои инноватсионии таълимӣ;

- тавсеаи мониторинг ва арзёбии сифати таҳсилот дар сатҳи давлатӣ;

- додани таваҷҷуҳ ба рушди малакаҳои тафаккури интиқодӣ ва эҷодкорӣ дар раванди таълим;

- дастгирии таҳсилоти фарогир барои ба назар гирифтани ниёзҳои гуногуни таълимгирандагон;

- таъмини шаффофият ва дастрасии маълумот дар бораи сифати таълим ҷиҳати идоракунии самаранок ва ислоҳи камбудиҳо дар ин самт;

- ҷалби фаъолонаи ҷомеа ба раванди таҳия ва навсозии стандарт ва барномаҳои таълимӣ;

- дастгирии таҳқиқоти педагогӣ барои дарёфти усулҳои инноватсионии таълим, инчунин, таъмини имкониятҳои баробар ва дастрасӣ ба таҳсилот барои ҳамаи гурӯҳҳои ҷомеа.

5. АМАЛИСОЗИИ КОНСЕПСИЯ ВА МАРҲАЛАҲОИ АРЗЁБИИ ОН

45. Амалисозии Консепсия кафолати ҳалли мушкилоти арзёбиро тавассути тадбирҳои зерин таъмин менамояд:

- омода кардани мутахассисон ва масъулони соҳаи маориф ҷиҳати татбиқи арзёбии сифати таҳсилот;

- такмили ихтисоси омӯзгорон;

- дастгирии омӯзгорон аз рӯйи натиҷагирии пешрафти таълимгирандагон;

- таҳияи низоми такмилёфтаи арзёбӣ;

- додани таваҷҷуҳи бештар ба нақши таълимгиранда дар дарки моҳияти омӯзиш ва худбаҳодиҳӣ;

- пешниҳоди таҳлил, ҷамъоварӣ ва ҳисоботдиҳии натиҷаи арзёбӣ дар ҳамаи зинаҳои таҳсилот;

- инъикос ва истифодаи васеи натиҷаҳои арзёбии миллӣ ва аттестатсияи хатм;

- таҳияи заминаи меъёрӣ барои таъмини шаффофият ва адолатнокӣ;

- фароҳам овардани имконият ва шароити мусоид баҳри густариши таҷрибаи ҳамкорӣ;

- назорат ва ба роҳ мондани арзёбии ташаккулдиҳанда.

46. Дар рафти амалисозии Консепсия корҳои зерин ба анҷом расонида мешаванд:

- коркарди тартиби арзёбии миллӣ ва дар асоси натиҷаҳои бадастомада ворид шудан ба фазои ягонаи таҳсилоти умумиҷаҳонӣ;

- ворид намудани тағйиру иловаҳо ба стандарт, низоми арзёбӣ, нақшаву барномаҳои таълимӣ ва курсҳои такмили ихтисос;

- баррасии натиҷаҳои арзёбӣ бо мақсади таъмини талабот ва қонеъ намудани ниёзи таълимгиранда ба омӯзиш ва таълимдиҳии ташаккули шахсият;

- ба роҳ мондани низоми арзёбии дохилисинфӣ, аттестатсияи хатм, имтиҳонҳои марказонидаи дохилшавӣ, арзёбии миллӣ ва байналмилалӣ бо мақсади ба даст овардани маълумоти боэътимод;

- истифодаи натиҷаи арзёбиҳо аз ҷониби омӯзгорон;

- ба роҳ мондани робитаи мутақобилаи омӯзгор, таълимгиранда, волидайн (шахсони онҳоро ивазкунанда) ва маъмурияти муассисаи таълимӣ дар раванди арзёбӣ.

47. Сифати таҳсилот дар марҳалаҳои зерин арзёбӣ мегардад:

1) марҳалаи якум:

- таҳлили вазъи мавҷуда дар самти арзёбии сифати таҳсилот;

- таҳияи санадҳои меъёрии арзёбии сифати таҳсилот, аз ҷумла, санадҳои меъёрии арзёбии барномаҳои таҳсилотӣ, барномаҳои таълимӣ, китобҳои дарсӣ, воситаҳои таълимию методӣ, лексионӣ, амаливу таҷрибавӣ ва ғ.;

- ба роҳ мондани низоми арзёбии дохилисинфӣ, аттестатсияи хатм, имтиҳонҳои марказонидаи дохилшавӣ, миллӣ ва байналмилалӣ бо мақсади гирифтани таҳсилоти боэътимод;

- таҳияи усулҳои стандартикунонидашудаи арзёбӣ;

- таҳияи тестҳо, воситаҳо ва меъёрҳои арзёбӣ;

- омода кардани мутахассисон ва масъулони соҳаи маориф барои татбиқи арзёбии сифати таҳсилот.

2) марҳалаи дуюм:

- таҳия ва навсозии барномаҳо ва маводди таълимӣ;

- таҳлил ва таҷдиди барномаҳою маводди таълимии мавҷуда барои қонеъ кардани онҳо ба талаботи муосири таълимӣ;

- дар асоси натиҷаҳои бадастомада ворид шудан ба фазои ягонаи таҳсилоти миллӣ;

- омӯзиши таҷрибаи давлатҳои хориҷӣ дар самти арзёбии сифати таҳсилот;

- омода кардани маводди нави таълимӣ, аз ҷумла, маводди таълимии ракамӣ;

- ворид намудани тағйиру иловаҳо ба стандарт, низоми арзёбӣ, нақшаву барномаҳои таълимӣ ва курсҳои такмили ихтисос;

- такмили ихтисоси омӯзгорон дар самти арзёбии сифати таҳсилот;

- иштирок дар арзёбии байналмилалии сифати таҳсилот ба таври пилотӣ.

3) марҳалаи сеюм:

- ташкили семинарҳо ва вебинарҳо барои омӯзгорон бо тавоҷҷуҳ ба усулҳои нави таълим ва арзёбӣ;

- пешниҳоди таҳлил, ҷамъоварӣ ва ҳисоботдиҳии натиҷаи арзёбӣ дар ламаи зинаҳои таҳсилот;

- татбиқи технологияҳои рақамӣ дар раванди такмили ихтисоси омӯзгорон вобаста ба арзёбии сифати таҳсилот;

- камгироии технологияҳои иттилоотӣ дар раванди таълим, аз ҷумла таҳия ва истифодаи платформаҳои онлайнӣ барои арзёбии сифати таҳсилот;

- таҳияи барномаҳои электронии арзёбии сифати таҳсилот;

- баррасии натиҷаҳои арзёбӣ ҷиҳати таъмини талабот ва қонеъ намудани ниёзи хонанда ба омӯзиш ва таълими ташаккули шахсият;

- ҳамкорӣ бо шарикони рушд ҷиҳати татбиқи моделҳои самараноки арзёбии сифати таҳсилот.

4) марҳалаи чорум:

- ба роҳ мондани ҳамкории байналмилалӣ дар самти арзёбии сифати таҳсилот;

- татбиқи моделҳои арзёбии сифати таҳсилот мутобиқ ба стандартҳои байналмилалӣ;

- инъикос ва истифодаи васеи натиҷаҳои арзёбии миллӣ ва байналмилалӣ;

- таҳияи дурнамои арзёбии сифати таҳсилот дар муассисаҳои таълимӣ;
- натиҷагирӣ ва таҳлили вазъи сифати таҳсилот ва дастовардҳо дар ин самт;
- мунтазам иштирок намудани ҷумҳурӣ дар арзёбиҳои байналмиалии сифати таҳсилот;
- баргузории пажуҳиши миллӣ оид ба арзёбии сифати таҳсилот мутобиқ ба низоми байналмилалии арзёбӣ;
- таҳияи низоми дастгирии омӯзгорон оид ба натиҷагирии пешрафти таълимгирандагон.

6. НАТИҶАҲОИ АМАЛИШАВИИ КОНСЕПСИЯ

48. Консепсия барои такмили стандарту барномаҳои таълимӣ ва мазмуни китобҳои дарсӣ мусоидат намуда, дар раванди ислоҳоти арзёбии сифати таҳсилот, такмили стандарт, нақшаву барномаҳои таълимӣ ва курсҳои баландбардории маҳорати касбии омӯзгорон муҳим арзёбӣ мегардад. Консепсия барои ҳалли масъалаҳои зерин мусоидат менамояд:
- рушди касбӣ ва таълим барои дастгирии маърифати тарафҳои манфиатдор дар самти арзёбӣ;
- дастгирии методии омӯзгорон зимни баррасӣ кардани натиҷаҳои арзёбии ҷамъбастии таълимгирандагон;
- дастгирии таҷрибаи арзёбии ташаккулдиҳанда, аз ҷумла, намунаи корҳои таълимгиранда;
- таҳияи мавод оид ба такмили арзёбии дохилисинфӣ;
- ҳавасмандгардонии муассисаҳо барои таҳияи супоришҳо ҷиҳати арзёбӣ, таҳлили натиҷаҳои аттестатсияҳои аз синф ба синф гузарондан ва хатм, имтиҳонҳои марказонидаи дохилшавӣ ва пешниҳоди ҳисобот.

7. МАБЛАҒГУЗОРИИ КОНСЕПСИЯ

49. Амалисозии муқаррароти Консепсия аз ҳисоби маблағҳои буҷетии барои Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинишуда ва вазорату идораҳо, муассисаҳои таълимӣ, инчунин, сармоягузориҳои хориҷии созмонҳои байналмилалӣ ва шарикони рушд, шарикони интимоӣ ва сарчашмаҳои маблағгузории дигаре, ки қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон манъ накардааст, амалӣ мегардад.

50. Барои амалигардонии Консепсия аз ҷониби Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон стратегияи дахлдор тасдиқ карда мешавад.

51. Маблағгузори ширкат дар барномаҳои байналмилалии арзёбӣ аз тарафи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон амалӣ карда мешавад.

8. МОНИТОРИНГ ВА АРЗЁБИИ АМАЛИСОЗИИ КОНСЕПСИЯ

52. Мониторинг ва арзёбии амалисозии Консепсия аз ҷониби Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон гузаронида мешавад.

53. Аз рафти амалисозии Консепсия мақоми дахлдор ҳар сол ба Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба рафти иҷрои он маълумот пешниҳод менамоянд. Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамасола ба Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба рафти амалисозии Консепсия маълумот пешниҳод мекунад.


54. Маълумот оид ба рафти амалисозии Консепсия ва ҳисоботи солона дар сомонаи Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷойгир карда мешавад.

9. МУҚАРРАРОТИ ХОТИМАВӢ

55. Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон якҷо бо Агентии назорат дар соҳаи маориф ва илми назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон бо мақсади ҷалби маблағгузорӣ ҷиҳати амалисозии Консепсия бо шарикони рушд ҳамкорӣ менамояд.

56. Вазорату идораҳо ва мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ барои амалисозии самаранокии Консепсия тадбирҳои дахлдор андешида, ба Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Агентии назорат дар соҳаи маориф ва илми назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мусоидат менамоянд.

МУАММОИ «НОДИР»



Аз боло ба поён:

1. Ҳунарманди варзида дар ҳар соҳа ва кору амал. 2. Муқаддасоти миллӣ. 3. «Ин дағалдӯстон, ки мебинӣ, Магасонанд гирди***» (Саъдӣ). 4. Шаҳри энергетикҳо. 5. *** Амиршоев, иштирокдори ҶБВ, Қаҳрамони Иттиҳоди Шуравӣ. 8. Исми маъмулии мардонаи тоҷикӣ. 10. Ҳаммаънои вожаи «Ватан». 13. *** Нурҷонов, мунаққиди шинохтаи театри тоҷик. 14. Муродифи вожаи «душман». 15. «Асад ва***», қаҳрамони повести Аминҷон Шукӯҳӣ. 16. Муншӣ, котиб, хушнавис. 17. *** Шарифзода, шоири фақиди тоҷик.

Аз чап ба рост:

1. Исми умумии техникаи саворӣ. 4. Вожаи ҷуфтистеъмоли «нанг». 6. Исми мардонаи тоҷикӣ. 7. «Вис ва ***», асари адабиёти классикӣ. 9. Кӯҳу ***. 11. «***атро чӣ кунам, гар ту надорӣ сират, Қади як ҷав нахарам сурати бесиратро» (Сайидо). 12. Исми занонаи тоҷикӣ. 13. *** Думбадзе, Нависандаи халқии Гурҷистон. 16. Навъи хӯроки миллӣ. 18. Бозии бо гарав. 19. Он, ки ба масъалаҳои обёрӣ сарукор дорад. 20. Ҷумҳурӣ дар қитъаи Аврупо.

Муратгиб Ҳотами ҲОМИДЗОДА